И Н

ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

# ҚУВВАТИ ОРОМӢ

Қ И

ГЭРИ КИСИ

Л О Б

Дӯсти азиз дар Масеҳ,

Мо дуо мекунем, ки ин манбаи омӯзишӣ шуморо баракат диҳад ва рӯҳбаланд кунад. Лутфан озодона ин маводро бо дӯстон, аъзои оила ва калисои худ мубодила кунед. Инчунин, шумо метавонед ба вебсайти FLNFree.com ташриф оред, то нусхаҳои электронии иловагӣ ва таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

Худо шуморо дӯст медорад, ва Ӯ нақшаи аҷибе барои ҳаёти шумо дорад! Мо чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро омӯхтем, ва он ҳаёти моро ба самти беҳтар тағйир дод, ва мо боварӣ дорем, ки бо шумо низ ҳамин тавр хоҳад шуд!

Бо муҳаббат дар Масеҳ,

Гэри ва Дренда Киси



P.S. Ҳатман ба вебсайти зеркашии ройгони мо FLNFree.com муроҷиат кунед, то таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

И Н

ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

# ҚУВВАТИ ОРОМӢ

Қ И

ГЭРИ КИСИ

Л О Б

**Your Financial Revolution, *The Power of Rest*, Tajik**
Copyright © 2022 by Gary Keesee

Originally published in English
Copyright © 2015 by Gary Keesee
ISBN : 978-0-9729035-9-2

Gary Keesee Ministries,
P.O. Box 779, New Albany,
OH 43054, USA

GaryKeesee.com

This book is a FREE GIFT from Gary Keesee Ministries and is
NOT FOR SALE

**Инқилоби молиявии ту. *Қуввати оромӣ,* бо забони тоҷикӣ**
Copyright © 2022 Гэри Киси

Сараввал бо забони англисӣ нашр гардидааст.
Copyright © 2015 Гэри Киси
ISBN : 978-0-9729035-9-2

Хидматгузории Гэри Киси,
P.O. Box 779, Ню Олбани,
OH 43054, USA

GaryKeesee.com

Ин китоб аз Хидматгузории Гэри Киси тӯҳфа аст ва ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Принсипҳои калидии шанберо омӯхта, шумо дар ҳаёти худ натиҷаҳои воқеиро дида метавонед. Шумо метавонед дар ҷое зиндагӣ кунед, ки эҳтиёҷоти шумо қонеъ гардонида мешаванд. Шумо аз такопӯйҳои калламушмонанд озод мешавед, озодона рисолат ва шавқи худро пайдо мекунед ва некӯаҳвол мешавед. Бо он принсипҳо шумо муваффақ мешавед, на ин ки танҳо барои зиндамонӣ мубориза мебаред, ва ба ҷаҳон натиҷаҳоеро намоиш медиҳед, ки дигарон дидани онҳоро орзу мекунанд.

*Ман ин китобро ба ҳамсарам Дренда бахшидан мехоҳам, зеро маҳз дастгирии ӯ, шавқу рағбати ӯ ба корҳои Худо, муҳаббати ӯ ба оилаи худ ва ба ман дар тӯли ин солҳо маро рӯҳбаланд мекунанд. Мо дар якҷоягӣ исбот кардем, ки орзуҳо воқеан амалӣ мешаванд!*

– Гэри Киси

# МУНДАРИЧА


**Муқаддима** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

**БОБИ 1.** Оромӣ – ин асос . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13

**БОБИ 2.** Ҳуқуқҳои қонунӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 29

**БОБИ 3.** Подшоҳӣ – ин ҷавоби шумо . . . . . . . . . . . . . . . . . 49

**БОБИ 4.** Ман калиди асосии Подшоҳиро ёфтам! . . . . . . . . . . . . 71

**БОБИ 5.** Парвоз кардан аз роҳ гаштан беҳтар аст . . . . . . . . . . 85

**БОБИ 6.** Дар ҳаёт аз пардохти ҳисобҳо дида,
чизи бузургтаре ҳаст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 105

**БОБИ 7.** Ин имконнопазир аст! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 119

**БОБИ 8.** Ҳиссаи дучанд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 131

**БОБИ 9.** Бештар аз андозаи кофӣ! . . . . . . . . . . . . . . . . . . 145

**БОБИ 10.** Сирри ҳиссаи дучанд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169

# МУҚАДДИМА

Рӯзе, ки мо аз хонаи деҳқонӣ кӯчида мерафтем, маро ҳиссиёти талху ширин фаро мегирифт. Мо дар ин хонаи хурди кӯҳнаю фарсудаи деҳқонӣ тақрибан нӯҳ сол зиндагӣ кардем, ва ниҳоят лаҳзае фаро расид, ки ман қуттиҳои охиринро ба микроавтобуси худ бор мекардам. Мо ба хонаи нав, ки бо масоҳати ҳафтсаду понздаҳ метри квадратӣ худамон сохта будем, мекӯчидем. Мо онро дар бисту ду гектар қитъаи замини зебоманзари деҳқонӣ воқеъ дар иёлати Оҳайо, ки ҳашт гектари онро ҷангал ва ботлоқзорҳо ташкил медоданд, бо усули георгианӣ бино карда будем. Ин орзуе буд, ки ҳанӯз якчанд сол пештар аз ин тасаввур кардан мушкил буд.

Мо хонаи кӯҳнаи деҳқонии худро тарк мекардем, гарчанде ман ба ҳар ҳол онро дӯст медоштам. Бале, тамоми вақте, ки дар он ҷо истиқомат доштем, онро бо тирезаҳои шикаста, таҳхонаи чиркин ва бо ҳуҷумҳои пайвастаи оруҳо тоқат мекардем. Чӣ қадар хотираҳои зиёд ба ёд омаданд. Аз панҷ фарзандони мо ду нафарашон дар меҳмонхонаи ҳамин хона таваллуд шуда буданд.

Мо бисёр лаҳзаҳои хуб доштем, аммо дар айни замон, азбаски аксар вақт аз ҷиҳати молиявӣ мушкилӣ мекашидем, мо худро комилан ноумед эҳсос мекардем. Ба мо лозим буд, ки хеле бисёр чизҳоро омӯзем. Акнун инро тасаввур кардан мушкил аст, аммо, вақте

ки мо ба хонаи кӯҳнаи деҳқонии худ нӯҳ сол пеш аз ин кӯчидем, дар як моҳ базӯр 300 доллар пайдо мекардем, то ки иҷорапулӣ диҳем. Мо соҳиби ду мошин будем, ва ҳар ду кӯҳна буданд, бо тай кардани ҳазорҳо мил роҳ, бо вуҷуди ин онҳо амволе буданд, ки ба гарав гузоштан мумкин буд. Дар он давра ба назар чунин менамуд, ки мо гӯё аз ҳама қарздор ҳастем. Мо даҳ корти қарзии пурра тамомшуда, ду қарзи бонкӣ, ду қарзи мошин, қарз аз хадамоти андоз, даҳҳо ҳазор доллар қарз аз хешовандон доштем... Рӯйхатро давом додан мумкин аст. Мо зиндагӣ намекардем, балки ба зинда мондан кӯшиш мекардем, қариб тамоми моликияти мо ба гарав гузошта шуда буданд, чунки барои харидани хӯрокворӣ пул надоштем. Мо фақат чизҳои хеле кӯҳна ва вайрон доштем, ки аллакай дар ҳолати кӯҳна харида будем.

Аҳволи ҳалокатбори молиявии мо дар он давра баояндаи дурахшон умеде намебахшид. Ростӣ гапро гӯям, ман ба ягон дигаргунӣ интизор ҳам набудам. Ман оилаи худро дӯст медоштам, ҳамсари олиҷаноб доштам, вале ман онҳоро ба дӯзахи молиявӣ кашида мебурдам!

Ман антидепрессантҳо истеъмол мекардам, маро ваҳму изтироб фаро мегирифт ва ҳар рӯз бо тарсу ҳарос зиндагӣ мекардам. Ба тavри оддӣ гӯям, ман одами хурсанд набудам. Ман ба фурӯши санади суғуртаи ҳаёт машғул будам, бо пули даллолӣ зиндагӣ мекардам ва зуд ба қаър мерафтам, не, ба вартаи молиявӣ фурӯ меафтодам. Тадриҷан мо бештару бештар ба чоҳи қарз ғарқ мешудем, дар ҳоле ки ягон ҷое намонд, то қарз гирем. Ва дар ҳамин лаҳза ман шикаста шудам. Ваҳму изтироб ақли маро фаро гирифт. Ман ҳатто барои аз хона баромадан метарсидам, гарчанде ин ба кори даллолӣ таъсири бад мерасонид.

Ҳамсари ман фикр мекард, ки шавҳарашро аз даст медиҳад, ва ӯро тарс таъқиб мекард, ки бо чаҳор фарзандаш танҳо мемонад. Вале ӯ имондори масеҳӣ аст, ки ба қуввати дуо боварӣ дорад, ва ӯ таслим нашуд, ба ман эътимод карданро давом дод. Мо якҷоя дуо кардем ва ба омӯхтани принсипҳои Подшоҳии Худо шурӯъ намудем. Вақте

ки мо ба ҷустуҷӯи Худо сар кардем, то ки ҳидояту роҳнамоӣ ёбем, қалбҳои мо аз нури умед дурахшон шуд, ва мо ба ҳадди татбиқи ҳар он чизе, ки Худо ба мо нишон медод, пайдарҳам шоҳиди мӯъҷизаҳо гардидем.

Лаҳзаи тақдирсоз вақте фаро расид, ки як бегоҳӣ Худо ба ман нишон дод, то ман дар соҳаи молия ширкати шахсӣ таъсис диҳам, ва бо ин роҳ ба одамон кӯмак кунам, ки аз қарзҳояшон халос шаванд ва ба онҳо принсипҳоеро, ки Ӯ ба ман намоён карда буд, таълим диҳам.

**ВАҚТЕ КИ МО БА ҶУСТУҶӮИ ХУДО САР КАРДЕМ, ТО КИ ҲИДОЯТУ РОҲНАМОӢ ЁБЕМ, ҚАЛБҲОИ МО АЗ НУРИ УМЕД ДУРАХШОН ШУД, ВА МО БА ҲАДДИ ТАТБИҚИ ҲАР ОН ЧИЗЕ, КИ ХУДО БА МО НИШОН МЕДОД, ПАЙДАРҲАМ ШОҲИДИ МӮЪҶИЗАҲО ГАРДИДЕМ.**

Дар он лаҳза таъсис додани ширкате, ки барои аз қарзҳо халос кардани одамон бояд ёрӣ медод, ғалатӣ менамуд, чунки ҳанӯз худи мо қарзҳои бисёр доштем. Мо дар ин бора дуо кардем, ва Худованд гуфт, ки вақте мо ба пеш қадам мегузорем ва ба дигарон таълим додани принсипҳои Ӯро сар мекунем, мо худамон озодӣ ба даст меорем. Таъсис додани ширкат маънои бо имон роҳ рафтанро дошт, зеро мо ягон тасаввуроте надоштем, ки чӣ тавр онро ба амал орем, вале мо бо исрор кӯшиш мекардем. Ширкат калонтар мешуд, ва ба туфайли фоидае, ки аз фаъолияти он ба даст меовардем, оилаи мо дар давоми дуюним сол пурра аз қарзҳо халос шуд. Дар ин бора ман дар боби оянда нақл хоҳам кард, ҳоло бошад танҳо мегӯям, ки ҳаёти мо ба таври куллӣ дигар шуд! Вақте ки мо ба фурӯшгоҳи мошинҳо омада, барои мошини нав пули нақд додем, вақте ки нақша тарҳрезӣ карда, ба сохтмони хонаи нав машғул шудем ва ҳамаи корҳои сохтмониро пардохт кардем, он таъми озодиро, ки мо чашидем, он ҳиссиёти аҷоиберо, ки аз сар гузаронидем, тасвир кардан ғайриимкон аст. Мо аз он чизе, ки тасаввур карда метавонистем, хурсандии бузургтарро ҳис кардем.

Бале, хонаи деҳқонӣ бисёр хотираҳоро дар худ маҳфуз медошт. Вақте ки ман ба он ҷо барои гирифтани қуттии охирин даромадам, ҳамсарамро дидам, ки дар меҳмонхонаи танг рост меистод. Вай ба ман бо чашмони пурашк нигоҳ мекард. Вале ин ашки ғаму ҳасрат набуд, балки ашки шодӣ ва ҳаяҷон буд, чунки ӯ ҳама он чизҳоеро, ки Худо дар ин ҷо ба мо омӯзонид, ба ёд меовард. Ман ҳам, вақте ки бори охирин ба тамоми ҳуҷраҳо нигоҳ карда, ҳамаи ҳодисаҳои дар ин ҷо рӯйдодаро бо эҳсосоти омехта ба ёд овардам, ашки худро базӯр нигоҳ доштам. Мо як боби ҳаёти худро ба поён расонида, ба ҳудуди нав мегузаштем. Акнун моро чӣ интизор буд? Дар ҳоле ки ба оянда умед надоштем, ин саёҳат моро аз афсурдагӣ раҳо кард. Вақте ки ман бо қуттии охирин аз хона баромадам, истодаму бо табассум ба он нигоҳ кардам. Не, ман туро пазмон намешавам. Акнун ман ҷои беҳтаре дорам.

Ман бо фараҳмандӣ ба хонаи нав кӯчидам. Аммо чизи беҳтарин дар роҳи мо ин буд, ки ниҳоятан мо оромиро шинохтем! Ман дар бораиояндаи худ фикр карда метавонистам, на фақат дар бораи пардохти ҳисобҳо. Дар тӯли солҳое, ки сипарӣ шуданд, зиндагӣ кардан дар оромии Ӯ орзуи хаёлӣ буд.

**ЧИЗЕ, КИ МАНУ ДРЕНДА МУШОҲИДА КАРДЕМ, БАРОИ ШУМО БА ТАВРИ БАРОБАР ДАСТРАС АСТ.**

Барои мошинҳо пардохт кардан оромӣ аст. Бо халосӣ аз қарзҳо зистан оромӣ аст. Соҳиби хонаи пурра пардохтшуда будан дар 22 гектар замин оромӣ аст. Дар чеҳраи ҳамсари худ дидани табассум, вақте ки ӯ ба мағоза меравад ва дар бораи пул ташвиш намекашад, ин оромӣ аст. Дорои ҳама чиз будан ва дар айни замон пули кифоя доштан барои садҳо ҳазор доллар хайрот додан ба одамони дигар ва ёрӣ додан ба мавъизаи Инҷил, ин оромӣ аст. Аммо, шояд, дигаргуниҳои аз ҳама калонтарине, ки дар ҳаёти ман рӯй дод, ин буд, ки ман ҳар саҳар аз хоб бо тарсу изтироб, ки тамоми солҳои гузашта маро азоб медод, бедор шуданро бас кардам. Боз дар бораи чизҳои

гуворо орзу кардан, на дар бораи зинда мондан боз як ҳафтаи дигар, ин оромӣ аст.

Бале, рӯзе, ки ман қуттиҳои охиринро барои кашонидан ба хонаи навамон ба микроавтобус бор мекардам, маро ҳиссиёти талху ширин фаро мегирифт. Вале бовар кунед, ширинии оромӣ, ки ману Дренда мечашидем, он қадар андешаҳои талхи ҳаёти гузаштаро рӯйпӯш мекард, ки мо хандида ва якҷоя орзукунон худро боз монанди кӯдакон ҳис мекардем.

Ман андешаҳои шуморо медонам. Чӣ тавр ман инро мехостам. Чӣ гуна ман мехостам, ки ҳамон тавр хандам ва орзу кунам, ва на танҳо дар бораи он фикр кунам, ки чӣ тавр ҳисобҳоро пардохт намоям. Ҳатто агар ҳоло бовар кардан ба шумо мушкил бошад ҳам, ман шуморо бовар мекунонам, чизе, ки ману Дренда мушоҳида кардем, барои шумо ба таври баробар дастрас аст. Ман дар бораи он дуо мекунам, ки шумо саргузашти моро хонда, барои дар ҳаёти худ татбиқ кардани қонунҳои Худо ва принсипҳои он илҳом гиред.

Ин ҳеҷ мушкилӣ надорад, шумо фақат бояд қуввати оромиро ошкор кунед!

> *Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид; юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт; зеро юғи Ман хуш ва бори Ман сабук аст.*
>
> – Матто 11:28-30

# БОБИ 1

# ОРОМӢ – ИН АСОС

**ОРОМӢ** – ҳолати нисбии беҳаракатӣ, набудани ҳаракатҳои ногаҳонӣ, ҳолати хомӯшӣ, истироҳат, бефаъолиятӣ, набудани ташвиш (Google).

Шумо хаста шудед? Шумо ҳар рӯз ба кор банд ҳастед ва равшаниро намебинад? Оё эҳтиёҷ ба пул қарорҳои шуморо оид ба ҷой, намуд ва давомнокии кори шумо муайян мекунад? Оё ба назаратон шумо ҳеҷ гоҳ аз қарзҳо халос намешавед? Оё ба назаратон шумо бо давутози бемаъно ва худхаробкунанда зиндагӣ мекунед? Агар ҳамин тавр бошад, пас шумо танҳо нестед.

Оё шумо ягон бор чархи давишро барои миримушон дидаед? Ман боварӣ дорам, ки дидаед, аммо агар надида бошед, пас чархеро тасаввур кунед, ки ба қафаси хояндаҳо гузошта мешавад. Миримушон ба он ҷаҳида, то дами хаста шудан медаваду медаваду медавад. Аммо дар ин чарх як мушкилӣ ҳаст. Чи қадаре ки хоянда дурудароз ва босуръат давад ҳам, вақте ки дилгир ё хаста шуда, аз чарх мефарояд, вай дар ҳамон ҷое қарор мегирад, ки аз он давиданро сар карда буд. Ҳеҷ чиз дигаргун намешавад. Вай бо ҳисси қаноатмандӣ аз рӯи пашмини худ арақро пок мекунад. Аммо ҳеҷ чиз дигаргун намешавад, то ки аҳволи зиндагии худро беҳтар гардонад, вай дар қафас бе ҳуқуқ ва озодӣ маҳкам мемонад. Бо аксарият

набошад ҳам, бо шумораи зиёди одамон ва ҳаёти молиявии онҳо айнан ҳамин ҳолат рӯй медиҳад. Онҳо тамоми ҳафта ғайратмандона меҳнат мекунанд, ва бемадор шуда, ба рӯзҳои истироҳат мерасанд, вале чун рӯзи душанбе фаро расад, онҳо боз ба ҳамон ҳолат дучор мешаванд, ки ҳафтаҳои гузашта доштанд. Онҳо фақат боз ҳафт рӯзи навбатӣ зинда монданд.

Нӯҳ соли ҳаёти ман бо чунин аҳвол сипарӣ шуда буд. Ман ғайратмандона ва бо саъю кӯшиш аз 15 то 18 соат дар як рӯз кор мекардам, аммо пас аз супоридани даҳяк, ҳисобҳо ва пули андоз дар ман ҳеҷ чиз боқӣ намемонд. Азбаски пули ман ба эҳтиёҷоти ҳаррӯза намерасид, тадриҷан ба қарз гирифтан одат карда будам, то ки як илоҷ карда, зинда монам. Вақте ки фишори молиявӣ сахт мешуд, ман боз ҳам бештар саъй мекардам, аммо ҳамааш беҳуда буд. Ман бозистода ва беҳбудии ҳаёти худро таҳлил карда, ба хулоса меомадам, ки чун пештара ба ақиб ҳаракат мекунам.

Албатта, ин ба оқибатҳои ногувори психологӣ оварда расонид. Ноумедӣ ва тарс, ки ман ҳар рӯз бар зидди онҳо мубориза мебурдам, тадриҷан ба ҳолати эмотсионалӣ ва ҷисмонии ман таъсир мерасониданд. Ваҳму изтироб, тарси шадид ва бемадорӣ ба ҷисми ман ҳамла мекарданд. Табибон сабаби бемории маро фаҳмида наметавонистанд. Тарс он қадар афкори маро бандубаст мекард, ки ман намедонистам, ки мемирам ё зинда мемонам. Қариб нӯҳ сол аз ҳисоби он зиндагӣ мекардем, ки чизҳоямонро дар ломбард ба гарав мемондем ва аз хешовандон қарз мегирифтем. Ниҳоятан дар мо ягон чиз боқӣ намонд, ки ба гарав гузорем, ва аз худбаҳодиҳии ман қариб чизе боқӣ намонд. Онро ба мисли шодие, ки дар зиндагии ман боқӣ монда буд, бо як кафлез задан тамом кардан мумкин буд. Ман дилшикаста шудам.

Қарздиҳандагон дар навбат меистоданд, то ки бо ман судбозӣ кунанд, ва ҳамон вақт ҳамаи ин чизҳо рӯй доданд. Занги телефон баланд шуд, ва ман бо ноумедии зиёд ҷавоб додам. Ин занги телефон ба зангҳои дигари саҳаргоҳӣ монанд буд.

– Ҷаноби Киси, оё шумо медонед, ки ба мизоҷи мо фалон миқдор пул қарздор ҳастед? Шумо қарзро кай бармегардонед? Ҷаноби Киси, вақте ки ман ба шумо занг зада будам, ин гапро шумо се маротибаи охир гуфта будед. Агар шумо дар давоми се рӯз пулро ба ҳисоби мо нагузаронед, мизоҷи ман шуморо ба суд медиҳад. Оё шумо фаҳмида истодаед, ҷаноби Киси? Се рӯз. Хайр.

Ин занги телефон ба мисли як тонна хиштҳо ба сари ман фурӯ рехт. Гап дар сари он набуд, ки ман аҳволи ногувори худро намефаҳмидам. Ҳамту ман пул надоштам. Дар байни амволи ман ягон чизи арзанда набуд. Яхдон холӣ буд. Оилаи зебои ман дар назди оташдон хоб мекард, то ки хунук нахӯрад, чунки барои гарм кардани хона пул набуд. Касе набуд, ки ёрӣ диҳад. Дӯстон ва хешовандони ман аз кӯмак кардан хаста шуда буданд. Бо ноумедӣ ман оҳиста ба хонаи хоб баромада, кӯндаланг ба кат дароз кашидам. Ман бо нолаю ашкрезӣ аз Худо ёрӣ талабидам.

Худо ба ман гап зад, ман ҳатто ҳайрон шудам, ки ин қадар зуд ҷавоб омад. Ин садои шунаво набуд, ин овозе аз рӯҳи ман буд, ки дар ақли ман возеҳ садо дод. Дар навбати аввал Худованд ба ман гуфт, ки мушкилии ман ба Ӯ ҳеҷ гуна рабте надорад. Ба гумонам, барои он Ӯ чунин гуфт, ки ман, аз нуқтаи назари худ, ҳайрон мешудам, ки чаро Ӯ ба мо ёрӣ намедиҳад. Мо ба калисои калон равубиё мекардем, дар ҳар фурсат саховатмандӣ зоҳир мекардем, қариб ҳама вақт даҳяк медодем. Аммо Ӯ гуфт, ки ман барои он ба душворӣ афтодам, ки чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Ӯро таҳқиқ накардаам. Ӯ ба ман гуфт, ки дар Подшоҳии Ӯ дар робита бо пул ҳама чиз на ба он тавре ки дар замин аст, барпо карда шудааст, ва агар ман хоҳам, ки озод бошам, бояд принсипҳои идора кардани пулро дар Подшоҳии Ӯ омӯзам.

Дар хотирам ҳаст, ки чӣ тавр ман ба поён давидам, ва Дрендаро дошта, ба вай гуфтам, ки Худованд бо ман сӯҳбат кард, ҷавоб дар Подшоҳии Ӯ аст. Албатта, мо каме ҳайрон шудем, зеро гумон мекардем, ки мефаҳмем, ки Подшоҳии Ӯ чӣ тавр барпо карда шудааст. Охир, чуноне ки ман ёдоварӣ кардам, мо ба калисои аҷоиб тааллуқ доштем, мо ҳарду Худоро дӯст медоштем ва медонистем, ки

наҷот ёфтаем. Аммо, чуноне ки маълум шуд, мо роҷеъ ба Подшоҳии Ӯ ва дар он маврид, ки он чӣ тавр кор мекунад, хеле кам медонистем.

Ман хеле хушҳол шудам, ки Худо ба ман гап зад ва ошкор кард, ки ҷавоб дар Подшоҳии Ӯст. Ба ман лозим буд, то бидонам, ки ин чӣ маъно дорад. Вале ман рӯҳбаланд шудам. Зеро ман ҳеҷ тасаввуроте надоштам, ки дар зери мафҳуми *Подшоҳӣ* Худо чиро дар назар дошт. Ман бояд дарк мекардам, зеро дар ҳамин як калима воқеан ҷавобе мавҷуд буд, ки ман ва Дренда муштоқаш будем ва ҷустуҷӯ мекардем.

Ҳамон рӯз мо дастони якдигарро дошта, дуо кардем. Пеш аз ҳама, мо дар назди Худо барои он тавба кардем, ки вақти лозимаро барои омӯзиши Каломи Ӯ ва принсипҳои кори Подшоҳии Ӯ оид ба молиёт ҷудо накардаем. Дуюм, дар назди ҳамсари худ тавба кардам, ки ман, ҳамчун сардори оила, зиндагиамонро ба чунин ҳолати ногувор оварда расондам. Мо ҳарду дуо кардем ва розӣ шудем, ки ба омӯхтани амали Подшоҳии Ӯ шурӯъ менамоем ва тарзи зиндагиамонро дигар мекунем, на ба тавре ки нӯҳ соли охир зиндагӣ кардем.

Роҳи беҳтарини баён кардани он, ки давомаш чӣ шуд, – ба тугмача нигоҳ кардан. Ба ҳуҷраи торик дароед ва ҳамту онро пахш кунед. Рӯшноӣ! Оё дидед? Ана ин ба чӣ шабоҳат дошт, вақте ки Худо моро ба таълим додани Подшоҳии Худ оғоз кард. Гӯё касе тугмачаро пахш кард, ва мо он чиро дидем, ки пештар надида будем. Мо ба фаҳмидани он сар кардем, ки Подшоҳии Худо – ин ҳокимияте, ки қонунҳои доимии худро дорад. Мо дарк кардем, ки ин қонунҳоро фаҳмида, ба қувват ва хиради Худо пайванд шудан мумкин аст, то ки сарвати ба худамон лозимаро дарёфт кунем.

Мо хеле хурсанд шудем, гарчанде ҳанӯз ҳам дар тааҷҷуб будем. Вақте ки Худо ба мо таълим додани низоми Подшоҳии Худро сар кард, якчанд воқеаҳои аҷиб рӯй доданд. Ман дар саҳифаҳои ин китоб воқеаҳои авваларо баён намекунам, чунки онҳо дар китоби нахустини ин силсила "Инқилоби молиявии ту. Қуввати ризоият" (Your Financial Revolution: The Power of Allegiance) оварда шудаанд. Ин

китобро дар сомонаҳои garykeesee.com ё Amazon.com дастрас карда метавонед. Ғайр аз ин ба шумо лозим аст, ки китоби ман “Шикор бо имон”(Faith Hant)-ро хонед, он ба шумо дарсҳои аввалинро роҷеъ ба он, ки Худо чӣ тавр ғун кардани ҳосили таъминотро тавассути шикори оҳувон ба ман нишон дода буд, мефаҳмонад. Аммо барои кӯтоҳ кардани қисса иҷозат диҳед, ки як мисол биёрам.

Чуноне ки аллакай ман дар боло навиштам, мо то ба гӯшамон ба қарз ғӯтида будем ва илоҷе барои халосӣ надоштем. Қарз аз хадамоти андоз, гаравпулӣ аз ломбардҳо, даҳ корти қарзӣ, ки аз рӯи лимит пурра ба охир расида буд, ва се қарзе, ки бо 28 фоизи солона гирифта шуда буданд. Мо ба духтури дандон, хушкашӯӣ, волидайн, дӯстон қарздор будем. Ҳар гуна хидматгузориро номбар кунед, мо ба ҳамааш қарздор будем. Дар олами муқаррарӣ аз ҳеҷ чиз умеде набуд. Новобаста ба он ки ман хеле зиёд кор мекардам, дар муомилоти молиявӣ кори ман хуб пеш намерафт. Вале акнун, вақте ман дидам, ки дар Подшоҳӣ корҳои аҷоиб рӯй медиҳанд (боз ёдрас мекунам, воқеаҳоеро, ки дар ду китоби дар боло зикршуда ҳикоя карда шудаанд, хонед), вақте дарк кардем, ки Подшоҳӣ – ин ҷавоби мо, мо рӯҳбаланд шудем. Мо намедонистем, ки давомаш чӣ мешавад, аммо мутмаин будем, ки дар роҳи дуруст ҳастем.

Боре Худо ба ман хоб дод ва дар он нишон дод, ки ман ширкатеро, ки нӯҳ соли охир дар он кор мекардам, бояд тарк кунам ва тиҷорати шахсии худро оғоз намоям – диққат – барои кӯмак ба одамон, то ки онҳо аз қарзҳои худ халос шаванд! Ман медонам, ки ин беақлӣ аст, дуруст? Зеро агар ман чӣ тавр аз қарзҳо халос шуданро медонистам, аллакай ин корро мекардам. Аммо Худо ба ман маҳз ҳаминро гуфт. Ман ба ҳайрат афтода будам. Ман тасаввуроте надоштам, ки чӣ тавр ширкат кушодан мумкин аст ва барои ин чӣ лозим аст. Илова бар ин, ширкате, ки ба одамон барои халос шудан аз қарзҳояшон ёрӣ медиҳад? Кӣ метавонад ба ман бифаҳмонад, ки барои ин чӣ кор бояд кунам!

Вақте ки ман дар ин бора дуо гуфтанро сар кардам, дар мавриди он ки ҳамаи ин чизҳо чӣ тавр ба амал омада метавонист, ваҳй

гирифта, вохӯрии тақдирсозро бо Рӯҳулқудс аз сар гузаронидам. Ин ҳангоми сӯҳбати ман бо яке аз мизоҷонам оид ба суғурта рӯй дод. Ҳа, дар воқеъ, гуфтанро фаромӯш кардам, ки вақте ҳамаи ин рӯй дод, ман дар соҳаи хадамоти молия кор мекардам, санади суғурта ва коғазҳои қиматбаҳо мефурӯхтам. Медонам, ин ба мӯзадӯзи бемӯза монанд аст, ки эҳтиёҷи худро аз хотир бароварда, ба дигарон ёрӣ медиҳад. Ман дар кори худ дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ муваффақият надидам, вале бо вуҷуди ин таҷрибаи калоне, ки дар давоми нӯҳ соли минбаъда аз ин кор ҳосил кардам, дар он нақши калон бозид, ки Худо ба ман нишон додан мехост.

Ин вақте рӯй дод, ки мо дар назди мизи ошхона бо мизоҷам ва ҳамсари ӯ корҳои молиявии онҳоро муҳокима мекардем, ман саволҳои гуногун медодам, онҳо ҷавоб мегардонданд, ва мо аризаи муқаррарӣ пур кардем. Ин маълумотҳоро мо асосан барои он истифода мебурдем, ки ҳаҷми маблағи суғуртаи онҳоро муайян кунем. Ба рӯйхати қарзҳо нигоҳ карда, онҳо ҳарду андӯҳгин шуданд, вақте онҳо нақл карданд, ки худро чӣ қадар нотавон ҳис мекунанд, зан ба гирякунӣ сар кард. Онҳо тамоми рӯз кор мекарданд, аммо ҳар моҳ аз пул бештар танқисӣ мекашиданд.

Азбаски ман нӯҳ сол дар ҳамин ҳолат зиндагӣ мекардам, ва акнун, вақте ки Худо ба ману Дренда принсипҳои Подшоҳии Худро таълим медод, ба худ тасаввур карда метавонед, ки дар паҳлӯи онҳо истода, ман чиро ҳис мекардам. Онҳо низ, ба мисли мо, имондорони масеҳӣ буданд, аммо намедонистанд, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Дар он лаҳза ман ҳанӯз принсипҳои онро ба ғайр аз дарсҳои ибтидоӣ, ки Худо аллакай ба мо нишон дода буд, муфассал фаҳмонида наметавонистам, ва он дарсҳоро бо онҳо ба миён гузоштам, ва, албатта, воқеаҳои аҷиберо, ки аллакай бо мо рӯй дода буданд, ба онҳо нақл кардам.

Дар навбати аввал ман ба онҳо гуфтам, ки мушкилии асосии онҳо ҳаргиз аз суғуртаи ҳаёт иборат нест. Ман ба онҳо вақт ҷудо кардам, то бифаҳмонам, ки Худо ба ман оиди Подшоҳӣ чиро омӯхт, аммо дар баробари ин хеле мехостам ба онҳо ҷавобҳои воқеии молиявиеро

пешниҳод кунам, ки ба вазъияти молиявии онҳо марбут буданд.

Ҳамон бегоҳ дар утоқи корӣ, вақте ки ман рӯзи кориро ба итмом расонида, ҷамъи файлҳо ва паёмакҳоеро, ки бояд посух медодам, ҳаллу фасл мекардам, ногаҳон дар майнаи ман фикре пайдо шуд. Чӣ мешавад, агар масъалаи суғуртаи ҳаётро як сӯ монему ба тамоми манзараи молиявӣ бодиққат нигоҳ кунем. Эҳтимол, ман бо ягон роҳ кӯмак карда метавонам. Чӣ мешавад, агар ба ҷустуҷӯи пул шурӯъ кунем? Ба ибораи дигар, оё ман метавонистам роҳҳои сарфакоронаи хароҷоти онҳоро пайдо кунам ва пули сарфашударо барои даромади молиявӣ ва пӯшонидани қарзи онҳо истифода барам? Ба назар чунин менамуд, ки ҳеҷ чизи мураккабе нест, аммо ман воқеан дигар соҳаҳои молиявиро намефаҳмидам, ба ғайр аз суғуртаи ҳаёт. Бояд бигӯям, ки ин ҳама пеш аз пайдо шудани Интернет буд. Тадқиқоте, ки ман бояд сар мекардам, бояд бо усули кӯҳна – бо ёрии телефон ва саҳифаҳои зард ба амал бароварда мешуд.

Пеш аз вохӯрии навбатии худ бо ин мизоҷ ман барои ин кор як ҳафтаи пурраро сарф кардам. Вақте ки ман ҳар як соҳаи молияро амиқтар таҳлил кардам, дар ҳайрат мондам, ки дар як моҳ маблағи назаррасро сарфа кардан мумкин будааст. Вақте ки ман ҳисобу китобро ба анҷом расонидам, ин маблағ дар як моҳ чанд сад долларро ташкил дод. Бо ҳисобкунаки молиявии худ ман ҳамаи қарзҳои онҳоро ҷамъ кардам, ва баъд ҳисоб кардам, ки чӣ тавр тамоми маблағи сарфашударо барои пардохтҳои ҳармоҳаи онҳо харҷ кардан мумкин аст. Вақте ки ман тугмачаи компютерро пахш кардам, бо тааҷҷуб ба экран нигоҳ карда мондам – 6,2 сол. Ҷавоби 6,2 вақти пурраеро мефаҳмонид, ки мизоҷи ман дар давоми ин вақт метавонист бе тағйир додани даромади ҳармоҳа тамоми қарзҳои худ, аз ҷумла ипотекаро пардохт кунад. Бале, шумо дуруст хондед, бе тағйир додани даромади ҳармоҳа. Ман дар ҳайрат монда, мутмаин будам, ки ба хатогӣ роҳ додаам, аз ин рӯ такрор ба такрор ҳисоб кардам, то боварӣ ҳосил кунам, ки ҷавоб дуруст баромадааст. Наход ин рост бошад? Пас чаро ҳама дар ин бора хабар надоранд?

Ман файлҳои мизоҷони дигарро, ки дар даст доштам, гирифта,

зуд онҳоро аз назар гузаронидам ва айни ҳамон натиҷаҳоро мушоҳида кардам. Ҳар яке аз онҳо дар давоми панҷ-ҳафт сол бе тағйир додани даромади ҳармоҳа тамоми қарзҳояшонро, аз ҷумла ипотекаро пардохт карда метавонанд. Вақте ки ман дар утоқи корӣ ҳисобу китобро ба охир расонидам, хеле дер шуда буд, вале ман ба хона бо қаноатмандӣ баргаштам. Агар ман ҳама чизро дуруст ҳисоб карда бошам, ва тамоми ҳисобҳо ҳам ба он ишора мекарданд, ки ин дуруст аст, пас ман як чизи хеле ва хеле муҳимро фаҳмидам.

Ман бо кунҷковӣ дар бораи он фикр мекардам, ки мизоҷи ман ин гуна маълумотро чӣ тавр қабул мекунад. Ман қарор кардам, ки барои вохӯрии минбаъда дар як варақ бо тамоми рақамҳо презентатсия тартиб диҳам. Мақсади ман танҳо ин буд, ки ба онҳо умед бахшам. Барои ин хидмат ман ҳеҷ музде намегирифтам, ман ҳатто умед надоштам, ки ба онҳо суғурта мефурӯшам. Аммо бо вуҷуди ин медонистам, ки онҳо суханони маро гӯш хоҳанд кард. Ҳафтаи оянда ман аз нав тамоми ҳисобу китобамро дида баромадам ва мутмаин будам, ки хато накардаам.

Вақте ки занги дари хонаашонро пахш кардам, дар интизории вохӯрӣ дар ман ҳисси бошиддати асабоният пайдо шуд. Вақте ки мо ба сари мизи хӯрокхӯрӣ нишастем, ман ба онҳо нақл кардам, ки чӣ тавр бо рақамҳои онҳо тамоми ҳафта кор кардам. Ман онҳоро оҳиста бо маълумотҳое, ки чоп карда будам, шиносонида, фаҳмондам, ки ман чӣ тавр тавонистам, ки сарфа кардани маблағҳо, ҳамчунин номи ширкат ва маблағи заруриро, ки барои ба кор бурдани ҳар он чизе, ки ман нишон додам, муайян кунам. Вақте онҳо фаҳмиданд, ки маблағҳои сарфашуда зиёд шудан мегиранд, хеле хурсанд шуданд. Аммо вақте хулосаи худамро ба онҳо нишон додам, ки онҳо ҳамон дараҷаи даромаднокиро нигоҳ дошта, дар тӯли 6,2 сол пурра аз қарзҳо, аз ҷумла аз ипотека барои хона, халос мешаванд, ҳардуи онҳо ба гиря сар карданд, вале ин дафъа аз шодӣ. Ашкҳояшон ба рухсораи онҳо ҷорӣ шуданд, ва ҳарф заданро бас намекарданд, ки натиҷаҳо чӣ қадар онҳоро ҳайрон карданд. Сипас онҳо ҷаста маро ба оғӯш гирифтанд, ва мо якҷоя аз таҳти дил шодӣ кардем.

Биёед ростқавл мешавем: магар хадамоти андоз ба шумо мегӯяд, ки камтар андоз супоред? Магар аз бонк мегӯянд, ки чӣ тавр аз супоридани фоизи қарзҳо озод шудан мумкин аст? Не. Тамоми сохтор тавре бунёд шудааст, ки аз шумо пул гиранд, на ин ки ҳимоят кунанд. Ман медонистам, ки чизе ёфтам, ки бояд ба ҳар як оилаи амрикоӣ гуфта шавад! Он бегоҳӣ ба ман таъсири бузург расонид, ва ман мехостам, ки барои ҳар як мизоҷи худ ҳамин тавр кунам.

Аз ин рӯ бо маълумот мусаллаҳ шуда, ва бо тасдиқи хобе, ки Худо ба ман дода буд, ман ширкати суғуртаро, ки дар он кор мекардам, тарк кардам, ва ману Дренда ширкати наверо таъсис дода, онро Faith-Full Family Finances ("Буҷаи оила дар пуррагӣ бо имон") ном ниҳодем. Номи ширкат возеҳ мегуфт, ки агар шумо Подшоҳӣ ва имонро донистаед, ба соҳаи молияи шумо пуррагӣ меояд. Ман розӣ ҳастам, ки барои ширкат ин номи мувофиқтарин нест, даҳ бор онро пайи ҳам такрор кунед, вале он кор кард. Баъдтар мо номи онро ба Forward Financial Group ("Гурӯҳи пешқадами молиявӣ") иваз кардем, ки ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва фаъолият мекунад.

Рости гап, дар молияи мо ҳанӯз ҳам пуррагӣ набуд. Мо то ҳол қарздор будем, вале мо медонистем, ки ба роҳи дуруст меравем. Вақте ки мо корхонаи нав кушодем, мо хеле шод будем, вале дар айни замон каме асабонӣ ҳам мешудем. Ба мо лозим буд, ки барои гирифтани маълумот оид ба таъсис додани ширкат ва тарзи идоракунии он сахт меҳнат кунем. Илова бар ин, мо бо монеаи ҷиддие рӯ ба рӯ шудем – мо намедонистем, ки дар асоси чӣ пул кор кунем. Ин як душворие буд – мо бар ивази кӯмаке, ки барои аз қарз халос кардани одамон мекунем, пул намегирем ва гирифтан ҳам намехоҳем. Ин як монеаи ҷиддие буд, ва мо дар ин бора хеле дуо карда, вариантҳои дигарро ҷустуҷӯ намудем. Бидуни тафсилот мегӯям, ки Худованд ба мо як стратегияи аҷоиберо дод, ки чӣ тавр ширкат кушодан ва онро равнақ бахшидан мумкин аст, то ки аз мизоҷ пул нагирифта, фоида ба даст оварда тавонем.

Сипас мо маҷбур шудем, то усули суръат бахшиданро ба раванди тӯлонии дастӣ, ки ман бо маълумотҳои мизоҷон машғул будам, дарёфт

кунем. Ман медонистам, ки бояд барномаи алоҳидаи компютериро барои корамон тарҳрезӣ кунам, вале дар компютерҳо ҳеҷ чиз намефаҳмидам ва намедонистам, ки шахсеро бо қобилиятҳои ба ин кор мувофиқ пайдо кунам. Худо боз кори аҷоиберо ба амал овард. Ба ман шахсе занг зад, ки дар ҷои дуртар аз мо зиндагӣ мекард ва бо ягон тарзе дар бораи ширкати мо шунида буд. Ӯ ба мо ҳамчун мизоҷи потенсиалӣ мароқ зоҳир кард. Вақте ки мо вохӯрдем, ба ӯ ҳама чиз маъқул шуд, ва дар ҷараёни гуфтугӯ маълум шуд, ки ӯ барномасоз ва соҳиби ширкати хусусӣ аст. Ман бо ӯ дар бораи эҳтиёҷи худ сӯҳбат кардам, ва ӯ бо ташаббуси калон кӯмаки худро барои пешбурди кори мо пешниҳод кард. Ман ба ӯ гуфтам, ки мо ширкати худро ба наздикӣ кушодем ва ҳоло барои пардохт кардани хидмати ӯ маблағи кофӣ надорем, гарчанде ки ӯ ба мо тахфифи калонро пешниҳод кард. Бо вуҷуди ин ӯ ба ҳар ҳол хост, ки кори моро иҷро кунад ва гуфт, ки то пул дарёфт кардани мо ҳаққи корашро интизор мешавад. Мо ҳамин тавр ҳам кардем.

Ба одамон шуғли мо маъқул буд. Охир, чаро маъқул нашавад? Мо барои онҳо бепул кор мекардем, ба онҳо маъқул буд, ки барои аз қарзҳо халос шудан пул дарёфт кунанд. Бизнеси мо хеле хубривоҷ меёфт, ва дар тӯли дуюним сол мо тавонистем, ки пурра аз тамоми қарзҳои худ халос шавем. Мо зуд аллакай сесад намоянда пайдо кардем, ки дар саросари кишвар дар бораи нақшаҳои мо маълумот медоданд. Ба ғайр аз он, ки бо пули нақд ду мошин харидем, мо ҳатто хонаи орзукардаамонро бе қарздоршавӣ сохта, ба итмом расонидем. Ширкати мо калонтар мешуд, мо дар давоми солҳои зиёд садҳо ҳазор доллар барои башорати Инҷил ва дастгирии одамон хайрот мекардем.

“Нақшаи раҳоӣ аз қарз”, чуноне ки мо имрӯз онро ҳамин тавр мегӯем, пас аз сӣ сол, ҳанӯз ҳам бепул тарҳрезӣ карда мешавад. Дар тӯли солҳо ширкат дар рисолати худ васеътар шудан гирифт. Пас аз бӯҳрони молиявии соли 2001, ва, албатта, соли 2008, вақте ки миллионҳо нафар одамон аз 50 то 80 фоизи пасандозҳои нафақаи

худро аз даст доданд, мо ҳеҷ гоҳ таваҷҷӯҳи худро ба сармоягузориҳои нафақавӣ бас намекардем. Мо имконоти сармоягузории бехатарро таҳқиқ кардем ва ин самти корро дар ширкати худ дар соли 2001 ба роҳ мондем. Ман бо ифтихор мегӯям, ки дар айни замон мо ба идоракунии беш аз сад миллион доллар маблағҳои мизоҷонамон машғул ҳастем, ва дар тӯли шонздаҳ соли охир ҳеҷ яке аз онҳо дар сармоягузории худ дар кишвари мо ва кишварҳои дигари ҷаҳон як сенти худро ҳам аз даст надодааст. Чуноне ки мо барои нақшаи худ комиссия намегирем, мо аз мизоҷони худ ҳеҷ гуна ҳаққи ибтидоӣ, солона ё брокерӣ талаб намекунем. Агар шумо аз спекулятсия кардани пулҳои сармоявӣ хаста шуда бошед, метавонед ба ширкати "Forward Financial Group" бо телефони 1-(800)-815-0818 муроҷиат кунед ё маълумоти муфассалро дар сомонаи Forwardfinancialgroup.com пайдо кунед.

Магар тааҷҷубовар нест? Як идеяи оддӣ аз Рӯҳулқудс ҳаёти моро ба куллӣ дигар кард! Бале, моро лозим буд, ки бо ин роҳ равона шавем, вале Худо нишон медод, ки ба куҷо бояд равем. "Гэри, шумо аз қарзҳо халос шуда, чиро ҳис кардед?" Ман сулҳу оромӣ ҳис кардам! Як лаҳза андеша кунед. Мо аз ҳолати бӯҳрони ҷиддии молиявӣ ба ҳолати озодии пурра аз қарзҳо гузаштем, тавре ки мо бо пули нақд мошин, хона ва чизҳои лозимаро харида метавонистем. Ман нӯҳ соли дароз рӯз ба рӯз ҳар лаҳза дар зери фишори сахт зиндагӣ мекардам. Ман оромӣ надоштам. Ягон рӯз ҳам дар тӯли ин солҳо, на дар рӯзҳои корӣ, на дар вақти идҳо. Мушкилоти молиявӣ маро ба ҳар ҷое, ки мерафтам, таъқиб мекард. Ман аз боиси ҳолати молиявии худ ҳамеша шармандагию хорӣ ҳис мекардам. Тарс, ваҳму изтироб ва антидепрессантҳо доимо ҳамроҳи ман буданд – ҳаёти ман дар авҷи ноумедӣ буд.

Бо тамоми тағйиротҳои молиявӣ ва, албатта, бо назардошти ҳар чизе ки ба мо дар зиндагӣ лозим буд, васвасаи фикр кардан пайдо шуда метавонад, ки пулҳои шахсӣ худ аз худ ғалаба буданд. Бале, вақте ки мо ҳама чизҳои зарурироба даст овардем, ғалабаи

бузургро ҳис кардем, аммо вақте дидем, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, ваҷду шодии ҳақиқӣ моро пур кард.

Вақте ки ман ва Дренда такрор ба такрор амалҳои Подшоҳиро дидем, аксар вақт ба якдигар мегуфтем: “Ту инро дидӣ?” Гӯё тугмачаро пахш кардем, ва ҳама ҷо чун рӯз равшан шуд. Дидани нур пас аз нобинО будан ва бо ҷавобҳо зиндагӣ кардан як таҷрибаи аҷибест. Ёфтани ганҷи воқеӣ, Подшоҳии Худо, – ин хеле олӣ. Тавсифи он чизе, ки ман ҳис кардам, хеле оддӣ аст – ба ҳаёти ман нахустин маротиба оромӣ омад.

**ЯК ИДЕЯИ ОДДӢ АЗ РӮҲУЛҚУДС ҲАЁТИ МОРО БА КУЛЛӢ ДИГАР КАРД! БАЛЕ, МОРО ЛОЗИМ БУД, КИ БО ИН РОҲ РАВОНА ШАВЕМ, ВАЛЕ ХУДО НИШОН МЕДОД, КИ БА КУҶО БОЯД РАВЕМ.**

Драма ба охир расид! Пештар ҳангоми сӯрох шудани чархи мошин мо асабонӣ мешудем. “Аз куҷо пул меёбем?” Оё то ҳол аз корти қарзӣ пул гирифта метавонем? Аммо ҳоло, агар бо ягон сабабе мошин вайрон шавад, ман аз ҳамсари худ мепурсам: “Ин дафъа ту хоҳони кадом ранг ҳастӣ?” На драма, на воҳима, на қарзҳо, танҳо оромӣ. Мо ба вазифаҳои худ машғул шуданро давом дода, ба сӯи мақсадҳои худ равон шуда метавонем. Акнун, вақте ки мо барои зинда мондан мубориза бурданро бас кардем, дар ҳақиқат ЗИНДАГӢ КАРДА ИСТОДАЕМ!

> *Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед, ки чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед; низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед. Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест? Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед, ки на мекоранд ва на медараванд ва на дар анборҳо захира мекунанд; ва Падари шумо, ки дар осмон аст, ба онҳо рӯзӣ мерасонад. Оё шумо аз онҳо хеле беҳтар нестед?*
>
> – Матто 6:25, 26

Дар тӯли сию шаш соли охир имкон пайдо кардаам, ки бо ҳазорон нафар дар сари дастархон нишаста, масъалаҳои молиявии онҳоро муфассал муҳокима кунам. Ман дар тамоми ҷаҳон дар назди ҳазорон нафар баромад карда, дар байни ин одамон як хислати умумиро мушоҳида мекунам – ҳама оромӣ меҷӯянд! Ҳама бесаброна рӯзҳои истироҳат, рухсатӣ ё ба нафақа баромаданро интизор мешаванд, то ки таваққуф карда, ором шаванд.

Ба наздикӣ ман якчанд таҳқиқотҳоро хондам, ки 70 фоиз амрикоиҳо кори худро дӯст намедоранд, аз ин 70 фоиз 20 фоизашон мегӯянд, ки онҳо кори худро бе ягон шавқ иҷро мекунанд ва ҳатто бад мебинанд. Барои чӣ онҳо ба он коре, ки бад мебинанд, машғул мешаванд? Онҳо бояд чӣ қадар фишорро аз сар гузаронанд, то ки ҳамарӯза ба дарди шадиди эмотсионалӣ тоб оранд? Ба таври дағалона гӯем, онҳо ғуломонанд. (Мо ҳама монанди онҳо будем. Мо дар дунёе ба воя расидаем, ки роҳи ягонаи пешравӣ – ин пули кофӣ доштан. Вале аҳволи бисёр одамон дигар хел аст.) Онҳо оҳиста аз орзуҳои худ оид ба некӯаҳволӣ даст мекашанд ва вақте ки дар сисолагӣ, чиҳилсолагӣ ва ҳатто панҷоҳсолагӣ дар кори бесамари худ пойбанд шуда мемонанд, барои зинда мондан мубориза бурданро шурӯъ мекунанд.

Маълумотҳои тозаи оморӣ нишон медиҳанд, ки 69 фоизи аҳолии Америко ҳатто ба миқдори ҳазор доллар пасандоз надоранд[1]. Стресс ва ҷароҳати эмотсионалӣ, ки бо он аксари одамон зиндагӣ мекунанд, ба ҳуввият ва шаъну шарафи онҳо таъсири бад мерасонад. Ба хотири эҳтиёҷоти таъҷилӣ орзуҳои худро як сӯ мегузоранд ва субҳи иллюзия фаро мерасад. Шодӣ меравад.

Боре ман бо як шубон дар бораи молиёт сӯҳбат кардам. Ӯ гуфт, ки хидматгузориро ва одамонро дӯст медорад, ва ҳар рӯз, аз хоб бедор шуда, бо кайфияти хуб мемонад, то даме, ки вазъи молиявиаш ба

1 Niall McCarthy, “Survey: 69% of Americans Have Less Than $1,000 in Savings,” Forbes, September 23, 2016, https://www.forbes.com/sites/ niallmccarthy/2016/09/23/survey-69-of-americans-have-less-than-1000-insavingsinfographic/#30d27351ae67

ёдаш мерасад. Ӯ нақл кард, ки ин ба як абри калони сиёҳ монанд аст, ки нури офтобро панаҳ мекунад, дар ҳоле ки сараш аз андешаҳои ташвишовар пур мешавад ва ӯ гаравгони онҳо шуда, танҳо дар бораи зиндамонӣ, ноумедии молиявӣ ва ғуломии бидуни биниш фикр мекунад.

Ҳаёт ба андешаи он табдил ёфтааст, ки чӣ тавр дигарон ғолиб мешаванд. Ҳолливуд дар экрани калон ба оммаи одамон чӣ тавр ғалаба кардани дигаронро нишон дода, миллиардҳо доллар ба даст меорад. Одамоне, ки худро ғолиб тасаввур намекунанд, чанд дақиқае пайдо мекунанд, то ки аз машаққати худ раҳо шаванд ва ба ҳаёти комили одамони комил дар экрани калон нигоҳ карда, орзуҳои худро аз сар гузаронанд.

Варзиш дар замони ҳозира дар саросари олам аз ҳисоби тамошобинон дар як сол миллиардҳо доллар фоида меорад. Дар соли 2017 ЛМФ (Лигаи миллии футбол) бештар аз 7,8 миллиард доллар фоида овард. Супербоул тақрибан 15,5 миллиард фоида овард, ва ин танҳо як бозӣ аст[2/3]. Ба одамон маъқул аст, ки дастаи дӯстдоштаашонро то пирӯзӣ дастгирӣ кунанд.

Вале мо бояд дарк кунем, ки ҳамаи мо барои ғолиб шудан офарида ва таъин шудаем – барои дар муҳориба, дар бозӣ, иштирок кардан, ва ниҳоят ғолиб омадан. Барои аксари одамон ноумедии молиявӣ меъёр аст, на истисно, аз ин рӯ ягона фирор аз воқеияти зиндагӣ – тамошои он, ки чӣ тавр орзуи онҳо дар ҳаёти дигар одамон амалӣ мешаванд. Бурди лотерея барои чӣ ҷолиб аст? Барои чӣ намоиши телевизионии “Кӣ миллионер шудан мехоҳад?” хеле оммавӣ буд? Барои чӣ нақшаи сарватманд шудан то ҳол сабаби васваса боқӣ мондааст? Ҷавоб! ОРОМӢ! Ҳама аз давутоз хаста шуданд, аз

---

2 Michael David Smith, “Packers’ Books Show NFL teams Split $7.8 Billion in National Revenue,” NBC Sports, http:// profootballtalk.nbcsports. com/2017/07/12/packers-books-show-nfl-teams-split-7–8-billion-in-national-revenue/.

3 Joe D’Allegro, “Super Bowl Billions: The Big Business Behind the Biggest Game of the Year,” CNBC, January 22, 2017, updated February 2, 2017, https://www.cnbc.com/2017/01/20/super-bowl-billions-the-big-businessbehind-the-big-game. html.

**ҲАЁТ БО АФСУРДАГИИ МОЛИЯВӢ... ХУДО НА АЗ АЗАЛ, НА ҲОЛО БАРОИ МО ЧУНИН НАҚША НАДОШТ.**

бедор шудан бо боре, ки орзуҳоро медуздад, аз зарурияти таъмини ризқу рӯзӣ хаста шуданд.

Аммо афсурдагии молиявӣ дар ҷаҳон – падидаи нав нест, он чи қадаре ки одам зиндагӣ дорад, ҳамон қадар вуҷуд дорад. Аммо Худо на аз азал, на ҳоло барои мо чунин нақша надошт.

## БОБИ 2

# ҲУҚУҚҲОИ ҚОНУНӢ

Ноумедӣ – бо ин калима ман ҳаётамонро, пеш аз он ки мо ба фаҳмидан шурӯъ намудем, ки чӣ гуна истироҳат кардан лозим аст, тасвир карда метавонистам. Нӯҳ сол – барои ҳаёт дар бесарусомонӣ ва афсурдагии молиявӣ давраи тӯлонӣ аст. Дар ёд дорам, ки ман борҳо ба фермаи масоҳаташ 34 гектар, ки мо онро бо маблағи 300 доллар дар як моҳ ба иҷора гирифта будем, нигоҳ карда, ба андеша фурӯ мерафтам, ки оё ягон вақт ман ин қадар заминро гирифта метавонам? Он гарчанде ки хеле арзон буд, мо барои пардохти пули иҷора базӯр маблағ пайдо мекардем.

Соҳиби ин қитъа мақсад дошт, ки дар он ҷо майдони голф созад, ва пеш аз оғози сохтмон, ки тақрибан пас аз се ё панҷ сол ба нақша гирифта буд, касеро дар он ҷо ҷойгир кардан мехост, то хонаву ҳавлиро нигоҳубин кунад. Мо хонаи кӯҳнаи деҳқониро "чуноне ки ҳаст" гирифтем, он дар давоми мавҷудияташ ҳеҷ гоҳ таъмир нашуда буд. Мо ба он розӣ шудем. Вақте ки мо онро шуста, ранг кардем, он зебоии беназири худро пайдо кард. Мо нақша доштем, ки дар он ҷо тақрибан се сол зиндагӣ кунем ва сипас кӯчем, аммо ба гузашти ҳафт сол ҳам чизе харида натавонистем.

Вақте ки Худо ба ман дар бораи Подшоҳӣ сухан ронд ва мо ба омӯзиш ва татбиқи принсипҳо ва қонунҳои он сар кардем, он гоҳ

дигаргуниҳо сар шуданд. Аҳволи молиявии мо беҳтар шудан гирифт, ва ғалабаҳои хурдакак моро фараҳманд гардонданд. Дар ёд дорам, ки чӣ тавр мо ба хонаи кӯҳнаи деҳқонӣ мошини табақшӯӣ харидем ва якҷоя бо Дренда (хусусан ӯ!) шодӣ кардем. Гарчанде ман ба вай дар шустани табақҳо ёрӣ медодам, ба ҳар ҳол ман вақти бештари худро дар ҷои кор мегузаронидам. Мо чор фарзанд дорем, аз ин рӯ ба ҳамсари ман лозим мешуд, ки ҳамеша ба шустани табақҳо машғул бошад. Мошини табақшӯӣ харида, мо ба якдигар гуфтем: "Бовар мекунӣ, худи ҳозир мо бо пули нақд як мошини табақшӯӣ харидем?" Ман медонам, ки шумо мегӯед: "Ин харид чизи махсус дорад?" Барои фаҳмидани ин, лозим буд, ки ба асбобҳои дигари ошхонаи хонаи кӯҳнаи мо нигоҳ кунед. Ранги тафдон ва яхдон сабзи авокадо буд, ва ба ҳардуи онҳо бисту панҷ сол пур шуда буд. Бинобар ин дар муқоиса бо онҳо харидани мошини нави табақшӯӣ барои мо ғалабаи бузург ҳисоб мешуд.

Дар боби гузашта ман нақл кардам, ки Худо ба ман барои сар кардани бизнесе, ки оқибат ҳалли мушкилоти молиявии мо гардид, орзу ва нақша дод. Эҳтимол, шумо фикр мекунед: "Чӣ қадар мехостам, ки Худо ба ман ҳам чизи ба ҳамин монандро нишон диҳад". Хабари хуш ин аст, ки Ӯ ба ин кор омода аст, аммо чизҳое ҳастанд, ки пеш аз гирифтани ин кӯмак шумо бояд дар бораи кори Подшоҳӣ донед. Роҳнамоие, ки ман он вақт дар хоб гирифтам, танҳо ба туфайли дарсҳои Худо оид ба Подшоҳии Ӯ ва татбиқи он дар ҳаёти мо амалӣ шуд. Ман мавзӯи Подшоҳиро дар китоби қаблии худ муфассал баён кардаам, аммо бо вуҷуди ин ман бояд ба он аз нав равшанӣ андозам, то ки барои кори минбаъда замина гузорам.

Вақте ки ман дар бораи Подшоҳии Худо ҳарф мезанам, аз ман мепурсанд, ки ман чиро дар назар дорам. Гарчанде ман пештар масеҳӣ бошам ҳам, дар бораи он чизе намефаҳмидам. Ман медонистам, ки вақте мемирам, ба биҳишт меравам, аммо тасаввуроте надоштам, ки Подшоҳии Худо чӣ маъно дорад ва он чӣ тавр кор мекунад. Барои фаҳмидани он, маънои калимаи *подшоҳиро* бояд дарк кард. Дар асл он маънои ҳукмронии подшоҳро дорад.

Подшоҳӣ тавассути калимаи подшоҳ амалӣ мешавад. Суханони ӯ қонун, идоракунандаи қаламрави ӯ ва ҳаёти шаҳрвандони ӯ ҳисоб мешаванд.

Дар бораи подшоҳӣ донистан зарур аст, ки ин тӯдаи иборат аз миллион нафар одамон нест. Подшоҳӣ маънои ҳокимият ва қонунҳоро дорад, ки ба ҳар як шаҳрванди қонунии ин подшоҳӣ дахл дорад. Чунин мафҳум, ки Худо дорои Подшоҳие мебошад, ки қонунҳои муқарраршуда дошта, ин қонунҳо ба ҳар як шаҳрванди қонунӣ дастрас аст, гӯё аз таваҷҷӯҳи аксари масеҳиён дур мондааст. Қисми зиёди масеҳиён боварӣ доранд, ки ба кадом дуо ҷавоб додан ва ба кӣ илтифот карданро Худо муайян мекунад. Онҳо чунин меҳисобанд, ки агар зиёд рӯза гиранд ё барои Худо бисёртар меҳнат кунанд, пас ба илтифоти Ӯ сазовор мешаванд. Дӯсти ман, Ӯ аллакай ба шумо илтифот кардааст.

*Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо.*

– Эфсӯсиён 2:19

Шумо на танҳо шаҳрванди Подшоҳии Ӯ, балки аъзои оила, писар ё духтари Подшоҳ ҳастед. Дар Нома ба Ғалотиён хеле возеҳ фаҳмонида мешавад, ки барои ман ва шумо ин чӣ маъно дорад.

*Аммо мегӯям: ворис, то даме ки кӯдак аст, аз ғулом ҳеҷ фарқ надорад, гарчанде ки оғои ҳама аст. Балки зери дасти васиён ва амалдорон аст, то мӯҳлате ки падараш муайян намудааст. Ҳамчунин мо, то даме ки кӯдак будем, ғуломи аносири ҷаҳон будем. Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро фиристод, ки Ӯ аз зан таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд, то барои онҳое ки зери дасти шариат буданд, фидия диҳад, то ки мо ба писарӣ қабул шавем. Ва азбаски шумо писар ҳастед, Худо ба дилҳои шумо Рӯҳи Писари*

*Худро фиристодааст, ки нидо мекунад: «Эй Або, эй Падар!» Бинобар ин ту дигар ғулом нестӣ, балки писарӣ; ва агар писар бошӣ, вориси Худо низ ба василаи Масеҳ ҳастӣ.*

– Ғалотиён 4:1-7

Ҳамчун писар ва духтар, шумо вориси ҳама дорой ҳастед, ва шумо ҳамчун шаҳрванди Подшоҳии Ӯ ҳаққи қонунӣ доред! Бигзор ин фикр як лаҳза шуморо пур кунад, шумо аллакай дорои ҳама чиз ҳастед. Дар шумо эҳтиёҷе нест, ки қонеъ гардонида нашуда бошад. Бинобар ин илтиҷо кардану гиристанро бас кунед. Чизеро, ки аллакай доред, бо шилқинӣ ба даст овардан ғайриимкон аст. Худо барои муайян кардани он, ки ба кӣ кӯмак кунад, ва ба кӣ накунад, ҳар як ҳолати ҷудогонаро ҳаллу фасл намекунад. Ҳар як писар ё духтари Худо аллакай аз Ӯ кӯмак мегиранд.

**ЭҲСОСОТ – ИН ХУБ, ВА БА МАН ЭҲСОС КАРДАНИ ҲУЗУРИ ХУДО МАЪҚУЛ АСТ, АММО ВАҚТЕ КИ ГАП ДАР БОРАИ МАСЪАЛАҲОИ ҚОНУНӢ МЕРАВАД, МАН НАБОЯД ХУДРО СОҲИБИ НАҶОТ ҲИС КУНАМ, ТО КИ СОҲИБИ НАҶОТ БОШАМ.**

Иҷозат диҳед, ки ин шаҳрвандиро бо шаҳрвандии Иёлоти Муттаҳида муқоиса кунам. Агар шумо шаҳрванд бошед, пас шумо худ аз худ барои риояи қонунҳое, ки ба шумо дахл доранд, аз ҷониби ҳокимияти Иёлоти Муттаҳида пуштибонӣ карда мешавед. Ин имтиёз якҷоя бо шаҳрвандӣ ба шумо дода мешавад. Бинобар ин ба ивази рӯзаю дуо кӯмаки Ӯро кор карда гирифтан номумкин аст, Ӯ аллакай ба воситаи фидокории Исо ҳама чизро ба шумо муфт додааст. Лаззат баред! Соҳиб шавед!

*Ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд, то ки дар асрҳои оянда сарвати беҳадди файзи Худро дар меҳрубоние ки ба мо дар Исои Масеҳ дорад, зоҳир намояд.*

– Эфсӯсиён 2:6, 7

Иборाи “дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд” мақоми қонунии шуморо дар Подшоҳии Худо нишон медиҳад. Исо дар дасти рости Падар нишастааст, ва шумо низ, чунки шумо ворисӣ ҳама чизе ҳастед, ки дар Худо мавҷуд мебошад. Ман медонам, ба ин бовар кардан мушкил аст, вале ин ҳақиқат аст. Шумо дорои ҳама чиз ҳастед, шумо узви оилаед, ва ин бизнеси оилавӣ аст! Аммо шайтон донишро аз шумо дар бораи он пинҳон мекунад, ки кӣ ҳастед ва соҳиби чӣ мебошед, бинобар ин аксари одамон, ҳатто масеҳиён, чунон зиндагӣ мекунанд, ки гӯё онҳо бо системаи малъуни зиндамонии дунё баста шудаанд!

Ҳаёти ман ба туфайли фаҳму идроки ман оиди кори ҳукумат ва қонунҳо ва ба туфайли дарки он масъала тағйир ёфт, ки ман, ҳамчун шаҳрванди Подшоҳии Худо, дар он ҳуқуқ ва имтиёзҳои қонунӣ доштам. Эҳсосот – ин хуб, ва ба ман эҳсос кардани ҳузури Худо маъқул аст, аммо вақте ки гап дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ меравад, ман набояд худро соҳиби наҷот ҳис кунам, то ки соҳиби наҷот бошам. Ин як масъалаи ҳуқуқӣ аст. Ба ман лозим нест, ки худро шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида ҳис кунам, то ки ҳамин гуна шахс бошам. Ман медонам, ки ин масъалаи ҳалшудаи ҳуқуқӣ аст, чунки ман дар ин кишвар таваллуд шудаам. Вақте ки шумо дар назди Худо дар ҳолати дуруст ҳастед ва асоси ҳаёти шумо – қонун, на ҳиссиёт, ҳама чиз ба тағйирёбӣ шурӯъ мекунад!

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Дар бораи ин оят як лаҳза фикрронӣ кунед, он яке аз оятҳои дӯстдоштатарини ман мебошад. Агар ман мувофиқи иродаи Ӯ ягон чизро талаб кунам, ман медонам, ки Ӯ мешунавад! Ин ба мавҷи овоз, ки бо гӯш мешунавед, дахл надорад. Ин тасдиқи қонунӣ аст.

Судяро дар толори суд ба худ тасаввур кунед. Агар ӯ тасмим гирад, ки парвандаро гӯш мекунад, ин чунин маъно дорад, ки ӯ ба он розӣ мешавад, ки онро дар асоси қонун баррасӣ кунад. Дар ҳолати мо, азбаски мо дар асоси қонунҳои Подшоҳ талаб мекунем, мо аллакай медонем, ки Ӯ қонуни Худро дар амал ҷорӣ мекунад. Бо ҳамин тариқ мо ба натиҷа дилпур ҳастем, шубҳае нест.

Масалан, Иёлоти Муттаҳида – ин подшоҳӣ не, чунки дар он подшоҳ нест, аммо он мувофиқи қонунҳое амал мекунад, ки барои ҳар як шаҳрванди итоаткор якхела ва баробар дастрасанд. Ба ҳамин монанд, Подшоҳии Худо бо қонунҳое идора карда мешавад, ки ба ҳар як шаҳрванд баробар дахл доранд. Ҳикояҳое, ки мо дар Китоби Муқаддас мехонем, барои вақтхушӣ навишта нашудаанд, балки нишон медиҳанд, ки ин қонунҳо барои мо вуҷуд доранд, то мо онҳоро донем ва татбиқ кунем. Исо чӣ тавр бунёд карда шудани Подшоҳиро ба одамон фаҳмонида, борҳо чунин ибораро ба забон овард: “Подшоҳии Худо монанди...”. Ӯ вақте ки масал мегуфт, ба қонунҳои Подшоҳӣ ишора мекард, ва тасвири намоёни онро нишон медод, ки қонунҳо чӣ тавр кор мекунанд, ё мефаҳмонид, ки ин ё он ҳодиса чаро рӯй додааст. Бо баъзе сабабҳо одамон тасаввур намекунанд, ки дар Подшоҳии Худо қонунҳое мавҷуданд, ки фаъолияти онро танзим мекунанд. Бисёриҳо боварӣ доранд, ки Худо ҳар кореро ҳар вақте, ки хоҳад, иҷро карда метавонад, чунки Ӯ Худо аст. Ман розӣ ҳастам, ки Худо қудрат ва қувват дорад ва ҳар корро иҷро карда метавонад, аммо Ӯ бо қонунҳои Худ маҳдуд аст. Ман медонам, ки ба шумо ғалатӣ метобад, аммо, барои фаҳмонидани андешаи худ, иҷозат диҳед, ки аз боби 6-уми Инҷили Марқӯс мисол биёрам.

> *Лекин Исо ба онҳо гуфт: «Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ». Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод. Ва аз беимонии онҳо дар ҳайрат афтод. Дар деҳоти он музофот гашта, таълим медод.*
>
> – Марқӯс 6:4-6

Вақте ки шумо ин порчаро хондед, эҳтимол чанд ҷузъиётро мушоҳида кардед, ки аз саҳифа ба шумо нидо мекунанд ва ба амали Подшоҳӣ равшанӣ меандозанд.

*Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода* ***натавонист...***

Аввалан, бисёр масеҳиён ҳатто ин ояти Китоби Муқаддасро надидаанд, ва агар шумо ба онҳо гӯед, ки дар Китоби Муқаддас вазъиятҳое тасвир карда шудаанд, ки Исо шифо дода наметавонист, онҳо зуд эътироз баён мекунанд. Аммо, чуноне ки мебинед, Ӯ дар ҳақиқат натавонист. Вақте шумо мефаҳмед, ки Подшоҳиро қонунҳо идора мекунанд, шумо ба ин воқеа амиқтар нигоҳ мекунед. Аксари масеҳиён чунин меҳисобанд, ки Исо тасмим гирифт, то онҳоро шифо надиҳад. Агар шумо дар бораи қонунияти Подшоҳӣ огоҳӣ надошта бошед, пас дар ин ҷо ҳеҷ маънии мантиқӣ намебинед. Агар касе донад, ки Исо қудрати шифо доданро дошт, аммо ин корро накард, бидуни фаҳмидани салоҳияти қонунгузорӣ ба хулоса омада метавонад, ки Ӯ тасмим гирифт, то шифо надиҳад. Магар дигар хел шуда метавонад?

Эҳтимол, вақте ки гап дар бораи мушкилот ё озмоишҳое меравад, ки касе ё дӯсти ӯ аз сар мегузаронад, шумо чунин ибораҳоро шунидаед: “Худо ба ин иҷозат дод”, “Худо беҳтар медонад”, “Худо ҳама чизро дар зери назорат дорад”, ё ба ҳамин монанд. Аксари масеҳиён чунин рафтор мекунанд. Қонунҳои Подшоҳӣ ва сабабҳои аслиро, ки воқеан ба Исо барои дар он ҷо шифо додани беморон монеа шуданд, надониста, одамон ба чунин хулоса меоянд – шояд шифои онҳо тибқи иродаи Худо набуд. Дӯсти ман, Китоби Муқаддас намегӯяд, ки Ӯ тасмим гирифт, то шифо надиҳад. Дар он гуфта мешавад, ки Ӯ аз сабаби камбудии имон шифо дода натавонист. Бовар кунед, ки дар ин ҳикоя монеа барои шифо на хоҳиш надоштани Худо буд, балки аниқтараш қонунҳои рӯҳонии юрисдиксия буд, ки қуввати Худоро боздоштанд.

Шумо акнун дар дигар ҳикояҳо, айнан ба мисли ин воқеа, ба

дидани асосҳои ҳуқуқие шурӯъ мекунед, ки чаро дар як ҳолат қуввати Худо ҳуқуқ дошт, ки ирода ва хоҳиши Ӯро ба амал орад, аммо дар дигар ҳолат – не. Бинобар ин хеле зарур аст, ки шумо чӣ тавр кор кардани қонунҳои Подшоҳиро донед. Рӯзе, вақте ки ба шумо кӯмаки Худо лозим мешавад, дидан мехоҳед, ки чӣ тавр иродаи Худо дар ҳаёти шумо бо пуррагӣ иҷро мешавад, на қисман. Маҳз аз ҳамин сабаб ман ин китобро навишта истодаам.

**Ӯ БА МО ОИДИ ШИФО, БАРҚАРОРШАВӢ, АФЗУНШАВИИ МОЛИЯВӢ ВА БИСЁР ЧИЗҲОИ ДИГАР ВАЪДАҲО ДОДААСТ, НА ФАҚАТ ҚОБИЛИЯТИ ТОБ ОВАРДАН БА АЗОБҲО ДАР ОЗМОИШҲО ВА МУСИБАТҲО.**

Ман тавсия медиҳам, ки бо варақи тозаи ақлу идрок роҳамонро оғоз бахшем, то шумо ҳамаи ҷавобҳои мазҳабии дар давоми умри худ шунидаатонро оиди он, ки чаро Худо кадом - як корро иҷро мекунаду дигарашро не, аз худ дур кунед. Умедворам, шумо ҳоло фаҳмида истодаед, ки бояд аз шарҳу эзоҳи мақбули умум, ки одатан ҳангоми вафот кардани Ҷоннии хурдакак изҳор мекунанд, даст кашед: “Худо беҳтар медонад. Ҳама чиз дар зери назорати Ӯ аст”, ва ғайраҳо. Не, шумо бояд сабаби онро дарк кунед, ки чаро Исо шифо дода натавонист, ва қонунҳоеро, ки ҷараёни қуввати Худоро дар замин идора мекунанд, ДОНЕД. Шумо бояд ҷавоби ин саволро донед: “Чаро Исо шифо дода натавонист?” Вақте ман мегӯям, ки ба ин савол ҷавоб ҳаст, аксари одамон меранҷанд. Аммо ман он чиро мегӯям, ки Китоби Муқаддас гуфтааст, ва иҷозат диҳед, то боз такрор кунам, ки шумо ҲАТМАН бояд ба ин савол ҷавоб дошта бошед.

Ҷавоби оддӣ ва кӯтоҳ ба саволи он, ки чаро дар ин воқеа Исо беморонро шифо дода натавонист, ин аст, ки Худо барои иҷрои ин кор асоси қонунӣ надошт. Салоҳияти ҳуқуқӣ тавассути имони мардон ва заноне, ки дар замин сокин ҳастанд ва ба каломи осмонӣ пурра боварӣ доранд, фароҳам оварда мешавад. Гарчанде ман ва шумо розӣ ҳастем, ки Исо барои шифо додани беморон қувват ва хоҳиш

дошт, Ӯ ин корро карда натавонист. Тавре ки Худи Ӯ гуфт, сабаб на дар он буд, ки Ӯ хоҳиши шифо додан надошт, балки сабабаш он буд, ки одамон имон надоштанд. Инро нависед! Дар ин ҷо сирри асосӣ пинҳон аст! Имон!

Қисми зиёди китоби қаблии худро ба шарҳи он бахшидам, ки имон чӣ аст, чӣ тавр он кор мекунад, барои чӣ он лозим аст, чаро Худо онро аз мо талаб мекунад, чӣ тавр онро пайдо кардан ва фаҳмидан мумкин аст ва чӣ тавр фаҳмем, ки оё мо дар имон ҳастем. Ин қонуни асосии Подшоҳиро на фақат фаҳмидан зарур аст. Ин барои мо масъалаи ҳаёт ва мамот аст!

Ба наздикӣ ман аз як хидматгузории машҳури масеҳӣ мактуб гирифтам. Мундариҷаи он, мутаассифона, ақидаи хоси аксари масеҳиёнро инъикос мекунад. Иҷозат диҳед, ки як порча аз он хонам.

Мактуб бо ояти аҷиби Китоби Такрори Шариат оғоз мешуд:

> *“Қавӣ ва далер бошед, аз онҳо натарсед ва ҳаросон нашавед, зеро ки Худованд Худоят Худаш бо ту меравад; Ӯ аз ту даст нахоҳад кашид ва туро тарк нахоҳад кард” (Так. Шариат 31:6).*

Дар идома чунин навишта шудааст:

“Барои чӣ Худо терроризм ва азобро бознамедорад? Барои чӣ Ӯ иҷозат медиҳад, ки одамон бимиранд? Саволҳо зиёд мешаванд, ҳақиқат дар он аст, ки мо ҳамаи ҷавобҳоро намедонем. Мо намедонем, ки чаро Худо ба рӯй додани ин ё он ҳодиса роҳ медиҳад. Мо танҳо медонем, ки муҳаббати Худо комил аст. Роҳҳои Ӯ аз роҳҳои мо болотар аст. Мо бояд ба ваъдаҳои Ӯ бовар кунем. Ӯ ваъда медиҳад, ки аз ҳад зиёд озмоиш намедиҳад, аммо дар ҳар чизе ки Ӯ ба мо медиҳад, дар ҳар қадам, ҳамроҳи мо хоҳад буд”.

НОДУРУСТ, НОДУРУСТ, НОДУРУСТ! Дар асл Китоби Муқаддас ба мо комилан баръакси инро мегӯяд.

> *Озмоише ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад,*

*ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед.*

– 1 Қӯринтиён 10:13

Ӯ ба мо оиди шифо, барқароршавӣ, афзуншавии молиявӣ ва бисёр чизҳои дигар ваъдаҳо додааст, на танҳо қобилияти тоб овардан ба азобҳо дар озмоишҳо ва мусибатҳо. Муҳаббати комил ҳалли масъаларо пешниҳод мекунад. Ман метавонистам идома диҳам, аммо, мутаассифона, аксари одамон Худоро ҳамин тавр тасаввур мекунанд. Ман намефаҳмам, ки чӣ тавр фикр кардан мумкин аст, ки Худое, ки муҳаббаташ комил аст, ба одам касалии саратон медиҳад ё шифо доданро рад мекунад, дар ҳоле ки қудрати иҷро кардани онро дорад. Вақте ки аз одамон дар ин бора мепурсӣ, онҳо одатан мегӯянд, ки роҳҳои Ӯ роҳҳои мо нест. Шумо шӯхӣ мекунед? Мо муҳаббати комил надорем, аммо бо фарзанди худ чунин рафтор кардан намехоҳем! Баръакс, Ӯ дар Каломи Худ роҳҳои Худашро возеҳ ошкор мекунад.

Дар мактуб гуфта шуда буд, ки дар ҳар чизе, ки Ӯ ба мо медиҳад, дар ҳар қадам, дар тамоми роҳи пурмашаққат ҳамроҳи мо хоҳад буд. Наход ки Худо ба мо ягон чизи бад диҳад? Не. Вақте Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ӯ бо мо аст ва ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад, ин чунин маъно дорад, ки Худо бо мост, то ки ваъдаҳои Худро амалӣ кунад! Дӯсти ман, ин таълимот, ки Худо душмани мо аст, аз Худо нест. Он на он Худоеро нишон медиҳад, ки ман хидмат мекунам, ва умедворам, ки шумо бо ин таълимот розӣ намешавед. Агар дар калисои шумо ин гуна сафсатаро таълим диҳанд, шумо бояд фавран аз он ҷо равед!

Худо муҳаббат аст, ва Калом мегӯяд, ки муҳаббат ҳаргиз хиҷил намекунад. Аммо қонунҳои Худо, қобилияти Ӯ барои дахолат кардан ба олам, ки ба имони мо вобаста аст, хиҷил мекунад. Бале, ин як масъалаи ҳуқуқӣ аст, на масъалаи мурғаки бадан, ҳиссиёт ва ягон чизи дигар. Тавре ки ман пештар гуфтам, азбаски инсон дар замин

салоҳият дорад, Худо ҳар кореро, ки хоҳад, карда наметавонад. Барои он ки осмон ҳуқуқи ба замин овардани ҷалоли Худоро ба ин вазъият пайдо кунад ва адолатро ба амал орад, имони шумо, тавофуқи шумо бо осмон зарур аст. Дӯстам, барои аз Худо чизе гирифтан, шумо бояд донед, ки имон чӣ аст ва чаро он зарур мебошад.

Дарвоқеъ, агар шумо китоби пешинаи ман "Инқилоби молиявии ту. Қуввати ризоият" (Your Financial Revolution: The Power of Allegiance)-ро нахонда бошед, иҷозат диҳед, ки ба таври мухтасар ба масъалаи имон равшанӣ андозам. Шумо гумон карда метавонед, ки қариб ҳар як масеҳие, ки калимаи имонро истифода мебарад, медонад, ки он чӣ аст, аммо ин тавр не. Ба мо лозим аст, ки андаке сайри таърих кунем, то консепсияи ҳаётан муҳими Подшоҳиро дар робита бо юрисдиксияи қонунӣ бифаҳмем.

Биёед порчаеро аз Нома ба Румиён дида мебароем:

> *«Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: "Насли ту чунин хоҳад буд". Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст» (Рум. 4:18-21).*

Мо Иброҳимро ҳамчун марди имон мешиносем. Ӯ пурра мутмаин буд, ки Худо барои иҷро кардани ваъдааш қудрат дорад. Боварии мутлақ дар розигӣ бо Худо имон номида мешавад. Бе ин розигӣ Худо дар замин амал карда наметавонад. Шумо мепурсед: "Чаро ба Худо шахсе лозим аст, то ки вай барои иҷро кардани коре, ки Худи Ӯ интихоб мекунад, иҷозат диҳад ё халал расонад? Ӯ Худо аст". Барои ҷавоб додан ба ин савол, биёед ба ибтидо нигоҳ мекунем, чуноне ки дар замони Одам буд.

*«Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». **Модоме ки** ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас **ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад.** Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад.*

– Ибриён 2:7, 8

Ин суханон ҳангоми офариниш дар бораи Одам ва Ҳавво гуфта шуда буданд. Диққат диҳед, ки дар замин ягон чизе набуд, ки ба салоҳияти қонунии онҳо вогузор карда нашуда бошад. Одам ба замин гузошта шуда буд, то ки бо ёрии ваколате, ки аз номи Подшоҳии Худо дошт, подшоҳӣ кунад.

*Ва Худо гуфт: «Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем; ва онҳо бар моҳиёни баҳр, ва бар паррандагони осмон, ва бар чорпоён, ва бар тамоми замин, ва бар тамоми ҳайвоноте ки бар замин мехазад, **ҳукм ронанд».***

– Ҳастӣ 1:26

Мо боз мебинем, ки Одам тавассути ваколати додашуда дар замин подшоҳӣ мекард, ва бо тоҷи ҷалол (тадҳин ва қувват) ва шараф (мавқеи қудрат) сарафроз гардонида шуда буд. Ҳама чиз ба ӯ мутеъ карда шуда буд.

Зиёда аз ин, агар ҳикояи офаринишро хонем, мебинем, ки Одам ба ҳама ҳайвонот ном гузошт, чунки ӯ барои ҳукмронӣ кардан дар тамоми сайёра таъин карда шуда буд. Мо медонем, ки Одам қудрати худро, ки бар шайтон дошт, аз даст дод, зеро шайтон Ҳавворо фиреб дода, ба он водор кард, ки бар зидди ҳокимияти Худо хиёнат кунад. Дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён (4:4) Павлус менависад, ки ба воситаи хиёнати Одам шайтон худои ин ҷаҳон гардид. Ӯ на танҳо ягон худо шуд, балки худои ин ҷаҳон шуд, ба ибораи дигар, ӯ қудрати қонунии рӯҳонӣ пайдо кард. Новобаста ба он ки одам дар замин зиндагӣ

карданро давом дод, вай аз лиҳози рӯҳонӣ барои Худо мурд. Рӯҳи инсон, ки барои дар ягонагӣ бо Худо зистан офарида шуда буд, акнун аз Худо ҷудо гардид. Одам бо ҳиссиёт, ақлу ирода ва эмотсия зиндагӣ карданро шурӯъ намуд.

> *Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта бароварда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод. Ва иблис ба Ӯ гуфт: “Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам; пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад”.*
>
> – Луқо 4:5-7

Диққат диҳед, шайтон мегӯяд, ки ба вай дар замин қудрат дода шудааст. Албатта, мо медонем, ки қудрат аз ҷониби касе ба вай дода шуд, ки дар аввал соҳиби он буд, яъне Одам. Ин муҳим аст. Зиёда аз ин, агар шайтон бо роҳи ғайриқонунӣ ба замин ҳуҷум мекард, вай ҳамон лаҳза ба ақиб партофта мешуд. Полисеро ба худ тасаввур кунед, ки қувваи ёрирасон даъват мекунад, ва шумо мефаҳмед, барои чӣ ман мегӯям, ки шайтон зарбаи сахт хӯрда метавонист. Нишонаи сарисинагии полис аломати он аст, ки тамоми қувват ва қудрати ҳокимияти ИМА барои пуштибонии суханони ӯ баромад мекунанд. Тоҷи Одам (ба ибораи дигар, мавқеи қудрати ӯ), ки аз номи ҳокимияти Худо ҳукмронӣ мекард, тамоми қувват ва дастгирии Худоро дошт. Ба туфайли мавқеи Одам дар замин, шайтон дар сайёраи мо ҳеҷ гуна қудрат надошт. Вай дар зери ҳукмронии Одам ва Ҳавво буд. Ягона чизе, ки шайтон умед карда метавонист, то қудрат ба даст орад, – аз Одам талаб кардани он буд, вале ӯ қудрат надошт, ки Одамро маҷбур кунад, то вай тоҷашро аз сараш бардорад. Ана барои ҳамин шайтон нақша сохт, то ки одамро фиреб диҳад ва Худоро ба назари одамон на ҷонибдори манфиатҳои онҳо, балки ҳамчун беэътимод муаррифӣ кунад. Вай Ҳавворо бовар кунонд, ки ба Худо итоат накардан беҳтар аст, чунки қонунҳои Ӯ вай ва Одамро аз фоидаи бештар маҳрум менамоянд.

**Шайтон маҷбур шуд, ки Одаму Ҳавворо водор намояд, то ба вай бовар кунанд ва ба ҷои он ки бо Худо бимонанд, ба тарафи вай гузаранд.**

Оддӣ карда гӯем, сухан дар бораи имон меравад. Имонро метавон “боварии комил” ба суханони Худованд номид. Одам ва Ҳавво ба боэътимодии Каломи Ӯ шубҳа пайдо карда, онро рад карданд, ва бо суханони шайтон розӣ шуданд. Сипас онҳо мувофиқи ақидаи худ рафтор карданд ва дар натиҷа аз мавқеи қудрате, ки дар Подшоҳии Худо доштанд, маҳрум шуданд ва ба шайтон асоси қонунӣ фароҳам оварданд, ки ба корҳои инсон дахолат кунад. Дар натиҷа, Одам, ки дар замин қудрат дошт, вақте ки бо шайтон розӣ шуд, аз лиҳози рӯҳонӣ Худоро рад кард. Одам тоҷи худро, мавқеи қудрати худро як сӯ гузошт, то ки шайтонро пайравӣ кунад. Ҳамин тавр рафтор карда, вай айнан Худоро аз ҳаёти худ ронд. Бисёриҳо мегӯянд: “Не, ин тавр шуда наметавонист, Одам Худоро аз замин ронда наметавонист!” Аммо корҳои одамро ба назар гирем, маҳз ҳамин тавр шуд. Иҷозат диҳед, ки инро ба шумо исбот кунам. Биёед бори дигар порчаеро аз Китоби Ҳастӣ дида мебароем. Пас аз он ки Одам гуноҳ содир кард, Худо ба назди вай омада, гуфт:

> *«Ва ба Одам гуфт: “Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам: “Аз он нахӯрӣ”, замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд. Ба арақи ҷабинат нон хоҳӣ хӯрд, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок хоҳӣ баргашт”» (Ҳастӣ 3:17-19).*

Ба ин суханон аҳамият диҳед: “Замин *аз боиси ту* малъун шуд”.

*Малъун* чунин маъно дорад, ки дар он ҳузуру баракати Худо нест. Ҳамаи ин аз боиси Одам рӯй дод, ки бар тамоми сайёра қудрат дошт,

вале онро аз юрисдиксияи Худо канда кард. Худо чизи асосиро мегӯяд: “Одам, аз боиси ту дастони Ман баста шудаанд. Ман ба ту кӯмак карда наметавонам”. Сипас Ӯ идома медиҳад, ки акнун худи Одам бояд бо меҳнати пурмашаққат ва муттасил ба худ ризқу рӯзӣ пайдо карда, ба зиндамонӣ кӯшиш кунад. Ман инро “системаи малъуни заминӣ”-и зиндамонӣ меномам. Мо дар он ба воя расидаем – дар подшоҳии тарс ва азобҳо. Мо ташвиш кашиданро ёд гирифтем, аз лаҳзаи таваллуд тарс ба тамоми афкори мо ворид шуд. Ман ба зудӣ ба ин порча бармегардам, аммо аввал иҷозат диҳед, то боварӣ ҳосил кунам, ки шумо мефаҳмед, ки чӣ тавр шайтон ба замин роҳ ёфт. Ӯ бояд марде ё занеро дар замин пайдо мекард, ки аз Худо салоҳияти қонунӣ доштанд, то ки ба вай дарро боз кунанд. Ин калид дар дасти Одам буд, ва шайтон тавонист, ки ӯро фиреб диҳад, то ки Одам дарро ба рӯи вай боз кунад. Биёед бори дигар ба порчае аз Нома ба Ибриён нигоҳ мекунем:

> *«Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ”. Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад» (Ибр. 2:7, 8).*

Диққат диҳед, дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, Худо ҳеҷ чизеро нагузошт, ки ба вай мутеъ накарда бошад. Сарфи назар аз он ки гап дар бораи воқеаҳое меравад, ки хеле пеш рӯй дода буданд, маънои калимаи *мутеънашуда* то замони ҳозира нигоҳ дошта мешавад ва ҳолати имрӯзаи инсонро дар замин нишон медиҳад. Ҳатто агар инсон аз боиси гуноҳи Одам қудрати рӯҳониро дар замин аз даст дод, бо вуҷуди он вай соҳибмулкии худро бар замин нигоҳ дошт. Ана ҳолати имрӯза чӣ маъно дорад. Аз сабаби мавқеи ҳуқуқии инсон дар замин ва мавқеи қонунии қудрати рӯҳонӣ, ки шайтон бар одамон дорад, Худо наметавонад ҳамту ба замин рахна зада, ворид

шавад ва Каломи Худро бишканад, вагарна шайтон ба ин эътироз баён мекунад.

Худо маҷбур аст, ки дар замин марде ё занеро пайдо кунад, ки бо Ӯ розӣ мешаванд ва барои Подшоҳии Худо дари рӯҳониро барои ба даст овардани салоҳияти қонунӣ боз мекунанд. Чуноне ки шайтон маҷбур буд, ки ба воситаи миёнарав, яъне Одам, кор кунад, ҳамин тавр акнун Худо маҷбур аст, ки тавассути мардону занон, миёнаравҳо дар замин, кор кунад, то ки ба Подшоҳӣ ҷой ҷудо кунад. Дил ва ақл комилан ба ҳар чизе, ки осмон мегӯяд, розӣ аст, – ана имон чӣ маъно дорад. Имон лозим аст, то ки Подшоҳии Худо дар ин ҷо салоҳият дошта бошад. Ман дар ин китоб шарҳ намедиҳам, ки чӣ тавр имон пайдо кардан ё чӣ тавр донистан мумкин аст, ки шумо дар имон ҳастед ё не. Дар ин бора ман дар китоби аввали ин силсила навиштаам. Бо мақсади мулоҳизарониҳои мо ман танҳо боварӣ ҳосил кардан мехоҳам, ки шумо чӣ будани имон ва барои чӣ зарур будани онро медонед, то осмон дар замин кор кунад.

Умедворам, ки акнун ба шумо фаҳмо шуд, ки чаро Исо дар зодгоҳи Худ бисёр мӯъҷиза нишон дода *натавонист,* – аз сабаби беимонии одамон. Бинобар ин осмон салоҳияти қонунӣ надошт. Иҷозат диҳед, ки ин мусоҳибаро бо порчаи зебое аз Китоби Муқаддас анҷом диҳам, то нишон диҳам, ки ман чиро дар назар дорам.

Ин суханонро аз Нома ба Румиён ҳама шунидаанд:

> *“Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст” (Рум. 10:10).*

Ин порча ба истилоҳ ба роҳи румӣ шомил буда, яке аз чаҳор оятҳое аст, ки ба мо чӣ тавр наҷот ёфтанро нишон медиҳад. Аммо оё шумо дар бораи раванде, ки дар ин оят нишон дода шудааст, андеша кардаед? Бо дил имон меоранд ва бо осмон розӣ мешаванд. Дили шумо дар мувофиқа бо осмон ба он ҳуқуқ медиҳад, ки заминро пур кунад. Ин оят мегӯяд: вақте ки шумо ба осмон бовар мекунед, сафед

мешавед. Сафедшавӣ – ин татбиқи қонун. Бинобар ин имон дар дил дар назди замин ва осмон ба шумо ҳуқуқ медиҳад, то он чиро ки осмон ба шумо пешниҳод мекунад, дошта бошед, зеро маҳз имон ба шумо соҳибҳуқуқӣ медиҳад. Аммо эътибор диҳед, ки ҳоло чизе рӯй намедиҳад. Дар ин оят қисми дуюм ҳаст: “... бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст”. Бубинед, гарчанде дили шумо ба осмон мувофиқат карда, ба шумо ҳуқуқ медиҳад, ки заминро тасхир кунед, бо вуҷуди ин, агар марде ё зане, ки дар замин салоҳият дорад, чизеро дар ин ҷо низ ба кор наандозад, ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Азбаски салоҳият дар дасти шумост, бе шумо осмон онро надорад!

> *Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи шумо бар замин бандед, дар осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин кушоед, дар осмон кушода хоҳад шуд.*
>
> – Матто 18:18

Дар ин ҷо асосан дар бораи он гуфта шудааст, ки ман худи ҳозир гуфтам. Чизеро дар замин бандед, ҳамонро осмон дастгирӣ мекунад, чизеро дар замин кушоед ҳам, ҳамонро осмон дастгирӣ мекунад. Осмон ин корро бе шумо карда наметавонад. То даме ки марде ё зане бо имон ва розигӣ бо осмон қудрати худро дар замин ба кор наандозад, осмон шуморо интизор мешавад ва амал карда наметавонад. Муҳимтар аз ҳама – фаҳмидан лозим, ки чӣ тавр қувват ва қудратро дар замин ба кор андохтан мумкин аст. Дар ҳаёти ман ин кор кард, ва дар мактубе, ки тавассути почтаи электронӣ гирифтам, низ кор кардааст.

“Салом! Ману шавҳарам мехостем, ки ба шумо қиссаи ҷолиберо дар бораи “шикор бо имон” нақл кунем. Дар соли 2011 мо дар “хонаи орзуи худ” зиндагӣ мекардем, вале аз маош то маош мезистем ва гоҳе маҳсулоти хӯрока ва гармии хонаро бо корти қарзӣ пардохт менамудем. Мо нашъунамо намекардем, мо барои зиндамонӣ мубориза мебурдем. Ман сардори гурӯҳи парастиши калисо будам,

аммо имон ба молиёти мо мувофиқат намекард. Ман барномаи шумо "Ҳалли масъалаҳои молиявӣ"-ро дар шабакаи Daystar, ки таваҷҷӯҳи маро ба худ кашид, тамошо кардам, ва китоби "Ҳалли масъалаҳои молиявӣ"-ро якҷоя бо компакт-диски "Инқилоби молиявӣ" фармоиш додам.

Мо тасаввуроте надоштем, ки дар имон нестем! Мо медонистем, ки агар дар хонаи орзуи худ зиндагӣ карданро давом додан хоҳем, ба мо ҷавобҳое лозиманд, ки чӣ тавр идора кардани пулро дар Подшоҳӣ донем. Мо ба хидматгузории "Ҳаёт бо имон" ба қадри 200 доллар тухмӣ кишт кардем (он вақт ин барои мо пули калон ҳисоб мешуд, баробар ба 2000 доллар) ва бо Худо розӣ шудем, ки Ӯ кореро ба мо нишон медиҳад, ки бо он дар хона машғул шуда метавонам.

Худо ба мо бизнес-идеяи парвариши сагбачаҳои зоти голдендудлро нишон дод. Мо дуто сагча харидем, Белла ва Грэйсиро, ва ба парвариши онҳо шурӯъ кардем. Мо ҳама корро дар шарикӣ бо Худо иҷро мекардем. Мо медонистем, ки худамон мустақилона ин сагбачаҳоро зиёд карда наметавонем. Мо ба парвариши онҳо машғул шудем, ва дар соли 2014 сенздаҳ сагбачаҳои мо ҳар якеаш бо нархи 1200 доллар ба фурӯш гузошта шуданд. Ҳоло, дар соли 2015, мо шасту се сагбача дорем, ҲАМААШОН солиманд. Ба туфайли фурӯши сагбачаҳо, ғайр аз ипотека барои хона, мо пурра аз қарзҳоямон халос шуда тавонистем. Акнун мо хазинаи хароҷоти эҳтимолиро аз нав зиёд кардем.

Мутааҷҷибона, модарам пурсид, ки оё мо ду голдендудли вайро гирифтан мехоҳем, чунки ӯ азм кардаст, ки ба нафақа барояд. Худо моро баракат дод ва боз ду саги бепулро ба мо дод. Дар моҳи июл шавҳари ман директори мактаби миёна шуд! Дар як сол даромади мо то адади шашрақама зиёд шуд. ШИКОР БО ИМОН КОР МЕКУНАД! Мо ба қонунҳои Подшоҳии Худо пайвастем. Акнун мо ба ҳамаи намудҳои фаъолияти Подшоҳӣ кишт мекунем, ва ҳар субҳи якшанбе, пеш аз парастиш дар калисои маҳаллии мо, мо ибодати калисои

шуморо ба воситаи интернет тамошо мекунем! Раҳмат, ки ба мо чӣ тавр кор кардани Подшоҳиро таълим медиҳед!

– Карла”

Ин ҳафта ман аз ин оила боз як мактуб гирифтам.

“Иди Фисҳ муборак бошад! Исо эҳё шуд! Мо мехостем, ки ба онлайн-шубони мо Гэри навигариҳои худро нақл кунем. Лутфан, ба вай расонед, ки имсол мо Мавлуди Исоро дар Урушалим ҷашн гирифтем (бо пули нақд пардохт кардем). Барои мо дар дарёи Ӯрдун таъмид ёфтани писари наврасамон ва парастиш бо гурӯҳи “Хиллсонг” дар лаби баҳри Ҷалил баракати бузург буд. Чӣ қадар олиҷаноб! Мо барои ҳалли масъалаҳои молиявӣ хеле миннатдор ҳастем!

Ҳоло мо яксаду бисту як сагбача дорем. Мо маҷбур шудем, ки нархро барои яктоаш то 2300 доллар бардорем, чунки хеле одамони зиёд навбат мепоянд! Ҷалол ба Худо!

– Карла”

Ин мисоли равшан аст, ки Подшоҳӣ дар ҳаёти шумо чӣ кор мекунад. Пас аз гирифтани мактуб аз Карла ин ҳафта ман ба вай занг задам, ва ӯ ХЕЛЕ хурсанд шуд! Вай гуфт, ки имсол онҳо аз қарзи хона пурра халос мешаванд. Он чиро, ки ӯ дар мактуби аввал навишта буд, хотиррасон мекунам:

“Мо аз маош то маош мезистем ва гоҳе маҳсулоти хӯрока ва гармии хонаро бо корти қарзӣ пардохт менамудем. Мо нашъунамо намекардем, мо барои зиндамонӣ мубориза мебурдем”.

Акнун, ҳамагӣ пас аз ду сол, онҳо тамоми қарзҳояшонро бармегардонанд. Подшоҳӣ!

БОБИ 3

# ПОДШОҲӢ – ИН ҶАВОБИ ШУМО

Акнун, вақте ки шумо оиди он ки чӣ тавр Подшоҳӣ бо қонунҳо ва принсипҳои тағйирнопазир ташкил карда шудааст, тасаввуроти асосӣ пайдо кардед, ман ба қонунҳое гузаштан мехоҳам, ки ба молияи шумо ва, аз ин рӯ, ба оромии шумо таъсир мерасонанд.

Аммо пеш аз ин ман фаҳмонидан мехоҳам, ки чаро ин китобро "Қуввати оромӣ" номидам ва алоқамандона ба соҳаи молия ва Подшоҳӣ дар зери мафҳуми *оромӣ* чиро дар назар дорам. Мутааҷҷибона, оромиро бо молия ман алоқаманд накардаам, инро Худо кардааст.

> *Ва осмону замин ва тамоми анбӯҳи онҳо* ***анҷом ёфт.*** *Ва Худо корҳои Худро, ки карда буд, то рӯзи ҳафтум* ***анҷом дод,*** *ва дар рӯзи ҳафтум аз ҳамаи корҳои Худ, ки карда буд,* ***ором гирифт.*** *Ва Худо рӯзи ҳафтумро баракат дод, ва онро тақдис намуд, зеро ки дар он ором гирифт аз ҳамаи корҳои Худ, ки Худо офарид ва ба вуҷуд овард.*
>
> – Ҳастӣ 2:1-3

Аввалан, иҷозат диҳед, то бо дилпурӣ ба шумо бигӯям: Худо рӯзи ҳафтум на барои он истироҳат кард, ки хаста шуд, Худо хаста намешавад. Ӯ ором гирифт, тавре ки дар матн навишта шудааст, чунки ҳамаашро анҷом дод. Дар охири рӯзи шашум аз лаҳзаи офариниш Ӯ одамро офарид, ки дар рӯзи ҳафтум ҳамту зиндагӣ кард. Дар рӯзи ҳафтум оиди тарс, беморӣ фикре набуд, барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ сахт меҳнат кардан ва арақ рехтан шарт набуд. Баръакс, Одам пурра дар бораи Худо, занаш ва вазифаю рисолаташ фикр мекард. Ҳама чизе, ки барои ҳаёт ва иҷро кардани вазифа лозим буд, муҳайё ва дастрас буд, нақшаи Худо комил буд. Имрӯз одамон орзу мекунанд, ки он чиро, ки Одам дошт, дошта бошанд – ҳаёти беташвиш, қобилияти тамаркуз кардан дар кори дӯстдошта ва дар муносибат бо одамони наздик бе ғамхӯрӣ оиди таъминот. Мутаассифона, вақте ки Одам исён кард, ӯ таъминоти Худоро аз даст дод, ва аз ҳамон лаҳза инҷониб одам маҷбур аст, ки ба некӯаҳволӣ саъй кунад (ба воситаи меҳнати пурмашаққат ва арақи ҷабин).

> *Чунки халқҳо дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд, лекин Падари шумо, ки дар осмон аст, медонад, ки шумо ба ҳамаи ин чизҳо эҳтиёҷ доред. Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд.*
>
> – Матто 6:32, 33

Азоби ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ – ин бори вазнин, он тасаввуроти инсонро оиди ҳаёт вайрон мекунад. Ҳирси сарват, халосӣ аз ташвиши рӯзгор, ки зиндамонӣ талаб мекунад, чизҳое мебошанд, ки одам орзу мекунад. Миллионер будан танҳо дар он сурат маъно пайдо карда метавонад, ки барои паст кардани дараҷаи стресс, сабук кардани заҳмати дарёфти ризқу рӯзӣ ва тамаркуз кардан ба рисолату вазифа имкон фароҳам орад. Оммавӣ будани лотерея ба туфайли он аст, ки маблағ ва имкони раҳоиро аз системаи малъуни молиявии дунё бе сарфи меҳнат пешниҳод мекунад. Нақшаҳои зуд сарватманд шудан

дар ҳар намуд зиёданд ва пайваста ба почтаҳои электронӣ ҳамла мекунанд ва дар саҳифаҳои Facebook пайдо мешаванд. Бинобар ин дар контексти молияи мо ба ин савол ҷавоб лозим аст: оё имкони баргаштан ба рӯзи ҳафтум, ки ҳама чиз анҷом дода шудааст ва барои мо маҳфуз аст, вуҷуд дорад? Ҷавоб – бо овози баланд: БАЛЕ! Мақсади асосии ин китоб фаҳмонидани он аст, ки чӣ тавр ин рӯй медиҳад ва қонунҳои Подшоҳӣ, ки чунин натиҷа медиҳанд, чӣ гунаанд. Ман медонам, ки таҷрибаи ҳаёти шумо ва ҳатто калисо ва масеҳиён ба ман эътироз баён мекунанд, чунки бисёр масеҳиён бо таълимоти “камбағалӣ ин муқаддас аст”, розӣ шудаанд. Аммо, шуморо бовар мекунонам, ки ҳамаи ҷавобҳое, ки барои нашъунамо ва идома бахшидани кор ба шумо заруранд ва имкон медиҳанд, ки рисолати худро ошкор кунед, дар Подшоҳӣ мавҷуд мебошанд.

**ҲАМАИ ҶАВОБҲОЕ, КИ БАРОИ НАШЪУНАМО ВА ИДОМА БАХШИДАНИ КОР БА ШУМО ЗАРУРАНД ВА ИМКОН МЕДИҲАНД, КИ РИСОЛАТИ ХУДРО ОШКОР КУНЕД, ДАР ПОДШОҲӢ МАВҶУД МЕБОШАНД.**

> *Хушо шумо, эй мискинон, зеро ки Малакути Худо аз они шумост.*
>
> – Луқо 6:20

Ҷавоб ба қашшоқӣ – Подшоҳӣ! Ин ояти аввалинест аз Китоби Муқаддас, ки Худо ба ман нишон дод, вақте ки Ӯ ба ман таълим додани қонунҳои молиявии Подшоҳиро сар карда буд. Барои фаҳмидани он, албатта, чизеро, ки аллакай ман хотиррасон карда будам, ҳаллу фасл мебояд кард, яъне донистан зарур аст, ки Подшоҳӣ чиро мефаҳмонад. Ба фикрам, шумо бояд хуб фаҳмед, ки дар Боғ, вақте ки Одам гуноҳ кард, чӣ ҳодиса рӯй дод. Иҷозат диҳед, ки ин воқеаро зуд баррасӣ кунам.

Дар аввал Одам ва Ҳавво ҳеҷ ташвиш намекашиданд, майнаи

онҳо бо андешаҳо оиди бемориӣ ва таъминот пур набуд. Ҳар рӯз онҳо танҳо дар бораи рисолати худ, ки аз дӯст доштани Худо, дӯст доштани якдигар ва нигоҳубини замин ва Боғе иборат буд, ки Худо ба онҳо дода буд, фикр мекарданд. Дар ҳаёти онҳо тамоман тарс вуҷуд надошт. Аммо вақте ки Одам хиёнат кард, ҳама чиз тағйир ёфт. Тавре ки аллакай ман гуфтам, шайтон худои ин дунё гардид, одам аз Худо канда шуд, ва Худо аз салоҳияти қонунӣ бар одамон маҳрум монд. Одам аз воқеияти он, ки ҳаёт чӣ гуна шакл гирифтааст, ба даҳшат афтод. Суханонеро, ки Худо ба Одам пас аз содир кардани гуноҳаш гуфт, бори дигар такрор мекунам.

> *Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам: "Аз он нахӯрӣ", замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд.*
>
> – Ҳастӣ 3:17

Азобҳои сахт, арақи ҷабин, тарс, изтироб ва менталитети зиндамонӣ – ҳамин чизҳо афкори Одам ва Ҳавворо фаро гирифтанд. Мақсади онҳо, ки пештар барои онҳо нақшаи Худо буд, дар мубориза ва такопӯи зиндамонӣ гум шуд. Вазифаи аҷоиби Одам, мақсади вай акнун бо ташвишҳои зиндагӣ ва эҳтиёҷмандӣ ба таъминот фаро гирифта шудааст. Вай кӣ будани худро нафаҳмида монд. Акнун вай танҳо як мақсад дорад – чӣ тавр зинда мондан, барои ин меҳнати доимӣ бо арақи ҷабин талаб карда мешавад. Аз ҳамон давра ҳеҷ чизе тағйир наёфтааст.

Имрӯз ман, ҳамчун шубон, мушоҳида мекунам, ки саволи аз ҳама калонтарине, ки одамон медиҳанд, чӣ аст: "Ман бо ҳаёти худ чӣ кор кунам?" Барои он чунин савол медиҳанд, ки дар замин аз давраи Одам сар карда, ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба мақсаде табдил ёфтааст, ки дар гирдаш ҳама чизҳои боқимонда давр мезананд. Одатан одамон қарорҳои худро на аз рӯи мақсад, балки аз рӯи масъалаи пул қабул мекунанд. Пул ва эҳтиёҷот ба он одамонро маҷбур мекунад, ки кори ба худашон нафратоварро иҷро кунанд. Дар асл аксари

одамон тасаввуроте надоранд, ки онҳо кӣ ҳастанд. Ба худ навишта гиред: “Агар мо Худоро нашиносем, мақсади Ӯро барои ҳаётамон намефаҳмем. Зеро Ӯ моро офаридааст”.

Одамон хеле сахт донистан мехоҳанд, ки онҳо кӣ ҳастанд. Онҳо дар дунё танҳо як рақам ба назар мерасанд, аммо барои Худо онҳо офаридаҳои махсус ва беназир ҳастанд, ҳар яке дорои қобилият ва потенсиали инфиродӣ мебошад. Аммо азбаски онҳо Худоро намешиносанд, худро низ намешиносанд, аз ин рӯ арзишҳояшонро дар ҷойҳои нодуруст меҷӯянд. Онҳо ба фарҳанг имкон медиҳанд, ки арзиши худро ба онҳо талқин намояд ва чизеро, ки он мегӯяд, қабул мекунанд. Аммо тасвире, ки васоити ахбори умум талқин мекунад ва фарҳанг инъикос менамояд, ҳама сояҳои ивазшаванда мебошанд. Вақте шумо мефаҳмед, ки бо чизе, ки қобили қабул دониста мешавад, дар як мавҷ ҳастед, мушоҳида мекунед, ки ҳамааш тағйир ёфтааст ва шумо аллакай ақиб мондаед.

Дар ёд дорам, ману Дренда боре ба Париж сафар кардем ва дар кӯчаҳои шаҳр сайругашт намудем. Париж, чуноне ки медонед, шаҳри мӯдҳо аст, дар он сол рангҳои мӯд хокистарӣ ва сиёҳ буданд. Дар ҳамаи витринаи мағозаҳо чизҳои хокистарранг ва сиёҳ гузошта шуда буданд. Ба гирду атроф нигоҳ карда, садҳо одамонро дидам. Вақте ман фаҳмидам, ки ягон ранги равшанро намебинам, дар ҳайрат мондам. Ҳамаи одамон, бидуни истисно, либосҳои хокистарранг ва сиёҳ пӯшида буданд. Садҳо ва садҳо одамон як хел ба назар мерасиданд. Кай бори охир касе ба шумо гуфт, ки ранги дӯстдоштаи ӯ хокистарӣ аст? Аммо ҳамон рӯз одамони сершумор боварӣ доштанд, ки ранги дӯстдоштаи онҳо хокистарӣ ва сиёҳ аст.

Фишори таъмин кардани рӯзгор он қадар шадид аст, ки тамоми вуҷуди моро фаро мегирад ва моро водор мекунад, ки пайваста дар ҷустуҷӯи таъминот бошем ва қобили қабули дигарон гардем. Ман ва Дренда ҳатто ибораеро фикр карда баромадем, ки дар мавъизаҳои худ аллакай бисёр солҳо истифода мебарем: “То даме ки шумо масъалаи молиявиро ҳал накунед, рисолати худатонро намефаҳмед!” Вақте ки ту ғуломе ҳастӣ, ки барои зиндамонӣ

мубориза мебарӣ, барои ҷустуҷӯ ва эҷоди имкониятҳои гуногун кам вақт меёбӣ. Чуноне ки аллакай гуфтам, ҳақиқат дар он аст, ки аксар вақт одамон қарорҳое қабул мекунанд, ки бо мақсади ба даст овардани воситаҳои мубориза барои ҳаёт ва нигоҳ доштани чизе, ки доранд, алоқамананданд. Онҳо мояи шавқу рағбати худро ба хотири даромад ва орзуро ба хотири воситаҳои мубориза барои ҳаёт тарк мекунанд. Гап дар сари он аст, ки мафкураи зиндамонӣ тавассути меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин ба мо сахт фишор меорад, аз ин рӯ мо орзу карданро бас мекунем. Тарс орзуҳои моро дар асорат нигоҳ медорад, ва камбудии воситаҳои зиндагӣ орзуҳои моро дар қафаси бо ном “ғайриимкон” банд мекунад. Ман вақтеро дар ёд дорам, ки орзу доштам, ки сӯзишвории кофӣ дошта бошам, то ба хона бирасам, бе зикри он ки ин барои ман ҳаётан муҳим буд. Дар он давра дар пешорӯи ман ягон мақсади бузурге дида намешуд. Танҳо супоридани иҷорапулӣ – ин ягона чизе буд, ки орзу карда метавонистам. Ман иқрор мешавам, ки вақте шумо бо тамоми қувват барои таъмини ризқу рӯзии оилаатон муборизa мебаред ва бо эҳтиёҷоти таъҷилии молиявӣ рӯ ба рӯ мешавед, бо тарзи тафаккури зиндамонӣ ба дур нигоҳ кардан мушкил аст.

Вақте ки Одам Подшоҳиро дод, ҳаёти ӯро ҷаҳони наве фаро гирифт, ки пур аз марг, тарс, мубориза барои ҳаёт ва изтироб аст. Боварӣ дорам, ки ин ҳиссиёти тарс ба ҳамаи мо маълум аст. Ман бисёр воқеаҳоро аз ҳаёти худ дар ёд дорам, ки пур аз азоби воҳима, шарм ва тарс буданд, дар ҳоле ки ман нӯҳ соли дароз дар вартаи ҳалокати молиявӣ зиндагӣ мекардам, аз хурӯҷи тарсу изтироб азоб мекашидам ва антидепрессантҳо истеъмол мекардам. Системаи малъуни зиндамонӣ ба ҳамаи мо талқин кардааст, ки ба дунё бо назари манфӣ нигоҳ кунем. Баъзе одамон аз ӯҳдаи он беҳтар мебароянд, аммо бе Масеҳ ин тарзи тафаккури манфӣ ҳамеша ба мо мегӯяд, ки мо он қадар хуб нестем.

Оё шумо боре чунин суханонро шунидаед: “Фирефта нашав”? Дар овони бачагӣ, вақте ки ман аз ягон чиз, ки падари ман онро ахмақӣ меҳисобид, хурсанд мешудам, ӯ мегуфт: “Рӯзе ақлат медароӣ”. Аз

ин рӯ ман, ба ғайр аз он, ки падарам зарур мешуморид, чизи дигарро орзу намекардам. Ба фикрам, худи ӯ аз сабаби он, ки дар оилаи майпарастон калон шуда буд, азоб кашида буд ва маҷбур буд, ки бо чунин тарзи ҳаёт зиндагӣ кунад.

Иқрор бояд шуд, ки мо ҳама воҳимачиҳои касбӣ ҳастем. Тарс ба ҳамаи мавҷудоти сайёраи Замин хос аст. Агар мо андеша кунем, ҳама розӣ мешавем, ки калимаи «не» дар мо аз лаҳзаи таваллуд сикка зада шудааст. “Не, ин ба ту мумкин нест”. “Не, ба ҷояш мон”. “Не, ба он ҷо мумкин нест”. “Не, ту инро ба худ раво дида наметавонӣ”. Ниҳоятан мо тамоман “ҳа” гуфтанро бас мекунем ва танҳо гоҳо канда шуда, ба ягон кор машғул мешавем, то ки майнаамонро хомӯш ва воқеиятро фаромӯш кунем, масалан, сахт ба хӯрдани хӯроки дӯстдоштаамон банд мешавем.

Мувофиқи маълумотҳои як тадқиқот, ба ҳисоби миёна як кӯдак то ба воя расидан зиёда аз 148 000 маротиба калимаи “не” ва “мумкин не” мешунавад ва танҳо чанд ҳазор маротиба калимаи “ҳа”[4].

Ба наздикӣ ман анҷумани ҳарсолаи Provision (“Таъминот”) гузаронидам ва мошини “феррарӣ” –и соли баромадаш 2017, воситаи нақлиётеро, ки бешубҳа илҳомбахш аст, ба саҳна гузоштам. Соҳиби он, имондори калисои мо, онро тақрибан бо 400 000 доллар пули нақд харидааст. Вақте ки меҳмонони анҷуман омаданд ба ин мошин бо ҳаяҷон нигариста, аз ҳар тараф ба он чашм меандохтанд, то ки нағзтар бинанд. Гарчанде он чӣ қадар илҳом бахшад ҳам, ман онро на барои он ба саҳна гузоштам, ки тарзи ҳаёти сарватпарастонаро тарғиб кунам, балки хостам, ки ба одамон дарси ибрат омӯзам. Ҳамаи онҳое, ки мошинро иҳота карда буданд, иқрор шуданд, ки соҳиби ҳамин гуна мошин будан мехоҳанд.

Ман медонистам, ки тарбия бо усули “не”, ки онҳо дар системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат гирифтаанд, ба онҳо аз умқи дилашон ба онҳо фарёд мезад: “Не, ту ҳеҷ гоҳ соҳиби ин гуна мошин шуда наметавонӣ! Ту ҳеҷ гоҳ онро ба худ раво дида

4 Чӣ тавр модаре бояд шуд, ки “ҳа” мегӯяд. http://www.babyzone.com.

наметавонӣ, ҳатто дар бораваш фикр ҳам накун". Аз сабаби тарбияи бо ном "не", ки ҳамаи онҳо ва ҳамаи мо дорем, аксарияти онҳо ҳатто фикр накарданд, ки мошини "феррарӣ" дошта бошанд, зеро мафкураи "не" онро дида ва гирифта наметавонист. Аммо агар ман ҳар соат мошинҳоро, аз қиматтаринаш сар карда то арзонтаринаш, дар саҳна иваз мекардам, ниҳоят онҳо фикр карда, мегуфтанд: "Ин мошин ба ман маъқул аст, ҳамин гуна ба ман лозим аст".

Фарқ дар чист? Тамоми гап дар он аст, ки чӣ тавр онҳо ба худ, ба қобилият ва нархи мошин баҳо медиҳанд. Бале, чанд кас ба худ гуфта метавонистанд: "Рӯзе ман соҳиби чунин мошин мешавам", шояд дар толор ҳатто одамони сарватманде буданд, ки ба ин мошин ба таври дигар менигаристанд. Аммо ман боварӣ дорам, ки аксари одамон имконияти соҳиби ин гуна мошин шуданро ба худ тасаввур ҳам намекарданд. Миллионере, ки бо пули нақд онро харида буд, дарвоқеъ шаш "феррарӣ" дорад. Дар мафкураи ӯ ин танҳо як мошини хуб аст. Вақте ки ӯ онро дид, фикран худро соҳиби он тасаввур кард, аз Италия онро фармоиш дод ва интиқолашро ба хонаи худ дар ИМА ташкил кард. Ба ӯ аз рӯи биниши худ амал кардан мушкил набуд, чунки ӯ маблағ дошт. Калиди муҳими оромӣ – таъминоти молиявӣ – ин пешбинӣ.

**Калиди асосӣ:**

**<u>Таъминот – ин пешбинӣ</u>**

Бе таъминот биниш нест, танҳо мубориза барои зиндамонӣ ҳаст. Системаи малъуни заминии камбағалӣ орзуҳо ваояндаи моро медуздад. Ман медонам, ки намоиши "феррарӣ" чораи охирин буд, аммо он фикри маро хуб таъкид кард. Одамони ҷамъомада ҳатто ба худашон иҷозат намедоданд, ки соҳиби чунин мошин буданро орзу кунанд, чунки инро ғайриимкон меҳисобиданд. Агар онҳо ақаллан як сония ба худ иҷозат медоданд, ки дар ин бора орзу кунанд, таҷрибаи онҳо дар системаи малъуни заминӣ фарёд мезад: "Чӣ қадар сарфи пул!" Аммо чӣ мешуд, агар дар ҳисоби шумо 25 миллиард доллар

пул бошад (ман танҳо ба фикр водор мекунам)? Ин мошин ба шумо он қадар арзон менамуд, ки шумо онро ҳамту барои дар рӯзҳои истироҳат савор шудан мехаридед. Ҳама гап дар дурнамо аст, ва азбаски Каломи Худо мегӯяд, ки ҳар як ваъдаи Худо "оре" ва "омин" (бигзор ҳамин тавр шавад) аст, дурнамои шумо бояд тағйир ёбад, шумо бояд чунон фикр кунед, ки Худо фикр мекунад.

*Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ «оре» буд ва дар Ӯ «омин» буд, — барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо.*

– 2 Қӯринтиён 1:20

Ин аст таърифи дурнамо дар луғат: муносибати муайян ба чизе ё тарзи нигоҳ ба чизе; нуқтаи назар, муносибат, чаҳорчӯбаи истинод ё тафсир. Умуман дурнамо ин аст, ки чӣ гуна шумо дар бораи чизе фикр мекунед.

Ман шуморо даъват мекунам, ки дар бораи консепсияи зерин фикр кунед. Одам шоҳзода буд, то даме ки худро ба шайтон таслим кард. Аз ин рӯ, агар шумо ӯро баъд аз афтодан медидед, дар пеши назари шумо марде меистод, ки ба қашшоқӣ расидасту оилааш вайрон шудааст (Қобил, писари ӯ, бародари худ Ҳобилро кушт), шумо ҳеҷ фикр намекардед, ки ӯ комёб мешавад. Аммо дида наметавонистед, ки дар рагҳои ӯ хуни шоҳона ҷорӣ аст. Дуруст нест, ки барои баҳо додан ба потенсиали худ, ба худ дар асоси он, ки дар куҷо зиндагӣ мекунед, чӣ доред, аҳволи имрӯзаи шумо чӣ гуна аст, нигоҳ кунед. Шумо бояд ба потенсиале нигоҳ кунед, ки ҳангоми офариниш ба шумо гузошта шудааст.

Давраҳоеро дар ёд дорам, ки шароитҳои вазнинро аз сар мегузаронидам ва бо мушкилиҳои ҷиддие рӯ ба рӯ будам, ки аз ман қавитар ба назар мерасиданд. Ман бояд якчанд қароре қабул мекардам, ва ин қарорҳо аз миқдори пуле, ки ман доштам, хеле бештар талаб мекарданд. Ман ҳис мекардам, гӯё медонам, Худо мегӯяд, ки он корро бикунам, аммо чун пештара тарс доштам. Дар он вақт Худованд хобе ба ман нишон дод. Ман дар қуллаи кӯҳ савори асп

будам. Дар даст шамшер доштам. Дар поён дар доманаи кӯҳ садҳо не, ҳазорҳо аскарони душман аспсавор бо шамшерҳои урён, ки ба сӯи ман бардошта шуда буданд, меистоданд. Ман комилан танҳо будам, дар ақалияти мутлақ дар пеши онҳо. Дар хоб овозеро шунидам, ки ин суханонро мегуфт: "Худро кам нагир, Гэри!" Инро шунида, ман шамшерамро бардоштам ва аспи худро ба самти душман давонидам. Чун душманон диданд, ки ман ба ҳаракат даромадам, онҳо низ бо шамшерҳо дар даст ба боло ба самти ман шитофтанд. Дар ҳоле ки ман асп давонда, ба поёни кӯҳ мефаромадам, бо овози баланд дод задам: "ТОР!"

**ДУРНАМОИ ШУМО БОЯД ТАҒЙИР ЁБАД, ШУМО БОЯД ЧУНОН ФИКР КУНЕД, КИ ХУДО МЕКУНАД.**

Бедор шуда, фаҳмидам, ки Худованд ба ман гап мезанад ва маро рӯҳбаланд мекунад, аммо ман намедонистам, ки маънои калимаи *Тор* чӣ аст. Дар калисои ман як марде ҳаст, ки дар давоми сӣ сол шубон буд ва бисёр забонҳоро омӯхта буд. Ман аз вай пурсидам, ки ин калима чӣ маъно дорад, ва ӯ ваъда дод, ки маънои онро аниқ мекунад. Рӯзи дигар ӯ ба ман занг зад ва гуфт, ки маънои *Тор* писари раъд аст. Ман ба вай миннатдорӣ изҳор кардам ва аз он чизе, ки Худованд ба ман гуфт, дар ҳайрат мондам. Ба душман овози ман мисли раъд садо дод! Агар ман ба иблис нагӯям, ки чӣ қадар заифам, пас вақте ки ман овозамро баланд мекунам, он барояш чун раъд (қувват) садо медиҳад.

Ман дар анҷумани Provision ("Таъминот") дар соли 2010 мавъиза кардам ва ин воқеаро нақл кардам. Дар охир ман суханонеро, ки Худованд дар хоб ба ман гуфта буд, айнан ба забон овардам: "Вақте душман мебинад, ки ту чӣ тавр ҳамла мекунӣ, Гэри, садои ту чун раъд шунида мешавад". Дар он лаҳза, ки гуфтам: "Садои ту чун раъд шунида мешавад", дар фазо гулдуроси пурзӯри раъд баланд шуд. Борон намеборид, ва ҳатто гулдуроси раъд дигар такрор нашуд, тамоми шаб танҳо як гулдурос буд. Тамоми ҳозирбудагон он бегоҳ дар ҳайрат монданд. Аммо аз ҳама бештар ман шод шудам, зеро ман

медонистам, ки Худованд ба мавъизаи ман “ОМИН” гуфта, тасдиқ кард, ки ин калом ба тамоми фарзандони Ӯ дахл дорад. Зимнан, ҳамон бегоҳ камераҳо кор мекарданд, ва агар хоҳед, ки ин ҳодисаро тамошо кунед, ба https://youtu.be/rtx1XYJGIAG ворид шавед.

Пас, шумо бояд мафҳуми зеринро дарк кунед.

## Ғуломон орзуи калон надоранд!

Онҳо дар бораи таваққуф орзу мекунанд. Онҳо тамоми қисми дуюми рӯз ба соат менигаранд ва орзу мекунанд, ки кай ақрабак соати панҷро нишон медиҳад, то ки корро қатъ карда, раванд. Онҳо дар бораи рухсатӣ, нафақа, дар бораи миқдори пуле орзу мекунанд, ки ба онҳо барои меҳнат накардан имкон диҳад. Ғуломон дар бораи он орзу мекунанд, ки меҳнат карданро бас кунанд, на дар бораи он ки бисёртар меҳнат кунанд! Мафкураи ғуломӣ ва дурнамои ғуломӣ меҳнатро ихтироъ намекунанд ва ба вуҷуд намеоранд, онҳо имкон меҷӯянд, ки аз кор канораҷӯӣ кунанд. Ғулом аллакай ранҷ кашидааст, ӯ барои паси сар кардани боз як рӯзи дигар дар худ потенсиал намебинад.

Агар шумо сар шудан хоҳед, на дум, мафкураи шумо бояд аз ғулом то молик ва холиқ тағйир ёбад. Шумо бояд боз орзу карданро шурӯъ кунед. Шумо бояд аз чаҳорчӯбаи дарки худ фарохтар фикр кунед, чунки ҳатто агар шумо дар нигоҳи худатон суст намоед ҳам, ба гӯши шайтон мисли раъд садо медиҳед. Дар рагҳои мо хуни шоҳона ҷорӣ аст, шумо бояд танҳо мувофиқи ин фикр ва рафтор кунед.

Ман як дӯсти мултимиллионер дорам. Ӯ бисёр хонаҳои зебо дорад. Ҳамаи онҳо дар соҳили уқёнус ё кӯлҳо ҷойгир шудаанд. Боре, вақте ки ман дар хонаи ӯ меҳмон будам, мо дар бандар сайругашт карда, киштӣ ва яхтаҳоро аз назар гузаронидем. Ӯ ҳар як соҳибро мешинохт ва исми онҳоро номбар кард. Ҳоло ман тасвир мекунам, ки сӯҳбати мо тахминан чӣ гуна садо дод, аммо ҳамаи номҳо сохта хоҳанд буд, чунки аслиашонро дар ёд надорам.

Инак, рафиқам чунин гуфт:

– Ин киштии Билли Смит аст, ширкати “Оҳайо Медикал Севисиз” ба вай мансуб аст. Ин киштии Ҷон Роҷерс мебошад, фирмаи “Роҷерс ва Роҷерс” ба вай тааллуқ дорад. Ва ин қаиқи Ралф Тайдуэлл аст, ӯ соҳиби он мағозаи боҳашамати пойафзолфурӯшӣ дар Ҳай-стрит мебошад.

Вақте ки мо дар байни киштиҳои қатор-қатор сафкашида сайругашт карда, қариб аз бист адади он гузаштем, ман фаҳмидам, ки ҳар як киштӣ ба соҳиби ягон бизнес тааллуқ дорад. Ягон киштие набуд, ки хӯҷаинаш Ҷони оддӣ, коргари қаҳва-яхмоси маҳаллӣ бошад, ки ҳар рӯз аз соати нӯҳ то панҷ кор мекунад. Не, ман тамоман зид нестам, ки одам дар қаҳвахонаи маҳаллӣ кор кунад ё коргари ширкат бошад, ба ҳар ҳол, аксар вақт. Ман танҳо мисол оварда истодаам, ки чӣ гуна одамон сарватманд ҳастанд.

Лутфан, диққат кунед, ки ман чӣ гуфта истодаам. Гап дар пули онҳо нест, дар мафкураи онҳост. Аробаро дар пеши асп намонед. Аксари одамон мегӯянд: “Ман ҳам мехоҳам, ки ҳамон қадар пул дошта бошам, ки онҳо доранд”. Аммо беҳтар мебуд, агар мегуфтанд: “Ман мехостам, ки мисли онҳо фикр кунам!” Онҳо ба ҳаёт ва ба худ нигоҳи дигар доранд.

Аксари оилаҳо тамоми умр боре ҳам даромаде ба даст намеоранд, ки фаровон номидан мумкин бошад. Мувофиқи як тадқиқот 51 фоизи коргарон дар ИМА дар як сол аз 30 000 камтар кор мекунанд[5]. Аз нисф зиёд аҳолии кишвари мо дар як сол аз 30 000 кам пул кор мекунанд?! Агар синну соли шумо аз бист зиёдтар бошад, ва шумо ба ҳаёти мустақилона сар карданӣ бошед ё дарояндаи наздик сар кардан хоҳед, ва пул барои шумо мушкилӣ эҷод накунад, пас ин хеле хуб аст, аммо ман медонам, ки аз нисф зиёд аҳолии кишвари мо аз ин ҳолат дуранд.

Ман медонам, ки ба онҳо пули зиёд лозим аст. Бовар кунед, вақте

5 Michael Snyder, “Goodbye Middle Class: 51 Percent of all American Workers Make Less Than 30,000 Dollars A Year,” “End of the AmericanDream,” Washington’s Blog, October 21, 2015, http://www.washingtonsblog. com/2015/10/goodbyemiddle-class-51-percent-of-all-american-workersmake-less-than-30000-dollars-a-year.html/.

ки ман дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ кор мекардам, дар сию шаш соли ҳаёти худ дар ҳазорҳо хонаводаҳо ҳузур доштам, ва на аз рӯи шунидан медонам.

Барои чӣ даромади онҳо кам аст? Пеш аз он ки фарёд занед, ки зиндагӣ чӣ қадар беадолат аст, чӣ тавр шумо қурбон шудед ва дигар сафсатаҳоро оғоз кунед, ман мегӯям, ки ин ду сабаб дорад.

Якум, онҳо ба доми системаи маълуни заминии қашшоқӣ афтодаанд ва Подшоҳии Худо ва принсипҳои таъминоти онро намедонанд.

Дуюм, онҳо бар асари тарбияи малъуни заминии худ низ аз афкори манфии зишт пур ҳастанд, аз ин рӯ агар ҳатто рост дар пеши назарашон бошад ҳам, роҳи халосиро намебинанд. Тавре ки аллакай гуфтам, ғуломон менталитети ғуломӣ доранд. Вақте ки онҳо оромӣ меҷӯянд, имкониятро намебинанд. Биёед иқрор мешавем: бе ҷавобҳои ҳақиқӣ одамон ҳузури рӯҳро гум мекунанд.

Биёед ба шумо мисоле биёрам, ки ман дар семинарҳои худ истифода мебарам. Фарз кунед, ки ман ба шумо мегӯям, ки тамоми мушкилоти шуморо дар як ҷумлаи оддӣ ҳал мекунам. Қалам ва коғаз ба даст гиред, зеро ман ба шумо кафолат медиҳам, ки шумо ҷавоб пайдо мекунед. Тайёред? Инак, диққат! Ҳамин сол дар ҳаҷми 5 миллион доллар фоида ба даст оред. Вақте ки ман инро дар саҳна мегӯям, ҳама ба хандидан сар мекунанд. Барои чӣ? Чунки ҳеҷ кас ба худ тасаввур карда наметавонад, ки ҳамин қадар пул кор кунад ва ҳатто хаёл карда наметавонад, ки дар як сол 5 миллион доллар фоидаи соф гирифтан мумкин аст.

Баъд ман мегӯям, ки он чизеро, ки дида наметавонед, ба даст овардан ғайриимкон аст. Сипас ман машқро такрор мекунам, аммо ин дафъа шумораҳоро камтар мекунам: 200 000 доллар дар як сол, 100 000, 70 000, 40 000. Дар охир ман мегӯям:

– Ман ба рақаме мерасам ва шумо мегӯед: “О, ин осон аст. Инро метавонам”.

Сипас ман як ҳикояи дигарро нақл мекунам. Фарз кардем, ки ман

соҳибкори сарватманд ҳастам ва ба интиқоли мол машғул мебошам. Ман мехоҳам, ки ба Чин тӯбҳо интиқол диҳам, ва барои бастабандии онҳо ба кӯмак ниёз дорам. Ман мегӯям, ки барои ҳар як бастаи тӯбҳо 500 доллар медиҳам. Фарз мекунем, ки шумо дусад тӯбро дар як рӯз бастабандӣ мекунед, ин ба шумо имкон медиҳад, ки 100 000 доллар кор кунед. Ғайр аз ин ман мехостам ба шумо барои бастабандии тӯбҳо бо ҳамон нарх шартномаи яксола пешниҳод кунам. Агар пас аз ин ман ба шумо дар бораи 5 миллион доллар даромади холис мегуфтам, шумо чӣ ҷавоб медодед? “Мушкилӣ нест, 5 миллион доллар кор кардан осон хоҳад буд”.

Фарқият дар чист? Танҳо дар нақша. Нақша ҳама чизро мефаҳмонад. Худое, ки шуморо офаридааст, нақшаро медонад, танҳо чизе ки ба ту лозим аст, – фақат гӯш кардани Ӯ. Дар Подшоҳии Худо ҳамин тавр аст. Вақте ки Худо ба ман орзуи сар кардани ин бизнесро дод, ва баъд нишон дод, ки чӣ тавр ба он ноил шавам, даромади ман ҳанӯз тағйир наёфт, аммо ман аллакай дарунакӣ фарёд мезадам: “Ин осон аст! Мушкилоти молиявии ман ҳал шуд, ман нақша дорам!”

> *Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Худованд, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам.*
>
> – Ирмиё 29:11

Худо нақша дорад, ки шумо некӯаҳволӣ ёбед! Танҳо вақте шумо мефаҳмед, ки ин нақшаи Ӯ аст, дар нисфи муҳориба ғолиб меоед! Гӯш кунед, ҳал кардани масъалаи пул он қадар душвор нест. Таъминот – ин пешбинӣ. Ҳамааш дар ҳақиқат ҳам осон аст. Ҷавоб ба набудани маҳсулоти хӯрокворӣ – будани маҳсулот. Вақте ки ба шумо хонаи калон лозим аст, ҷавоб – хонаи калон. Агар ба шумо мошини боэътимод лозим аст, ҷавоб – мошини боэътимод.

Медонам ки такрор карда истодаам, аммо ман солҳо мошини кӯҳна мерондам. Маро аз ду километр дуртар дидан мумкин буд,

**ҲАМЧУН ШАҲРВАНДИ ПОДШОҲӢ, ШУМО АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ДОРЕД, ВА АКНУН ҲАР ЯК ҚОНУН ВА ҲАР ЯК ПРИНСИП БА ШУМО ДАСТРАС АСТ.**

чунки ман аз паси худ дуди дароз боқӣ мегузоштам. Ман медонам, ки вақте ба ягон ҷо рафта расидан мехоҳед, мушкилӣ бо мошин одамро чӣ қадар асабонӣ мекунад. Ман ҳамчунин медонам, ки ба автосалон омада, бо пули нақд мошин харидан чӣ гуна аст. Тасаввур кунед, ки дигар асабонӣ намешавед, изтироб нест. Барои чӣ? Чунки эҳтиёҷи ман қонеъ гардидааст ва дар дил оромӣ ҳаст. Ба ҷои он ки ба таъмири мошин андармон шавам, ман метавонам, ки диққатамро ба корҳои худ равона кунам. Гар дар сари он аст, ки бисёр одамон қисми зиёди ҳаёти худро барои ҳал кардани мушкилоти молиявии худ сарф мекунанд. Онҳо соатҳои зиёд кор карда, нӯг ба нӯг зиндагӣ мекунанд, дар ҳоле ки умрашон беҳуда мегузарад. Дӯстам, иродаи Худо барои ҳаёти шумо чунин нест.

Чуноне ки қаблан навиштам, одамон ба хотири маоши коре, ки бад мебинанд, орзу ва ҳавасҳои худро тарк мекунанд. Одатан ғуломон на он қадар одамони хушбахтанд! Мутаассифона, одамон ҳамин тавр, бо аҳволе, ки пур аз ноумедӣ ва кароҳат аст, бадбахтона зиндагӣ мекунанд. Аммо дар асл онҳоро аз озодӣ танҳо дурнамо, ё, ба ибораи дигар, чуноне ки аллакай зикр кардам, нақша, ҷудо мекунад.

Иҷозат диҳед, як мисол биёрам. Бисёре аз шумоён медонанд, ки ман шикор ва сайди моҳӣ, велосипедронӣ ва сайругашт дар табиат, умуман ҳар кореро, ки дар кӯча  кардан мумкин аст, дӯст медорам. Ман дар Оҳайо дар ҷамоати на он қадар калони деҳқонӣ бо номи “Шаҳраки ҳамвор” (Plain Township) ба воя расидаам. Тавре ки ба худ тасаввур карда метавонед, чунин ном аз сабаби мавзеи ҳамвори ҳамон минтақа пайдо шудааст. Албатта, барои деҳқонон он ҷо хеле қулай буд, аммо ба назар на он қадар ҷолиб менамуд. Ман ба ҳама гуна маҷаллаҳое, ки оид ба шикор ва моҳидорӣ ёфтан мумкин буд, обуна шуда будам. “Ҳаёт дар ҳавои кушод”, “Намудҳои варзиши

саҳроӣ", "Саҳроҳо ва дарёҳо" ва ғайра. Ман дар онҳо оиди моҳидорӣ ва шикор дар кӯҳҳои ваҳшӣ ва зебои ғарб ва кӯҳҳои водии Аппалач, ки бо қолини сабзи боҳашамат пӯшида ва ҳамагӣ як соат дуртар аз ман ҷойгир аст, қиссаҳои зиёд хондаам. Бо вуҷуди ин ман боре ҳам дар он ҷойҳо набудам. Вақте ки ман чилсола будам, бори аввал дар ҳаёти худ кӯҳҳоро дидам.

Барои чӣ? Охир ман барои рафтан пул доштам, мошин доштам, шоҳроҳи федералии I-70 аз байни шаҳри ман мегузарад ва ба воситаи кӯҳҳои Серхарсанг ба ғарб меравад. Аммо ҳақиқат дар он аст, ки ман пештар боре ҳам фикр накарда будам, ки ба он ҷо рафтан мумкин аст ва ҳатто фикр ҳам намекардам, ки ягон рӯз ба он ҷо меравам. Ба саҳифаҳои дурахшони маҷаллаҳо нигоҳ карда, аз дидани расми он ҷойҳо ба ҳайрат меомадам, вале ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки бо чашмони худ бубинам. Барои ман он ҷойҳо гӯё дар Моҳ буданд, эҳтимоли дидани он ҷойҳо аз ақл дур буд. Вақте ки ман чилсола шудам ва ниҳоят ба ғарб рафтем, он ҷойҳоро дида, ман бовар карда наметавонистам, ки ҳаёти худро беҳуда гузаронидаам. Акнун ақаллан соле як бор ба кӯҳ сафар кардан барои ман хеле муҳим мебошад. Дӯстам, дар ҳаёт, аз он чизҳое, ки ҳоло мебинед, бузургтар чизҳо ҳастанд. Шумо аз он чизҳое, ки ҳоло мебинед, бузургтаред! Дар ҳаёт дурнамои дигаре ҳаст, ки шумо бояд бинед ва таҷриба кунед.

**Вақте ки шумо ба фаҳмидан ва донистани он сар мекунед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад ва дар бораи он ки шумо аллакай доред, Подшоҳии Худо чӣ мегӯяд, дурнамои шумо тағйир меёбад!**

*Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо...*

– Эфсӯсиён 2:19

Ҳамчун шаҳрванди Подшоҳӣ, шумо асосҳои ҳуқуқӣ доред, ва

акнун ҳар як қонун ва ҳар як принсип ба шумо дастрас аст. Ману Дренда чунин мушкилӣ доштем. Гарчанде мо масеҳӣ будем, Худоро дӯст медоштем ва шаҳрвандони Подшоҳии Худо будем, вале мо қонунҳо ва принсипҳои онро намедонистем. Аз сабаби дурнамои маҳдуди мо, ки аз системаи малъуни заминӣ гирифта шуда буд, мо орзуе надоштем. Вале дар дониш қувват ҳаст.

Мисол, шартномаи имзошуда оиди иҷора тасдиқ мекунад, ки шумо барои зиндагӣ кардан дар хонаи худ асоси қонунӣ доред. Донистани ҳуҷҷати имзошуда ва дастрасӣ ба ҳуқуқ, ки ба шумо барои зиндагӣ кардан дар ин хона кафолат медиҳад, ба шумо амният ва оромӣ мебахшад. Айнан ҳамин тавр донистани он, ки Худо чӣ мегӯяд ва Подшоҳӣ барои шумо чӣ дорад, ба шумо дилпурӣ медиҳад, то ҳама чизҳоеро, ки аз лиҳози қонун ба шумо тааллуқ дорад, нигоҳ доред. Масалан, муваффақияти деҳқон ба чӣ вобаста аст? Ба пул? Не. Ба тухмие, ки ӯ кишт мекунад? Не. Ба донишҳои ӯ оиди қонуниятҳои кишт ва дарав вобаста аст. Ӯ чӣ қадар камбағал бошад ҳам, чӣ тавр сарватманд шуданро медонад. Ӯ танҳо ба қонунҳои заминӣ, ки Худо муқаррар кардааст, пайваст мешавад. Ҷараёни кишт ва дарав ба фоидаи деҳқон такрор ба такрор кор карда метавонад.

Ӯ қонунҳои даравро медонад ва ба он ҳеҷ гуна шубҳа надорад. Ӯ якчанд ҳазор доллар хароҷот карда, ба замин тухмӣ мекорад, ва дар айни замон наметарсад. Шумо дар ҳеҷ куҷо деҳқонеро вонамехӯред, ки дар назди трактори худ нишаста, ба хотири пуле, ки баҳри кишт сарф кардаст, гиря кунад. Ӯ оиди хароҷоти тухмие, ки ба замин коштааст, ғам намехӯрад. Ӯ аз қонунҳои табиие, ки дар замин кор мекунад, дилпур аст. Оё ӯ ба шумо гуфта метавонад, ки тухмии ӯ чӣ тавр месабзад? Ман ба ин шубҳа дорам, вале ӯ гуфта метавонад, ки барои киштукор заминҳои нав меҷӯяд. Ин айнан ба ман ва шумо низ дахл дорад. Агар қонунҳои Подшоҳиро надонем ва ба он эътимод надошта бошем, аз ҳаёте, ки Худо барои мо пешбинӣ кардааст, лаззат бурда наметавонем.

Яке аз воқеаҳои аҷибе, ки рӯзҳои аввал рӯй медоданд, ин буд, ки марде ба ман занг зад. Ин мард бо мушкилоти калони молиявӣ рӯ ба

рӯ шуда буд. Ман ӯро Дон ном мебарам. Ӯ шунид, ки ман ба одамон дар соҳаи молия ёрдам мекунам.

Вақте ки ман бо Дон шинос шудам, ӯ рӯҳафтода ва мубталои қарзҳои зиёд ба ҷои кори ман омад. Чунин ба назар мерасид, ки дар ҳамон лаҳза дар ҳаёти вай ҳеҷ чиз пеш намерафт. Чуноне ки маълум шуд, ӯ аллакай се ё чор моҳ инҷониб барои иҷора ва қариб ҳамаи ҳисобҳои дигар пул пардохт намекард. Дар издивоҷ мушкилиҳо дошт: ҳамсараш аз бесарусомониҳои молиявии ӯ дилгир шуда, эҳтироми худро ба Дон гум карда буд, чунки Дон ҳамсар ва панҷ фарзанди худро таъмин карда наметавонист. Масъала аз он иборат буд, ки Дон эҳтиромашро ба худ аз даст дода буд. Ӯ саволҳои зиёде дошт, ки ҷавобашонро намедонист.

Кори ӯ аз фурӯши суғуртаҳои тиббӣ дар иёлоти Оҳайо иборат буд, аммо нокомӣ ӯро зуд ба вазъияти ҳалокатбори молиявӣ оварда расонид. Сарфи назар аз ҳар чизе, ки бо Дон рӯй дода буд, ман дидам, ки дар вай потенсиал ҳаст. Ӯ ба омӯзиш ва меҳнат тайёр буд.

Ин комбинатсияи фоидаовар маро ба қадри кофӣ ҷалб кард, то ки ӯро ба кор гирам ва ба некӯаҳволииояндаи ӯ саҳмгузорӣ кунам. Зеро ин сармоягузорие буд, ки ба ҳардуи мо фоидаи калон овард.

Ширкати ҷавон ва босуръат афзояндаи ман навакак даъватнома гирифт, ки ба назди яке аз таъминкунандагони мо ба Ҳавайӣ биравад, ва ман ҳис кардам, ки ин имконияти хубе хоҳад буд, ки ба Дон дар бораи Подшоҳии Худо нақл кунам. Гарчанде Дон масеҳӣ буд, дараҷаи фаҳмишеро, ки ман доштам, ӯ надошт. Ҳарчанд ман борҳо кӯшиш кардам, ки принсипҳои Худоро дар ин соҳа ба ӯ нақл кунам, ӯ ба гапи ман бовар намекард.

Ман илоҷ меҷустам, ки диққати Донро ҷалб кунам ва ба ӯ кӯмак кунам, то дарк намояд, ки ӯ низ муваффақ шуда метавонад, агар фаҳмад, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Аммо азбаски Дон хеле рӯҳафтода буд, ба вай душвор буд, ки ба худ ва ба он, ки дар ҳақиқат тағйиротҳо ба зудӣ фаро расида метавонанд, бовар кунад. Ман медонистам, ки сафар ба Ҳавайӣ имкони ман аст.

Якчанд ҳафта пеш аз сафар мо дар бораи он сӯҳбат кардем, ки дар он ҷо чӣ дидан ва ба чӣ машғул шудан мехоҳем. Чизе Донро ба шавқ овард. Ӯ мехост, ки марлини кабудро дар обҳои зебои уқёнуси Ором сайд кунад. Дон бо ҳаяҷон мегуфт:

– Ҳавайӣ оид ба сайди марлинҳои кабуд пойтахти ҷаҳон ҳисобида мешавад. Ман ҳамеша онро сайд кардан мехостам. Ин орзуи ман аст.

Ман дар давоми чанд ҳафта дидам, ки чашмони Дон медурахшанд. Ниҳоят чизе ӯро рӯҳбаланд кард, ва ман медонистам, ки ин рӯҳбаландӣ барои дарси муҳим дарро боз мекунад.

– Дон, – гуфтам ман, – оё ту мефаҳмӣ, ки дониста метавонӣ – на умед кунӣ, балки донӣ, – ки марлини кабудро дар Ҳавайӣ сайд мекунӣ, агар ба зери таъсири Подшоҳии Худо дароӣ?

Дон каме ҳайрон шуд, аммо ба шавқ омада, хост, ки бештар донад, ва ман чӣ тавр бунёд шудани Подшоҳии Худоро ба вай фаҳмондан гирифтам. Ман аз Инҷили Марқӯс иқтибос овардам, ки дар он гуфта шудааст: "Ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд" (Марқ. 11:24). Барои Дон ҳамаи ин чунон осон менамуд, ки ҳатто бовариаш намеомад. Ман андаке вақт сарф кардам, то ки ба вай барои фаҳмидани Подшоҳӣ кӯмак кунам ва имонро ба кор андозам. Пеш аз он ки мо ба сафар бароем, ӯ бо ҳамсари худ ба мувофиқа омада, дуо кард, ва ҳарду имон оварданд, ки аллакай марлини кабудро ба даст даровopen. Илова бар ин, онҳо барои гирифтани ҳосили худ тухмӣ – пул ба Подшоҳии Худо кишт карданд. Инро Рӯҳулқудс ба ман вақте ёд дода буд, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷам имонро ба кор меандохтам.

Дар айни замон Дон тамоми кори аз дасташ меомадагиро кард, то ки дар рӯёнидани ҳосил ҳисса гузорад. Ӯ фаҳмид, ки кадом киштиҳоро ба иҷора гирифтан мумкин аст, бо кадом нархҳо, ва ниҳоят, киштиеро бо капитанаш, ки ба вай бештар аз ҳама маъқул шуд, фармоиш дод. Ҳамаи масъалаҳои ташкилӣ ҳал карда шуданд, ва мо аз имконияти рафтан ба обҳои кабуди ҷазираҳои Ҳавайӣ хеле шод будем.

Рӯзи шиноварӣ фаро расид, мо ба киштӣ савор шудем ва бо илҳом ба капитан нақл кардем, ки ин рӯзе аст, ки мо марлини кабудро сайд мекунем. Ӯ ба мо дар сайди моҳӣ умуман муваффақият орзу намуд, аммо бовар кунонд, ки он рӯз имконияти сайди марлини кабуд зиёд нест. Ду киштие, ки ҳаррӯза ба сайругашт мебароянд, дар чор моҳи охир ҳамагӣ як марлини кабуд овардаанду халос. Ин бо он далел муайян карда мешуд, ки мавсими марлинҳо ҳанӯз фаро нарасида буд, чунки он моҳии ҳиҷраткунанда аст. Вале мо рӯҳафтода нашудем, ва тамоми чораҳои омодагиро идома дода, ба капитан гуфтем, ки дар ин рӯз албатта як марлинро ба даст меорем.

Дар давоми шаш соати моҳидорӣ мо ягон нӯлзанӣ мушоҳида накардем, ва ман хавотир шудам, ки набудани ягон амал имони Донро суст карда метавонад. Дар ин бора андеша карда, ман аз болои кӯпрукча нидо кардам:

– Дон, иҷозат деҳ, ки ба ту савол диҳам. Ту ин марлини кабудро, вақте ки дуо кардӣ, гирифтӣ, ё вақте ки он пайдо мешавад, мегирӣ?

Дон бо дилпурӣ ҷавоб дод:

– Гэри, ин оддӣ аст. Вақте ки ман дуо кардам, онро гирифтам.

Ман ҷавоби ӯро шунида, хеле хурсанд шудам. Маҳз дар ҳамин лаҳза ман фаҳмидам, ки Дон ба дастурҳои ман ҷиддӣ муносибат кард ва барои гирифтани марлини худ азми қавӣ дошт.

Пас аз чанд дақиқа шасти Дон ба об ғӯтид, ва ҳама касоне, ки бо мо буданд, фарёд заданд:

– Нӯл мезанад!

– Аз ҳад зиёд хурсанд нашавед, – огоҳ кард капитан, – бале, ин моҳии калон аст, аммо бешубҳа марлини кабуд не. Марлинҳо ба рӯи об шино карда омада, ҷаҳишҳои аҷиб мекунанд, вале ин моҳӣ бошад, дар чуқуртар шино мекунад.

Бо гузашти дақиқаҳо Дон муборизаро бо моҳие, ки чандон ба рӯи об наздик намеомад, давом медод, то дида шавад. Бо тамоми

хастагии Дон моҳӣ боз ҳам бештар хаста гардида, таслим шуд. Вақте ки Дон ин марлини калони кабуди зеборо ба киштӣ кашида баровард, мо ҳарду ҳайрон нашудем, вале ҳамаи онҳое, ки ҳамроҳи мо буданд, ба ҳайрат афтоданд.

Ба ман ин саргузашт маъқул аст, ман хеле иштиёқманди дидани он ҳастам, ки чӣ тавр одамон амали Подшоҳии Худоро таҷриба мекунанд. Инро ман ба шумо низ хоҳишмандам!

БОБИ 4

# МАН КАЛИДИ АСОСИИ ПОДШОҲИРО ЁФТАМ!

Ҳамаи мо калидҳои гуногуни хонаҳо, мошинҳо ва чизҳои дигареро дорем, ки нигоҳ доштан мехоҳем. Калид ба мо барои дастрасӣ ба он чизҳое, ки дар дарун нигоҳ дошта мешавад, ё ба қудрати истифодаи ашё, ба монанди мошин имкон медиҳад. Вақте ки ман, ҳамчун масеҳӣ, нӯҳ соли дароз дар бесарусомонии молиявӣ ва ноумедӣ зиндагӣ мекардам, медонистам, ки чизе намерасад, чизе нодуруст аст. Ба ман лозим набуд, ки дар ин бора гап занам. Ба ман танҳо донистан лозим буд, ки чӣ нодуруст аст ва вазъиятро чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин мебошад.

Ҳангоме ки ман дар хонаи фарсудаи деҳқонӣ дар болои кати худ кӯндаланг дароз кашида будам, Худованд дар посух ба фарёди имдодталабонаи ман сухан ронд ва мушкилии маро, ки аз надонистани принсипи кори Подшоҳии Ӯ буд, ба ман нишон дод. Дар ин як ҷумла ман калидро, ё, дурусттараш, сарчашмаи ба ман зарури калид ё калидҳо – Подшоҳиро шунидам. Худо гуфт, ки ҷавоби ман дар Подшоҳии Ӯ аст. Ман ҳеҷ гоҳ барои донистани он, ки Подшоҳии Ӯ чӣ тавр кор мекунад, вақт ҷудо накарда будам, вале агар чунин кунам, пас барои худ ҷавоб пайдо мекунам. Вақте ки ҳамон рӯз

Худо дар бораи он, ки ман оиди Подшоҳӣ дониш надорам, сухан ронд, ман ҳатто нафаҳмидам, ки дар зери мафҳуми иёлоти чиро Ӯ дар назар дошт. Аммо Ӯ возеҳ ва бо овози шунаво гуфт, ки агар ман чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро фаҳмам, ҷавобҳоеро, ки меҷӯям, меёбам. Аз ин рӯ барои ман калиди асосӣ дар ин изҳороти умумӣ ошкор шуд: “Ту барои донистани он, ки Подшоҳии Ман чӣ тавр кор мекунад, ҳеҷ гоҳ вақт ҷудо накардӣ!” Ин изҳорот, албатта, дар худ бисёр чизҳоро дошт ва дар тағйирёбии ҳаёти ман калиди асосӣ гардид.

> *Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд, ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд, ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор, Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд. Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард.*
>
> – Ишаъё 9:6, 7

Вақте ман фаҳмидам, ки Подшоҳии Худо дар асоси ҳокимият ва қонунҳо амал мекунад, ақлам равшан шуд, ва ман барои худ Подшоҳиро, ки пештар намедонистам, ошкор кардам. Пас аз фаҳмидани он, ки Подшоҳии Худо дар асоси инсоф (татбиқи қонун) ва адолати Худо (қонунҳои Ӯ) бунёд шудааст, ман дидам, ки ҳама чизҳои дар Подшоҳӣ рӯйдиҳанда натиҷаи амали қонун ё принсипи ин Подшоҳӣ аст. Гарчанде ман шахси нобиға набошам ҳам, ба қадри кофӣ соҳибфаҳм ҳастам, то дарк карда тавонам, ки агар Подшоҳӣ ба қонунҳо такя мекарда бошад, он гоҳ ман ин қонунҳоро омӯхта, дар ҳаёти худ истифода бурда метавонам. Вақте ки Худо ба ман ва Дренда ошкор кардани қонунҳои Худро сар кард ва истифода бурдани онҳоро ёд дод, ман ба фаҳмидан шурӯъ кардам, ки дар ҳар як ҳикояи Китоби Муқаддас калидҳое мавҷуд мебошанд, ки барои

донистани тарзи кори Подшоҳӣ зарур ҳастанд. Ман хондани ҳар як ҳикояи Китоби Муқаддасро ба тарзи нав сар кардам ва саволҳо додам: “Чаро ин рӯй дод? Чаро ин рӯй надод? Дар ин ҳикоя кадом принсипҳо ошкор мешаванд? Онҳо чӣ тавр амал карданд?”

Ман худро ба тадқиқи олами рӯҳонӣ бахшидам ва ҳар маротибае, ки Рӯҳулқудс қонунҳоро пайиҳам ошкор мекард, ман хурсанд мешудам. Ман ҳатто аз он хурсанд мешудам, ки қонунҳое, ки ман меомӯхтам, дар ҳаёти ман айнан ба мисли он ки дар Китоби Муқаддас ҳаст, амал мекунанд. Одамон аз ман мепурсанд:

– Гэри, вақте ки шумо дар бораи қонунҳои Подшоҳӣ сухан меронед, чиро дар назар доред?

Ман одатан ба онҳо ҳамаи қонунҳоеро, ки дар замин амал мекунанд, яъне қонуни ҷозиба, қонунҳои физика ва ҳамаи қонунҳои табиатро хотиррасон мекунам.

Деҳқон ҳар вақте ки хоҳад, ин қонунҳоро истифода мебарад, ба вай лозим нест, ки барои кор кардани онҳо дуо кунад. Вақте ки ӯ онҳоро истифода бурдан хоҳад, онҳо ҳар дафъа кор мекунанд. Онҳо барои ҳар касе, ки истифода бурдан мехоҳад, дастрас мебошанд. Айнан ҳамин тавр Подшоҳии Худо бо қонунҳое идора карда мешавад, ки фаҳмидан мумкин аст. Азбаски онҳо қонунҳо мебошанд, ҳеҷ гоҳ дигар намешаванд. Онҳоро омӯхтан ва дар ҳаёти худ истифода бурдан мумкин аст.

Дарвоқеъ, вақте ки шумо ба Масеҳ имон меоред, шаҳрванди Подшоҳии Ӯ мешавед ва тамоми Подшоҳӣ аз они шумо мешавад. Ин қонунҳои Подшоҳиро шумо низ омӯхта ва ба кор бурда метавонед. Одамон ба ман мегӯянд:

**ВАҚТЕ КИ ХУДО БА МАН ВА ДРЕНДА ОШКОР КАРДАНИ ҚОНУНҲОИ ХУДРО САР КАРД ВА ИСТИФОДА БУРДАНИ ОНҲОРО ЁД ДОД, МАН БА ФАҲМИДАН ШУРӮЪ КАРДАМ, КИ ДАР ҲАР ЯК ҲИКОЯИ КИТОБИ МУҚАДДАС КАЛИДҲОЕ МАВҶУД МЕБОШАНД, КИ БАРОИ ДОНИСТАНИ ТАРЗИ КОРИ ПОДШОҲӢ ЗАРУР ҲАСТАНД.**

– Хуб, ин қисмаш ба мо фаҳмо шуд, аммо аз қонуне, ки дар Подшоҳӣ аст, мисол оред.

Қонунҳо зиёданд. Ман танҳо дар бораи баъзе аз онҳо мисол овардам, масалан, қонуни юрисдиксия, қонуни имон ва қонуни ризоият, гарчанде дар бобҳои гузашта онҳоро ин тавр ном набурдам. Такроран мегӯям, ки қонунҳо зиёданд, аммо ҳамаи онҳоро вобаста ба вазифа ва соҳаи татбиқ, вобаста ба хусусиятҳое, ки мо бояд ба онҳо диққат диҳем, ба категорияҳо тақсим кардан мумкин аст. Иҷозат диҳед, ҳикояеро нақл кунам, ки суханони маро ҷоннок мекунад.

Ман ҳавопаймои шахсии “пайпер мираж” дорам, ки бо он ба чорабиниҳои гуногун, вохӯриҳо бо мизоҷон ва барои ҳаллу фасли масъалаҳои бизнес парвоз мекунам. Боре мо бояд барои иштирок дар анҷуман ба Колорадо парвоз мекардем, ва пеш аз сафар муоинаи нақшавии солонаи техникии ҳавопайморо, ки қонун талаб мекард, таъин кардем. Шояд, шумо намедонед, аммо ҳар як ҳавопаймо, ки дар ИМА парвоз мекунад, бояд соле як бор аз муоинаи техникӣ гузаронида шавад. Лётчики ман бояд “мираж”-ро гирифта, моро ба анҷуман мебурд. Аммо як рӯз пеш аз он аз маркази хизматрасонӣ ба мо занг зада, гуфтанд, ки тасодуфан шишаи пеши пилоти дуюмро шикастанд. Онҳо илова карда, гуфтанд, ки онро бепул иваз мекунанд, аммо ин раванд вақт талаб мекунад, ва ҳавопайморо бо гузашти на камтар аз се рӯз гирифтан мумкин хоҳад буд. Ин чунин маъно дошт, ки ман ва Дренда маҷбур ҳастем, ки ба Колорадо бо рейси тиҷоратӣ парвоз кунем. Мо умуман дар бораи шиквакунӣ фикр ҳам накардем, гарчанде доимо бо ҳавопаймои худамон парвоз карданро афзал медонистем. Мо каме зиқ шудем, аммо бо вуҷуди ин ба анҷуман рафта расидем ва қарор кардем, ки лётчикамон моро аз Колорадо гирифта, ба Оҳайо мебарад.

Дар ҳоле ки мо тайи ду рӯз дар анҷуман будем, дар ин минтақа жолаи сахт борид. Донаҳои жола чунон калон буданд, ки зарари зиёд расониданд. Бисёр биноҳо осеб диданд, пораи калони яххо бомҳоро шикоф карданд. Садҳо мошин ба таври таъмирнашаванда зарар диданд. Вақте ки лётчики мо омад, вай маҳз ба фурудгоҳи

маҷмааи авиатсионии тиҷоратӣ, ба он ҷое фуруд омад, ки мо агар бо он ба анҷуман парвоз карда меомадем, мегузоштем. Дар пеши назарам манзараи даҳшатноке падид омад. Ҳамаи ҳавопаймоҳое, ки дар он ҷо буданд, яъне дар он ҷое, ки ҳавопаймои мо ҳам буда метавонист, осеб дида буданд ва барқарор кардан аз имкон берун буд. Бо файзи Худо ҳавопаймои мо дар вақти жола дар он ҷо набуд, аз ин рӯ осеб надид. Дар ҳақиқат, аҷиб аст, аммо ин чӣ тавр рӯй дод? Наход воқеае, ки бо ҳавопаймои ман рӯй дод, фақат як тасодуф буд ё натиҷаи қонуни рӯҳоние, ки ман бо ягон тарз истифода бурдам?

Ман аниқ медонам, ки ин дар натиҷаи қонуни рӯҳоние рӯй дод, ки ман онро бартарият додаам, ва ба зудӣ онро ба шумо нақл мекунам. Агар дарк кунед, ки қонун чӣ тавр кор мекунад, шумо ин гуна натиҷаҳоро дар вақти дилхоҳ мушоҳида карда метавонед. Дар айни ҳол ман қонунеро ба кор бурдам, ки Худо дар худи аввал ба ман омӯзонида буд, вақте ки Ӯ ба ман нишон додани қонунҳо ва кори Подшоҳии Худро сар карда буд.

Иҷозат диҳед, то ба шумо қонунеро, ки Худо ба ман ошкор кард, нишон диҳам, ва сипас ба шумо нақл мекунам, ки онро чӣ тавр ба кор бурдан мумкин аст. Дар ёд дошта бошед, ки ҳар як ҳикоя дар Китоби Муқаддас чизеро оиди Подшоҳӣ ва кори он нишон медиҳад. Ман худро тадқиқгари ҳақиқатҳои рӯҳонӣ меномам. Вақте ки ман Китоби Муқаддасро мехонам, доимо қонунҳоеро меҷӯям, ки ё ба чизе оварда мерасонад, ё ба чизе имкон намедиҳад, ки рӯй диҳад. Дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс як ҳикоя баён карда шудааст. Ин ҳикоя ба дарсе дахл дорад, ки ман ба шумо додан мехоҳам.

> *Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада гуфтанд: «Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд; инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта, барои худ ноне биxаранд; зеро ки ҳеҷ хӯроке надоранд». Ӯ дар ҷавобашон гуфт: «Шумо ба онҳо хӯрок диҳед». Ба Ӯ гуфтанд: «Магар мо рафта, ба дусад динор нон биxарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?» Аз онҳо пурсид: «Чандто нон*

*доред? Рафта бинед». Онҳо дарёфта, гуфтанд: «Панҷ нон ва ду моҳӣ». Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шинонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд; ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд. Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

– Марқӯс 6:35-44

Ин ҳикояи аҷоиб хуб нишон медиҳад, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Панҷ нон ва ду моҳӣ 20 000 одамро сер карданд! Шумо мегӯед:

– Гэри, дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки дар он ҷо фақат 5000 мардон буданд!

Бале, навишта шудааст, аммо ман гумон мекунам, ки дар байни онҳо занҳо ва кӯдакон низ буданд, аз ин рӯ умуман дар он ҷо тақрибан 20 000 нафар буданд.

Вақте ки шогирдон бо масъалаи хӯрок ба назди Исо омаданд, Исо хост ба онҳо дар бораи Подшоҳӣ сабақе диҳад, бинобар ин Ӯ мегӯяд: “Шумо ба онҳо хӯрок диҳед”. Ин суханон онҳоро сахт ҳайрон кард. Онҳо ҳамин қадар хӯрокро аз куҷо меёбанд? Онҳо манбаи ягона ва маъруфи таъминот – меҳнатро дар назар дошта, ҷавоб медиҳанд: “Барои ин маоши ҳаштмоҳа лозим мешавад”. Аз нуқтаи назари онҳо бо пули соатбайъ дар системаи малъуни заминии меҳнати пуразоб ҳамин қадар одамонро сер кунонидан ғайриимкон аст.

Аммо дар Подшоҳии Худо ба туфайли қонунҳои дар он амалкунанда ҳама чиз имконпазир аст. Исо мехоҳад ба онҳо кӯмак кунад, то бубинанд, ки даврони системаи малъуни заминӣ гузашта, имкониятҳои нав фаро расидаанд. Сипас Исо аз онҳо хоҳиш мекунад, то бубинанд, ки чӣ доранд, то ки барои сер кардани шумораи зиёди

одамон истифода бурдан мумкин бошад. Онҳо мераванд, мебинанд ва ҷавоб медиҳанд, ки панҷ нону ду моҳӣ ёфтанд, аммо медонанд, ки барои ҳалли масъала ин кофӣ нест. Он гоҳ Исо нону моҳиро аз онҳо гирифта, дуо мекунад ва онҳоро баракат медиҳад. Сипас Ӯ онҳоро ба шогирдон бармегардонад, то ки ба одамони ҷамъомада тақсим кунанд. Шумо, албатта, медонед, ки ин воқеа бо чӣ тамом шуд: ҳамаи бист ҳазор одамон хӯрданд ва сер шуданд, ва боз дувоздаҳ сабад боқӣ монд.

Ба ман ҷавоб диҳед, ки чаро Исо қабл аз тақсим кардан ба одамон аз шогирдон хоҳиш кард, ки ба Ӯ нону моҳӣ биёранд. Ҷавоби дуруст ин аст, ки Исо бояд аввал хӯрокро баракат медод. Мебинед, вақте ки шогирдон нон ва моҳиро ёфтанд, онҳо дар замин тахти салоҳияти одамон буданд. Дар ин ҳолат Исо бар ин хӯрок салоҳият надошт. Аммо вақте ки моҳӣ ва нонро бо ихтиёри худ ба назди Ӯ оварданд, Ӯ тавонист онҳоро баракат диҳад. Мафҳуми баракат додан пок кардан ё ҷудо карданро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, мо қонуни Подшоҳиро мебинем. Вақте ки Исо нон ва моҳиро баракат дод, онҳо подшоҳиро тағйир доданд.

**Вақте ки Исо нон ва моҳиро баракат дод, онҳо подшоҳиро тағйир доданд.**

Дар асл, бар нон ва моҳӣ салоҳият тағйир ёфт. Акнун Худо асоси қонунӣ дошт, ки онҳоро барои одамон зиёд кунад. Агар Исо онҳоро ба даст гирифта, баракат намедод, онҳо зиёд намешуданд.

**Агар Исо онҳоро ба даст гирифта, баракат намедод, онҳо зиёд намешуданд.**

Вақте ки мо хӯроки мехӯрдагиамонро баракат медиҳем, айни ҳамон қонунро истифода мебарем, гарчанде ман гумон мекунам, ки аксарияти одамон, вақте ки ба хӯрок дуо мекунанд, намефаҳманд, ки чӣ кор мекунанд. Вале умуман, вақте ки мо ба хӯрок дуо мекунем, подшоҳиҳо иваз мешаванд ва бо ҳамин тариқ Худо қудрат дорад, ки

моро аз ҳар зараре, ки ин хӯрок ба мо расонда метавонад, муҳофизат кунад.

Дар ин ҷо ман каме тавзеҳ додан мехоҳам. Агар мо бо хоҳиши худамон истеъмол кардани хӯроки зарарнокро давом диҳем ва ҳар чиро хӯрдан гирем, ки мо медонем, ки ба мо зарар мерасонад, мо ҳар чизеро, ки кишт мекунем, медаравем. Аммо агар мо нафаҳмида ягон чизи зарарнокро хӯрем, Каломи Худо моро муҳофизат мекунад, айнан чуноне ки он ҳавопаймои моро муҳофизат кард. Ман дар бораи ягон дуои мазҳабие намегӯям, ки аксарияти одамон барои хӯрок мехонанд. Балки оиди дуои бо имон, шукргузорӣ ба Худо, ки Ӯ аз мо ҳар гуна заъфро дур мекунад, ба мо, шаҳрвандони Подшоҳии бузурги Ӯ, имкон медиҳад, ки аз ваъдаҳои Ӯ лаззат барем.

> *Ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд.*
>
> – Марқӯс 16:18

Дар ҷаҳони муосир мо бояд дилпур аз он бошем, ки ҳимояти Худо ба мо оромӣ медиҳад. Чизҳои бисёре ҳастанд, ки дар ҳар ҷабҳа оромии моро, аз ҷумла хӯрокеро, ки мо мехӯрем, дуздида метавонанд. Бовар кунед, шайтон нақша дорад, ки саломатӣ ва самаранокии шуморо дар мубориза бар зидди вай дар замин ба воситаи хӯрок бидуздад!

Биёед боз як мисолро дида мебароем, кӣ чӣ тавр тамоми мушкилот, душвориҳо, оромии ботинӣ ва ҳамаи чизҳои боқимондаро ба салоҳияти Подшоҳӣ мутеъ кардан мумкин аст.

> *Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед, ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт.*
>
> – Филиппиён 4:6, 7

Вақте ки мо дар бораи ягон чиз дуо мекунем, мушкилиҳо ва ташвишҳо ба тахти салоҳияти Подшоҳии Худо мегузаранд. Агар мо дуо накунем, пас дастҳои Худо баста мебошанд. Бинобар ин Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки пайваста дуо кунем (ниг. 1 Тас. 5:17) ва огоҳ мекунад, ки мо надорем, чунки аз Худо дархост намекунем (ниг. Яъқ. 4:2).

Вақте ки ман ҳавопаймо харидам, ва умуман ҳангоми харидани чизе, дар бораи чизи харидашуда дуо мекунам, дастонамро ба он гузошта, онро ба салоҳияти Подшоҳии Худо месупорам, то ки онро барои ҳар чизе, ки он пешбинӣ шудааст, истифода барам, ва он ба Подшоҳии Худо ва мақсади ман хизмат кунад. Маҳз аз ҳамин сабаб ҳавопаймои ман ба шайтон ва хизматгорони ӯ дастнорас аст. Дар ин ҳавопаймо ҳеҷ бадие ба ман намерасад!

Тақрибан як моҳ муқаддам ман дар "мираж"- худ пас аз анҷуман аз Хюстон ба Оҳайо парвоз кардам. Вақте ки мо дар осмони торик парвоз мекардем, аллакай дер шуда буд. Дар фазо дуртар аз мо дар тарафи чап ва рост барқ дурахшид, фавҷи бӯрон ба тарафи мо ҳаракат мекард. Аз сабаби раъду барқ мо маҷбур шудем, ки самти ҳаракати худро тағйир диҳем, дар натиҷа мо аз нақшаи қаблӣ зиёдтар сӯзишворӣ сарф кардем. Бинобар ин, барои бехатар парвоз кардан ба хона ва риояи талаботҳои Идораи федералии авиатсияи гражданӣ оид ба захираи сӯзишворӣ дар ҳавопаймо, мо тасмим гирифтем, ки дар Луисвилл, иёлоти Кентукки, барои сӯзишвории иловагӣ таваққуф мекунем. Дар вақти фуруд омадан дар баки мо 30 галлон сӯзишворӣ буд. Мо дархост кардем, ки боз 29 галлонӣ ба ҳар як бак сӯзишворӣ резанд. Ҳамин тавр дар мо мебоист ба миқдори 70 галлон, яъне аз ҳадди кифоя бештар сӯзишворӣ бошад, то ки масофаи боқимондаро то Оҳайо тай кунем, чунки "мираж" дар як соат 22 галлон сӯзишворӣ харҷ мекунад. Дар ҳоле ки мо мунтазир будем, ҷавондухтари хизматрасон ба мо гуфт, ки 40 галлон дархост кардааст. Дар ҳамин лаҳза авиатехник бо ҳуҷҷатҳо ба назди мо омад. Духтар онҳоро ба даст гирифт, нигоҳ кард ва сипас гуфт:

– Дар ин ҷо чизе нодуруст аст. Рақамҳо мувофиқат намекунанд.

Авиатехник гуфт, ки ӯ ба бакҳо сӯзишворӣ рехт, вале рақамҳоро бошад, баъдтар тафтиш кардан мумкин аст. Духтар розӣ шуд, вале илова кард, ки то тасдиқи рақамҳо, ӯ ба мо чек дода наметавонад ва ваъда дод, ки онро ба воситаи почтаи электронӣ мефиристонад. Мо розӣ шудем ва якҷоя бо авиатехник ба назди ҳавопаймо рафтем. Лётчики ман аз вай хоҳиш кард, то тафтиш кунад, ки оё ӯ миқдори зарурии сӯзишворӣ рехтааст. Техник ба вай ҷавоб дод:

– Бале, ман ба ҳар ду тараф 20 галлонӣ рехтам.

Мо ба парвоз сар кардем ва ба Оҳайо равона шудем, тақрибан пас аз чил дақиқаи парвоз маълум шуд, ки баки чап холӣ аст. Мо ҳайрон шудем, ки ин чӣ тавр метавонист рӯй диҳад. Пас аз як дақиқаи дигар баки рост ҳам холӣ шуд. Нисфи шаб буд, мо бошем, дар баландии 4500 метр дар осмони торик бе сӯзишворӣ парвоз мекардем. Чӣ ҳодиса рӯй дод? Охир мо навакак сӯзишворӣ пур кардем. Касе гуфта метавонад:

– Магар дар ҳавопаймои шумо нишондиҳандаи сатҳи сӯзишворӣ дар бак набуд?

Албатта буд, аммо нишондиҳандаҳо баъди рехтани сӯзишворӣ оҳиста баланд мешаванд. Агар шумо боре “субурбан”-и кӯҳнаро ронда бошед, эҳтимол мефаҳмед, ки ман чӣ мегӯям. Нишондиҳандаҳои сатҳи сӯзишворӣ дар ин мошин пас аз пур кардани сӯзишворӣ оҳиста баланд мешаванд.

Дар вазъияти мо лётчики ман рост ба чашми авиатехник нигоҳ карда, аз вай пурсид, ки оё дар ҳақиқат сӯзишворӣ рехтааст ва чӣ қадар. Мо шахсан дидем, ки ӯ бо мошини сӯзишворӣ ба назди ҳавопаймо омада, бакҳоро пур кард. Лётчики ман мушоҳида мекард, ки пур кардани сӯзишворӣ чӣ тавр гузашта истодааст, ва ду маротиба техникро пурсид, ки оё ҳақиқатан ҳам чил галон рехт. Вақте ки мо сатҳи сӯзишвориро тафтиш кардем, мо дар бак нишондиҳандаи рақамии сӯзишворӣ насб кардем, ки меъёри харҷи сӯзишвориро то лаҳзае, ки дар бак даҳяки галлон боқӣ мемонад, пайгирӣ мекунад.

Мо фикр кардем, ки аз ҷониби худ барои таъмини бехатарӣ ҳама гуна чораи заруриро анҷом додем.

Мо ҳолати фавқулодда эълон кардем ва маҷбур шудем, ки дар фурудгоҳи Синсиннати фуруд оем, ва ин ҳеҷ мушкилие ба худ касб намекард, чунки дар он лаҳза, вақте ки бакҳои мо холӣ шуданд, мо дар болои он парвоз карда мегузаштем, аммо ин аниқ хурсандибахш набуд. Баъдтар мо фаҳмидем, ки ҳавопаймои мо дар таҷрибаи ҳамон авиатехник оид ба пур кардани сӯзишворӣ аввалин буд. Ӯ ба ҳар бак ба ҷои 20 галлонӣ танҳо 2 галлонӣ сӯзишворӣ рехта будааст. Ӯ аз рӯи асбоби меъёрсанҷ барои муайян кардани ҳаҷми сӯзишворӣ таҷрибаи кофӣ надошт. Бе шӯхӣ? Охир ягона коре, ки ин ширкати миллӣ мекунад, ин ба ҳавопаймоҳо пур кардани сӯзишворӣ аст, – боварии кас намеояд! Бадие, ки душман ба нақша гирифта буд, рӯй надод, вале агар баки мо дар баландии 4 500 метр, ки мо парвоз мекардем нею дар баландии дигар холӣ мешуд, рӯй дода метавонист. Аммо такрор мекунам, ки душман ба ман ва ба ҳавопаймо зарар расонида наметавонад. Барои пешгирӣ кардани кӯшишҳои дигари душман, мо раванди пур кардани сӯзишвориро тағйир додем. Акнун дар ҳамаи истгоҳҳои таъмини сӯзишворӣ авиатехникҳо ҳамеша дар зери назорати мо ҳавопайморо бо сӯзишворӣ пур мекунанд. Агар мо зуд чора намеҷустем ё дар обу ҳавои номусоид парвоз мекардем, ин ҳодиса бо фалокат анҷом ёфта метавонист, аммо, хушбахтона, ин рӯй надод, чунки ман аҳди ҳифозат дорам.

Ин ду ҳодиса бо ҳавопаймои ман дар робита бо бехатарии он натиҷаи аҳди ман, ҳуқуқҳои қонунии ман дар Подшоҳӣ буд. Ман, албатта, ба шумо дар бораи он, ки умуман чӣ тавр ба ин ҳавопаймо соҳиб шудам, нақл мекунам, аммо на ҳоло. Ба фикрам, шумо маънои гапро фаҳмидед – Худо бузург аст!

**Подшоҳӣ қонунҳое дорад, ки барои самаранок будан, зистан дар бехатарӣ ва дорои таъминот будан дар ин ҷо, дар замин, шумо бояд онҳоро донед.**

Подшоҳӣ қонунҳое дорад, ки барои самаранок будан, зистан дар бехатарӣ ва дорои таъминот будан

дар ин ҷо, дар замин, шумо бояд онҳоро донед. Шайтон моро бад мебинад, аммо ҷалол ба Худо, ӯ моро боздошта наметавонад. Ҳимоят – ин ҳам оромӣ, дар ҳоле изтироб нест, тарс нест! Ин ҳуқуқи қонунии шумо аст.

Дарвоқеъ, қонунеро, ки ман худи ҳозир тасвир кардам ва ба кор бурдам, ман қонуни юрисдиксия меномам.

Худо дар аввал ба ман боз як ояти Китоби Муқаддасро оид ба Подшоҳии Худ дод.

> *Хушо шумо, эй мискинон, зеро ки Малакути Худо аз они шумост.*
>
> – Луқо 6:20

Ман ва Дренда ба омӯхтани он сар кардем, ки Худо дар зери мафҳуми *Подшоҳии Худо* чиро дар назар дошт, вақте ки онро ба мо нишон дода буд. Ӯ боз ба мо нишон дод, ки Ӯ дар ин Подшоҳӣ, ки дар асоси қонунҳо амал мекунад, Подшоҳ аст. Ба сарҳади ҷануби кишварамон нигоҳ мекунем. Ҳар сол ҳазорҳо одамон кӯшиш мекунанд, ки ба Иёлоти Муттаҳида ворид шаванд. Наход аз он сабаб ки дар кишвари онҳо ҷойҳои зебо мавҷуд набошад? Тамоман аз ин сабаб не. Сабаб – ҳукумати кишвар мо. Дар мамлакат қонунҳое амал мекунанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки одамон дар дигар кишварҳо намебинанд, таъмин менамоянд: ҳуқуқ барои моликият, ҳуқуқ барои соҳибкорӣ, озодии сухан ва дин. Дар бисёр кишварҳо одамон чунин озодиҳоро надоранд.

Мо аллакай оиди Подшоҳии Худо, асоси ҳамаи калидҳо, принсипҳо ва қонунҳое, ки Худо ба мо, шаҳрвандони Подшоҳӣ, додааст, бисёр ҳарф задем. Донистан ё надонистани ин қонунҳо фарқи байни ҳаёт ва марг, ғалаба ва мағлубиятро муайян мекунад. Баъд аз машаққатҳои мо дар давоми нӯҳ соли дароз аз тарси пуразоб аз сабаби набудани пул ва минбаъд озодии пурра аз он, ман наметавонам аҳамияти онро, ки шаҳрванди Подшоҳии Худо будан чӣ аст, ва зарурияти

донистани қонунҳо ва принсипҳои онро, ки Подшоҳӣ дар асоси онҳо сохта шудааст, аз нав баҳогузорӣ кунам.

Замин дар тӯли ҳазорҳо сол вуҷуд дорад, новобаста ба ин бисёр чизҳое, ки имрӯз аз онҳо лаззат мебарем, на ҳама вақт маълум буданд. Масалан, ман ба шумо нишон додан мехоҳам, ки дар арафаи Иди Мавлуд соли 1906 дар Ошуен-Блафф, Брант-Рок, иёлати Массачусетс, чӣ ҳодиса шуд. Дар он рӯз чизе рӯй дод, ки тамоми ҷаҳонро дигаргун кард. Реҷиналд Фессенден суруди “Шаби муқаддас”-ро тавассути мавҷҳои радио ба киштиҳои баҳр расонид ва боби дуюми Инҷили Луқоро қироат кард. Ин аввалин барномаи овозии радиоӣ дар ҷаҳон буд. Ҳоло бо ёрии телефони мобилӣ мо метавонем бо шахси дилхоҳ дар сайёра бе ягон мушкилӣ гап занем.

Дар моҳи январи соли 1897 чӣ воқеа рӯй дод? Томас Эдисон лампочкаи электрикиро ихтироъ кард, ва акнун ҳар як кишвари рӯи замин қонунҳои электрикӣ ва қонунҳои физикиро истифода бурда, торикиро равшан мекунад.

17 декабри соли 1903 бошад чӣ воқеа рӯй дод? Бародарон Райт ҳавопаймои аввалинро бо муваффақият ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд, ва акнун мо метавонем бо киштии ҳавоӣ баромада, дар давоми якчанд соат ба нуқтаи дилхоҳи ҷаҳон парвоз карда равем. Киштии ҳавоии A380, калонтарин ҳавопаймои мусофиркаш дар ҷаҳон, ки вазнаш 280 тонна аст, дар давоми нӯҳ соат бо ҳаштсад мусофир дар дарун бо суръати 1000 километр дар як соат парвозҳои бетаваққуф ба амал оварда метавонад. Агар дар аввали асри нуздаҳ одамон чизи ба ин монандро медиданд, беҳуш шуда меафтоданд. Вале имрӯз барои мо ин монанди он аст, ки тугмачаро пахш карда, чароғро дармегиронем.

Ман нишон додан мехоҳам, ки ин қонунҳо ҳамеша, аз рӯзе, ки олам офарида шудааст, вуҷуд доранд. Онҳо барои инсон ҳамеша дастрас буданд, то ки онҳоро истифода барад, вале ӯ аз ин огоҳ набуд. Ӯ медид, ки паррандаҳо парвоз мекунанд, барқ медурахшад, аммо намефаҳмид.

Ин айнан ба Китоби Муқаддас низ дахл дорад. Мазҳаб ба маънои Каломи Худо маҳдудиятҳо гузоштааст. Мою шумо солҳо мешунавем, ки тамоми мӯъҷизот дар гузаштаи дур мондаанд, ҳоло Худо мӯъҷиза ба амал намеорад. Атоҳои Рӯҳулқудс танҳо бо ҳавворийён амал мекарданд, ва неше дар ҷисми Павлус беморӣ буд. Дар асл Калом хеле содда аст. Он айнан чизеро мефаҳмонад, ки гуфтааст. Вале поягузорӣ дар Подшоҳӣ аввалин калиди асосиест, ки барои кушодани ҳамаи дарҳои дигар ба шумо зарур аст.

## Боз як калиди асосӣ:

## Қонунҳо тағйир намеёбанд!

Сангро партоед, ва он меафтад. Он чанд бор меафтад? Ҳар дафъа! Ба туфайли қувваи ҷозиба шумо ҳар бор айни ҳамон як натиҷаро ба даст меоред. Дар Подшоҳии Худо низ айни ҳамин чиз рӯй медиҳад.

БОБИ 5

# ПАРВОЗ КАРДАН АЗ РОҲ ГАШТАН БЕҲТАР АСТ

Парвоз кардан аз роҳ гаштан беҳтар аст! Ман ин бобро вақте навиштам, ки бо ҳавопаймои худ аз хонаи тобистонаамон, ки дар Канада воқеъ аст, баргашта истода, бо суръати 250 мил дар як соат (400 км/с. – *Эзоҳи тарҷ.)* дар баландии 23 000 фут аз замин (7000 метр. – *Эзоҳи тарҷ.*) парвоз мекардам. Дар тӯли солҳои зиёд мо аз хонаамон дар Оҳайо бо мошини худ ба Канада сафар мекардем. То ба он ҷо расидан сию як соат роҳи хастакунандаро тай кардан лозим мешуд. Ман маҷбур будам, ки тамоми шаб мошин ронам, то ки рӯзи навбатӣ ба манзил бирасем. Мо шабҳо чандин бор таваққуф мекардем ва ду рӯз роҳ мепаймудем, аммо, вақте ки шумо рухсатии дуҳафтаина дореду чор рӯзашро ба роҳ сарф мекунед – ин хеле зиёд. Ва то расидан ба манзил ман хеле хаста мешудам, ва пас аз рухсатӣ мо боз маҷбур будем, ки роҳи баргаштро то ба Оҳайо паси сар кунем.

Ман ҳамеша ҳавопаймоҳоро дӯст медоштам, дар нуздаҳсолагӣ иҷозатномаи лётчикро гирифта будам, аммо ҳеҷ гоҳ фикр накарда будам, ки ҳавопаймои шахсӣ дошта бошам. Худатон мулоҳиза кунед, оё шумо ягон бор барои донистани нархи ҳавопаймо мароқ зоҳир кардаед? Аммо чи қадаре ки ман Подшоҳиро бештар меомӯхтам,

ҳамон қадар бештар мефаҳмидам, ки ҳамчун қашшоқ фикрронӣ карда, ва "Не" гуфта, худамро аз фикри соҳиби ҳавопаймои шахсӣ будан бозмедоштам. Ҳоло ман ду ҳавопаймо дорам, дар якеаш ман ба хотири вақтхушӣ парвоз мекунам (ин ҳавопаймои аввалини ман аст), ва дуюмашро барои парвозҳои корӣ истифода мебарам. Ман дар боби гузашта навишта будам, ки тарбияи мо бо калимаи "не" нақшбандӣ карда шудаст, ва он имкон намедиҳад, ки орзу кунем ва имкониятҳоро дида тавонем. Мо ҳатто ба онҳо имкон надода, қалбамонро мебандем.

Пештар ман ҳеҷ гоҳ дар бораи харидани ҳавопаймо фикр накарда будам. Ман ҳатто тасаввур ҳам намекардам, ки ин чӣ тавр имкон дорад. Чандин сол пайиҳам ман ҳавопаймоҳоро ба иҷора мегирифтам. Аммо вақте ки қонунҳои Подшоҳиро омӯхтам ва дар ҳаёти худ пайдарпай шоҳиди воқеаҳо шудам, ки амали онро нишон медоданд, ман бо имон ба Худо тасмим гирифтам, ки соҳиби ҳавопаймои шахсӣ мешавам. Дар он вақт барои харидани он ман маблағ надоштам, аммо ман чек гирифтам ва дар бахши қайдҳо "ҳавопаймо" навиштам. Ман айнан ҳамон намуди ҳавопайморо қайд кардам, ки харидан мехостам. Тавре ки дар Инҷили Марқӯс навишта шудааст (ниг. Марқ. 11:24), ман ва ҳамсарам ин чекро ба Подшоҳӣ кишт кардем, ва боварӣ ҳосил кардем, ки вақте дуо гуфтем, онро гирифтем. Худованд дар худи оғози омӯзиш оиди Подшоҳӣ ин дарсро ба ман нишон дода буд. Ман дидам, ки чӣ тавр он дар зиндагии ман бисёр маротиба иҷро шуд.

Пас аз чанд ҳафта ман аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузаштам, ва духтур нохост ба ман гуфт:

– Дарвоқеъ, оё шумо касеро медонед, ки ба харидани ҳавопаймо шавқ дорад?

Ман ҳайрон шудам, чунки пештар ҳеҷ кас ба ман чунин савол надода буд.

– Кадом ҳавопаймо? – пурсидам ман.

Ӯ ба фаҳмондан сар кард, ки гап дар бораи кадом ҳавопаймо меравад, ва афзуд, ки агар ман мабодо онро дидан хоҳам, он дар

фурудгоҳи маҳаллӣ қарор дорад. Тааҷҷубовар аст, ки ман маҳз ба ҳамин ҳавопаймо кишт карда будам! Ман ба фурудгоҳ рафтам ва ба он нигоҳ кардам, он дар ҳолати аъло буд. Аммо як проблема вуҷуд дошт: ман барои харидани ҳавопаймо пул надоштам. Ман ба духтур гуфтам, ки барои харидани он хеле шавқмандам ва бо ӯ баъдтар тамос мегирам.

Пас аз ду ҳафта ба ман бародарам занг зад. Ӯ дар тарабхонаи воқеъ дар паҳлӯи биное, ки ба ман тааллуқ дорад, кор мекунад. Ман он биноро якчанд моҳ пештар аз занги бародарам, дар охири тирамоҳ, харида будам, ва ба нақша гирифта будам, ки дар он ҷо барои ширкати худ коргоҳе, ки хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод мекунад, муҷаҳҳаз кунам. Он ба талаботҳои манзили тиҷоратӣ, ки ба ҳадафҳои ман зарур буд, мувофиқат намекард, аз ин рӯ ман медонистам, ки онро бояд аз нав созам. Ман бо бинокоре, ки нақша мекашид, тамос гирифтам, ва мо шартнома имзо кардем. Вале мо тасмим гирифтем, ки аз сабаби обу ҳаво оғози корро то баҳор мавқуф гузорем. Манзили нав таъмири пурраи биноро талаб мекард.

Соҳиби пештараи бино ба ман гуфт, ки дар он ҷо дар фасли зимистон об хомӯш карда шудааст, аз ин рӯ ман ҳатто ба он нигоҳ накарда будам. Бародарам дар охири моҳи феврал, вақте ки ҳарорати ҳаво гарм шуда, барф ба об шудан сар кард, ба ман занг зад. Ӯ ба ман гуфт, ки бинои ман дар ҳоле фурӯ рехт, ки об аз он ба кӯча мерехт. Мо ҳарду мефаҳмидем, ки ин чӣ маънӣ дорад: бар хилофи даъвои соҳиби пештара об хомӯш карда нашуда буд. Албатта, вақте ки ман ҳаҷми зарарро ҳисоб кардам, маълум шуд, ки ҳамаи қубурҳои ҳаммомҳои болохона, ва ҳамчунин қубурҳои ҳаммоми поён ва ошхона кафида, бино зери об мондааст. Ҳамаи тавораҳои гаҷкорӣ, шифт ва деворҳо фурӯ рехтаанд.

Дар аввал чунин менамуд, ки фалокат рӯй додааст, аммо вақте ки мо дар бораи азнавсозӣ фикр кардем, нақша кардем, ки ҳамаи тавораҳоро аз байн бурда, хонаҳои нав созем. Намуди берунии биноро низ иваз кардан лозим буд. Бинобар ин дар асл об ҳеҷ зараре ба бино нарасонидааст. Зарар маҳз ба ҳамон ҷойҳое расида буд, ки

пурра аз нав сохтани онҳоро ба нақша гирифта будем. Аммо вақте ки ман ин биноро харида будам, ман онро суғурта карда будам. Ширкати суғурта ба ман зарарро ҷуброн кард. Вақте ки онҳо чек навиштанд, дуруст пайхас кардед, он барои харидани ҳавопаймо басанда буд. Ин ҳавопаймои “пайпер варриор”-ро идора кардан осон аст, ва ман бо хурсандӣ дар он парвоз мекунам. Ҳар дафъа, вақте ки ман бо он ба осмон баланд мешавам, дар тааҷҷуб мемонам, ки бо ҳавопаймои шахсии худ парвоз кардан чӣ қадар гуворо аст. Он то ҳол бо ман аст, гарчанде аллакай бист сол гузашт.

Сарфи назар аз рӯйдодҳои аҷибе, ки дар ин ҳикоя ба вуқӯъ пайвастанд, ман намехоҳам, ки шумо оиди ин воқеа тасаввуроти нодуруст ҳосил кунед. Тамоми чизҳо на ҳама вақт тавре рӯй медиҳанд, ки дар ин ҳикоя рӯй дод. Худо ба шумо имкон медиҳад, ки барои пурра пардохт кардани нархи ҳавопаймо пул дарёфт кунед, ё барои он тахфифи хуб пешниҳод карда метавонанд. Вақте ки шумо ба Подшоҳӣ кишт мекунед, бояд фикр кунед, ки Худо ба шумо ҳосил ва нақшаи ғун кардани онро нишон медиҳад. Дуюм – дар доираи имон ва қобилиятҳои такмилёфтаи худ истодан муҳим аст. Ман одамонеро вохӯрдаам, ки фикр мекунанд, ки агар Худо чӣ тавр пардохт кардани қарзи мошинро ба онҳо нишон диҳад, онҳо ба пеш баромада, ба миқдори як триллион доллар кишт мекунанд. Имони шумо барои гирифтани триллион доллар сустӣ мекунад! Аз он ҷое сар кунед, ки ҳоло қарор доред, ба татбиқи қонунҳои Подшоҳӣ сар кунед, барои гирифтани ҳар чизе, ки Худо ба шумо нишон медиҳад, боварии худро ба қонунҳои Подшоҳӣ ва қобилиятҳои худ мустаҳкам кунед.

Ман мехоҳам, ки шумо ба асли масъала сарфаҳм равед. Ман танҳо баъд аз бист соли он, ки иҷозатномаи лётчикро гирифтам, барои худ ҳавопаймо харидам. Чӣ фикр доред, қонунҳои Подшоҳӣ ҳамаи ин бист сол амал мекарданд? Албатта. Ақлу идроки ман, аниқтараш, кундии ақлу идроки ман, нагузошт, ки ман худро соҳиби ҳавопаймо тасаввур кунам.

Одам ҳазорҳо сол парвози паррандаҳоро мушоҳида мекард, амали қонуни болобарандаро дар рӯзи равшан ҳар як одам дида

метавонист, вале бо вуҷуди ин касе надид. Шумо чиро мебинед? Андеша кунед.

Дар рӯзҳои аввал Худо ба ман як ояти Китоби Муқаддасро оиди он нишон дод, ки роҷеъ ба таъминот дар Подшоҳӣ дониста, оромӣ ёфтан мумкин аст.

> *Баракати Худованд сарватманд мекунад, ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад.*
>
> – Масалҳо 10:22

Ин ояти Китоби Муқаддас моро ба Навиштаҷот ва принсипи Китоби Ҳастӣ мебарад, ки қаблан зикр карда шуда буд.

> *...замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд. Ба арақи ҷабинат нон хоҳӣ хӯрд, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок хоҳӣ баргашт.*
>
> – Ҳастӣ 3:17-19

Вақте ки Одам Подшоҳиро аз даст дод, ӯ таъминоти Подшоҳиро гум кард, барои зиндамонӣ ӯ маҷбур шуд, ки заҳмат кашад. Аммо тавре ки мо аллакай медонем, танҳо бо як меҳнати пуразоб ва арақи ҷабин ба озодие, ки мо сахт ташна ҳастем, муяссар шудан номумкин аст. Аммо хабари хуше ҳаст! Исо омад, то ки ба мискинон Башорат диҳад!

> *Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам.*
>
> – Ишаъё 61:1

Исо барои он фиристода шуда буд, ки ба камбизоатон Хушхабарро мавъиза кунад. Кадом хабар барои камбағалон хуб шуда метавонад?

Ҳамааш оддӣ аст, онҳо набояд асири тангдастӣ ва қашшоқие бошанд, ки дар системаи малъуни таъминот мавҷуд аст. Бовар кунед, баъд аз ҳаёт, ё, дурусттараш, баъд аз зиндамонӣ дар давоми нӯҳ сол, вақте ки ман ба ғайр аз афсурдагӣ ва шубҳа ҳеҷ чиз надоштам, ин оят, гарчанде маро ҳайрон карда бошад ҳам, барои ман хабари хуш буд. Наход дар ин суханон ҳақиқатан маънои мустақим вуҷуд дошт? Охир хеле олӣ мебуд, агар дар он маънои мустақим вуҷуд дошта бошад, ки баракати Худованд дар ҳақиқат ба ҳаёти мо боигарӣ биёрад. Ба ман лозим буд, то бидонам, ки оё ин рост аст, ва дар ҳаёти худ ба кор барам. Аз як тараф, ман мефаҳмидам, ки лаънати меҳнати пуразоб бо араќи ҷабин танҳо барои қути лоямут буд, ва ҳаёт барои зиндамонӣ он қадар ҳам хуб нест. Ман аз ҳама бештар мехостам, ки аз ин лаънат халос шавам, аммо тасаввуроте надоштам, ки чӣ тавр ба ин муяссар шудан мумкин аст. Ман фикр мекунам, ки бисёр масеҳиён ҳамин тавр умр ба сар мебаранд: ваъдаҳои Худоро мехонанд, вале намедонанд, ки чӣ тавр онҳоро дар ҳаёти худ ба амал оранд.

Вақте ки ман ба омӯзиши ин масъала шурӯъ кардам ва вақте ки Худованд дар фаҳмидани принсипҳои Подшоҳӣ ба ман роҳнамоӣ кард, ман дидам, ки то чӣ андоза Иброҳим сарватманд буд. Истед! Бо системаи маълуни заминӣ чӣ шуд? Чӣ тавр ба ӯ муяссар шуд, ки онро паси сар кунад?

*Ва Абром аз чорво, ва нуқра, ва тилло хеле бой буд.*

– Ҳастӣ 13:2

Ӯ сарватманд шуд, не, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ӯ хеле сарватманд шуд. Аммо чӣ тавр? Шумо мегӯед:

– Ҳамту ӯ Иброҳим буд.

Не. Гап дар сари ин нест. Дар асл гап маҳз дар он аст, ки шумо бояд қонунҳои Подшоҳиро омӯзед. Қонунҳо парвое надоранд, ки шумо кӣ ҳастед. Онҳо рӯйбинӣ надоранд. Агар ягон кас аз боми бинои осмонбӯси Эмпайр-стейт-билдинг худро бе парашут ба замин партояд, вай хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, натиҷа ба ҳама маълум аст.

Қонуни ҷозиба доимо кор мекунад. Чӣ тавр Иброҳим қатъи назар аз системаи малъуни заминӣ муваффақ шуд? Оё дар саргузашти ӯ калидҳоро пайдо кардан мумкин аст? Ҷавоб қисман дар боби 12-уми Китоби Ҳастӣ мавҷуд мебошад. Дар он Худо ба Абром, ки баъдтар Иброҳим шуд, роҷеъ ба ҳаёти ӯ ва ҳаёти насли ӯ ваъда дод.

> *Ва Худованд ба Абром гуфт: «Аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав. Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд. Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд; ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост».*
>
> – Ҳастӣ 12:1-3

Ваъдае, ки ба Иброҳим дода шуда буд, ба шарте амал мекард, ки ӯ ба Худо имон меорад ва ба Ӯ итоат мекунад. Ба ӯ имони бузург лозим буд, то ки фазои ба вай шиносро тарк карда, ба ҷое равад, ки намедонад.

> *Бо имон Иброҳим итоат намуд ба даъвате дар бораи рафтан ба мамлакате ки мебоист мерос мегирифт, ва ӯ рафт, ва намедонист ба куҷо меравад.*
>
> – Ибриён 11:8

Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки Худо ба воситаи одаме, ки Ӯ бовар кард, ҳатто, гӯё чунин менамуд, ки дар ин ҳеҷ маъное нест, ба муҳити замин роҳи қонунӣ пайдо кард. Имони Иброҳим ба Худо имкон дод, ки шахсан ӯро баракат диҳад. Аммо баъдтар ба туфайли имони Иброҳим Худо бо вай аҳде низ баст, ки насли ӯро дар бар мегирифт. Фикр накунед, ки ин ғалатӣ аст. Ба ёд оред, шайтон дар аввал маҳз ҳамин тавр ба муҳити замин роҳ ёфта буд. Одам, ки дар тамоми замин дорои салоҳияти қонунӣ буд, чуноне ки дар Нома ба Ибриён (2:7, 8) навишта шудааст, тасмим гирифт, ки ба шайтон бовар кунад, на ба Худо.

Имони Иброҳим, ки дари қонуниро барои таъсир расонидан ба ҳаёти ӯ кушод, ба вай имкон дод, ки хеле комёб шавад. Ин муваффақият ба насли ӯ васеъ паҳн шуд. Ба андозаи омӯзиши минбаъдаи ин мавзӯъ ман қиссаи Юсуф, абераи Иброҳимро хондам. Ман мисоли ҳайратбахшеро пайдо кардам ва фаҳмидам, ки Подшоҳӣ чӣ аст ва он чӣ тавр амал мекунад, ин маҳз ҳамон чиз аст, ки дар Масалҳо, ояти 22-юми боби 10 гуфта мешавад.

Дар аввал ба хотир меорем, ки бародарони Юсуф ӯро бад медиданд ва ба воситаи ғуломфурӯшҳое, ки аз он сарзаминҳо мегузаштанд, ӯро ба ғуломӣ фурӯхтанд. Онҳо Юсуфро ба Миср бурданд ва сипас ба Фӯтифар, сардори посбонони фиръавн, фурӯхтанд. Дар матни минбаъда ман пораи муҳими ин пазлро мушоҳида кардам, ки барои фаҳмидани қобилияти Иброҳим дар бобати хеле комёб шудани ӯ ба ман ёрӣ расонид.

> *Ва Юсуфро ба Миср бурданд; ва ӯро Фӯтифар ном марди мисрӣ, ки дарбории фиръавн, сардори посбонон буд, аз дасти исмоилиёне ки ӯро ба он ҷо бурда буданд, харид. Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комёб шуд, ва дар хонаи оғои мисрии худ бимонд. Ва оғояш дид, ки Худованд бо ӯст, ва ҳар он чи ӯ мекунад, Худованд дар дасти ӯ муваффақият меоварад. Ва Юсуф дар назари вай илтифот ёфт, ва ба вай хизмат мекард. Ва ӯро ба хонаи худ баргумошт, ва тамоми дороии худро ба дасти ӯ дод. Ва аз ҳамон вақте ки ӯро ба хонаи худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи он мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ВА БАРАКАТИ ХУДОВАНД БАР ҲАМАИ ДОРОИИ ВАЙ ЧИ ДАР ХОНА, ЧИ ДАР САҲРО БУД. Ва ҳар он чи дошт, ба дасти Юсуф вогузошт; ва аз он чи бо ӯ буд, ҳеҷ хабар надошт, ҷуз ноне ки мехӯрд. Ва Юсуф хушандом ва хушрӯй буд.*
>
> – Ҳастӣ 39:1-6

Дар ин оятҳо навишта шудааст, ки маҳз баракати Худованд ба Юсуф комёбӣ бахшид. Аммо баракати Худованд дар чӣ буд ё ҳоло

он дар чӣ зоҳир мешавад? Ман пайхас кардам, ки гап дар бораи баракати мушаххас меравад, на ин ки оиди яке аз баракатҳо. Вақте ки ягон чизи олиҷаноб рӯй медиҳад, мо ҳама мегӯем, ки “ин баракат буд”. Аммо дар ин порчаи Каломи Худо гап танҳо дар бораи як воқеаи хуб намеравад. Сухан дар бораи “Баракати” мушаххас меравад.

Ман фаҳмидам, ки “Баракати Худованд” аҳди байни Худою Иброҳим ва ворисони ӯ буд. Ба ибораи дигар, “Баракат” ваъдаҳое буд, ки дар ин аҳд ба Иброҳим дода шуда буд. Шартномаи қонунӣ ҳуқуқ ва вазифаҳои тарафайнро дар бар мегирад, аммо ҳамчунин манфиатҳои ҳар яке аз онҳоро номбар мекунад. Дар ҳолати мазкур ваъдаҳое, ки ба Иброҳим дода шуда буданд, ҳамчунин афзалиятҳои иловагии шартнома буданд. Барои бархурдор шудан аз неъматҳо, ӯҳдадорӣ мавҷуд буд – дастурҳо ва қонунҳои Худоро риоя кардан. Ман ҳамчунин равшан дидам, ки ҳар чӣ Юсуф зери салоҳияти қонунии худ қарор дод, он ҳам ба доираи ваъда ва фоидаҳо афтода буд ва суд овард.

Сипас ояти 22 аз боби 10-уми Китоби Масалҳо барои ман маъно пайдо кард. Ваъдаҳои Худо, ки ба Иброҳим дода шуданд, бар системаи малъуни заминии қашшоқӣ ғолиб омаданд. “Баракати” ба Иброҳим додашуда ба Худо имкон дод, ки дар асоси қонун хизматгори Худ ва насли ӯро бо некӯаҳволӣ ва нуфузе, ки Худо як вақтҳо барои инсон мехост, баракат диҳад. Биёед бо назардошти шарҳу тавзеҳи ман Китоби Масалҳоро (10:22), ки дар байни қавсҳо навишта шудаанд, мехонем.

## Калиди асосӣ:

## “Баракати Худованд [ваъдаҳое, ки ба Иброҳим дода шудаанд] сарватманд мекунад, ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад”.

Ибораи “ғаму ғуссае бо худ намеоварад” ба системаи малъуни заминӣ тааллуқ дорад (ниг. Ҳас 3:17) – бо меҳнати пуразоб бо арақи

ҷабин. Дар забони ибронӣ калимаҳои *ғаму ғусса* маънои “меҳнати вазнин”-ро низ доранд! Оё мефаҳмед? Инсон бо воситаи ваъдаҳое, ки ба Иброҳим дода шудаанд, метавонад аз лаънати заминии меҳнати пуразоб ва арақи ҷабин раҳо шавад. Ман медонам, ки шумо ҳоло дар бораи чӣ андешаронӣ карда истодаед: “Ин ваъдаҳо танҳо ба Иброҳим ва насли ӯ дода шуда буданд”. Бале, аммо ман бояд ба шумо боз як матнро аз Китоби Муқаддас нишон диҳам.

> *Масеҳ моро аз лаънати шариат фидия дода гирифта, барои мо лаънат гардид, — зеро ки навишта шудааст: «Малъун аст ҳар касе ки ба дор овехта шудааст», — то ки баракати Иброҳим ба василаи Исои Масеҳ ба ғайрияҳудиён татбиқ шавад, барои он ки ваъдаи Рӯҳро мо ба воситаи имон пайдо кунем.*
>
> – Ғалотиён 3: 13, 14

Ҳамин тариқ, тавассути имон, мо, имондорони Исои Масеҳ, соҳиби баракате ҳастем, ки ба Иброҳим дода шуда буд. Ба Иброҳим чӣ гуна баракат дода шуда буд? Рӯйхати ваъдаҳо дар боби 28-уми Китоби Такрори Шариат номбар карда шудааст.

> *Ва агар ту ба овози Худованд Худои худ бодиққат гӯш андозӣ, то ки тамоми аҳкоми Ӯро, ки имрӯз ман ба ту амр мефармоям, риоя намуда, ба амал оварӣ, он гоҳ Худованд Худоят туро бар ҳамаи халқҳои замин баланд хоҳад гардонид, ва ҳамаи ин баракатҳо ба ту хоҳад расид ва барои ту ба амал хоҳад омад, агар ту ба овози Худованд Худои худ гӯш андозӣ: дар шаҳр ту бобаракот хоҳӣ буд ва дар саҳро ту бобаракот хоҳӣ буд. Меваи батни ту ва ҳосили замини ту ва самараи чорпоёни ту, зоиши говони ту ва афзоиши гӯсфандони ту бобаракот хоҳад буд. Сабади ту ва корсони ту бобаракот хоҳад буд. Ҳангоми даромадани худ ту бобаракот хоҳӣ буд ва ҳангоми баромадани худ ту бобаракот хоҳӣ буд. Худованд*

*душманони туро, ки ба зидди ту қиём менамоянд, пеши ту мағлуб хоҳад кард; бо як роҳ ба зидди ту хоҳанд омад, ва бо ҳафт роҳ аз пеши ту хоҳанд гурехт. Худованд ба ту дар анборҳоят ва дар ҳар шуғли дастат баракат хоҳад фиристод, ва туро дар замине ки Худованд ба ту медиҳад, бобаракот хоҳад кард. Худованд туро барои Худ қавми муқаддас хоҳад гардонид, чунон ки ба ту қасам хӯрдааст, агар аҳкоми Худованд Худои худро риоя намуда, бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ. Ва ҳамаи қавмҳои замин хоҳанд дид, ки исми Худованд бар ту хонда шудааст, ва аз ту хоҳанд тарсид. Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва дар самараи чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид. Худованд барои ту ганҷинаи некӯи Худ, яъне осмонро воз хоҳад кард, то ки борони замини туро дар сари вақт биборонад ва ба ҳар шуғли дасти ту баракат диҳад, ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт. Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст, — агар ту ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онҳоро риоя намуда, ба ҷо оварӣ, ва аз ҳамаи суханоне ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям, ба тарафи рост ё чап майл накунӣ, то ки худоёни дигарро пайравӣ ва ибодат намоӣ.*

– Такрори Шариат 28:1-14

Новобаста ба он ки тамоми ин ваъдаҳо дар Аҳди Қадим ҳаст, шумо ҳоло бемалол аз онҳо баҳра бурда метавонед. Фақат фарқият дар он аст, ки дар Аҳди Қадим одамон ба воситаи аъмоли худ ба онҳо роҳ меёфтанд, вале мо дар Аҳди Ҷадид ба василаи имон ба Исои Масеҳ ба онҳо роҳ меёбем. Мо, ғайрияҳудиён, пайванд карда шудем, ва акнун ба воситаи Исои Масеҳ “Баракати Иброҳим” ба мо низ тааллуқ дорад. Лекин мо на танҳо баракати рӯҳонии Иброҳимро дорем, мо баракати рӯҳонии таваллуд аз олами болоро дорем. Акнун

мо баракати заминии моддии Иброҳимро ва ҳамчунин баракати ҷовидонии осмониро дорем ва Рӯҳулқудс дар ҳақиқат дар мо ҳамчун дар духтарону писарони Худо сокин аст. Дар ёд бошед, танҳо писарон ва духтарон мерос мегиранд, ғуломон не. Иброҳим чӣ қадар сахт Худоро дӯст дорад ҳам, бе таваллуд аз олами боло Рӯҳулқудс дар ӯ сокин набуд, ва ӯ ба Малакути Худо рафта натавонист. Албатта, ӯ пас аз он ки Исо барои гуноҳи ӯ қурбон шуд, ӯ ба Малакути Худо ворид шуд.

Дар Китоби Масалҳо гуфта мешавад, ки Худо сарватманд мегардонад ва ғаму ғусса намеорад. Акнун ман мефаҳмам, ки дар асл ин оят чӣ маъно дорад. *Ғаму ғусса* дар ибронӣ “меҳнати вазнин”-ро мефаҳмонад, ки акнун бо фаҳмидани ман ин ба системаи малъуни заминӣ ва араќи ҷабин дахл дорад. Ман фаҳмидам, ки ин аҳд, баракат оиди кӯмаки Худо ва афзалиятҳои Ӯ Иброҳимро аз лаънати замин халос кард ва ӯро ба некӯаҳволӣ расонид. Ман дарк кардам, ки афзалиятҳои ин баракат, тавре ки дар боби 28-уми Такрори Шариат навишта шудааст, ба ман равшан нишон доданд, ки ман бояд нашъунамо ёбам. Маҳсули ин гуна ваъдаҳо аз он иборат бояд бошад, ки ман сар шавам, на дум, қарздиҳанда, на қарздор. Ин ҳуқуқи қонунии ҳар як фарзанди Худо аст. Ман ҳам, ҳамчун Юсуф, баракати Худоро дорам ва бояд муваффақ бошам. Ман низ ворисни Подшоҳии Худо ҳастам. Ҳамаи ин чизҳо ба таври ҳаққонӣ ҳамчун писар ба ман тааллуқ доранд.

Вақте ки ман боз ба қиссаи Юсуф дар боби 39-уми Ҳастӣ нигоҳ кардам, равшан дидам, ки маҳз муваффақияти Юсуф диққати Фӯтифарро ҷалб кард, ин муваффақияти намоён буд, ва он бояд диққати халқҳои ҷаҳонро ҷалб мекард ва ба онҳо имкон медод, ки фарқиятро дар халқи Худо бинанд.

> *Ва ҳамаи қавмҳои замин хоҳанд дид, ки исми Худованд бар ту хонда шудааст, ва аз ту хоҳанд тарсид. Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва дар самараи чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам*

*хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид.*

– Такрори Шариат 28:10, 11

Ман боз як калиди муҳимро дар як ояти Китоби Муқаддас дар Китоби Ҳастӣ мушоҳида кардам ва мехоҳам, ки онро ба шумо нишон диҳам. Дар бораи Фӯтифар чунин гуфта шудааст: "Ва ҳар он чи дошт, ба дасти Юсуф вогузошт; ва аз он чи бо ӯ буд, ҳеҷ хабар надошт, ҷуз ноне ки мехӯрд" (Ҳас. 39:6). Ман фаҳмидам! Ин мисоли оромӣ аст, ки мо дар бораи он сухан меронем. Фӯтифар ба ғайр аз ноне, ки мехӯрд, дигар ҳеҷ ташвиш намекашид. Ин чунин маъно дорад, ки муваффақияте, ки Юсуф ба хонаи ӯ овард, "Баракати Худованд" натиҷаҳое овард, ки ба туфайли он Фӯтифар метавонист ба рисолати худ тамаркуз кунад, на ин ки ба зиндамонӣ!

Аллакай бисёр сол ман ва Дренда ин ибораро ҳаррӯза истифода мебарем: "То масъалаи пулро ҳал накунӣ, рисолати худро намеёбӣ" ва намедонӣ, ки дар асл кӣ ҳастӣ. Шумо ҳеҷ гоҳ ҷои худ, сарманшаи иштиёқи худро пайдо намекунед, ва ҳеҷ гоҳ ба таври ҳаққонӣ қаноатмандӣ ҳис намекунед. Ҳамаи қарорҳоятонро дар атрофи мубориза барои зиндамонӣ, ҷустуҷӯ ва кор кардани пул қабул мекунед, ва танҳо ба хотири он, ки пул кор кунед, он гуна шахс мешавед, ки набояд бошед. Дар ин ҷо мо натиҷаҳои "Баракати Худоро" дар Фӯтифар мебинем, ки дар бораи Подшоҳии Худо ҳеҷ чиз намедонист. Вақте ки Фӯтифар Юсуфро бар тамоми дороии худ маъмур таъин кард, ташвишҳои вай ба аҳде, ки Юсуф дошт, гузаштанд. Ин лаҳзаи гузаришро дар ояти 5-уми боби 39 равшан дида метавонед.

*Ва аз* ***ҳамон вақте ки*** *ӯро ба хонаи худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи он мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ва баракати Худованд бар ҳамаи дороии вай чи дар хона, чи дар саҳро буд.*

– Ҳастӣ 39:5

Мо дар ин ҷо боз мебинем, ки чизе, ки дар замин аст ва дар таҳти системаи малъуни заминӣ қарор дорад, ба таҳти салоҳияти Подшоҳии Худо мегузарад. Биёед мебинем: агар Худо бо хиради Худ кӯмак кунад, ба самти дуруст роҳнамоӣ кунад ва аз хатарҳои эҳтимолӣ хабардор намояд, пас ҳар кас метавонад муваффақ шавад! Шумо мефаҳмед? Баракати Худо ба шумо тааллуқ дорад!

Вақте ки Худованд ба ман дар бораи Подшоҳӣ таълим медод, ман ин масъаларо меомӯхтам, ва ҳайрон мешудам, ки чаро Юсуф ба туфайли ин баракат хеле муваффақ аст, дар ҳоле ки имрӯз бисёр имондорони ба ман шинос базӯр маблағ меёбанд, ки ҳисобҳояшонро пардохт кунанд. Озодии пурраи молиявӣ барои бисёр одамон ғайриимкон ба назар мерасад. Гарчанде мо дар муқоиса бо Аҳди Қадим дар аҳди беҳтаре зиндагӣ мекунем, ки дар ваъдаҳои беҳтар асос ёфтааст. Сарфи назар аз он ки ман Баракати Худовандро саҳеҳ фаҳмидам, ба мисли пештара аниқ намедонистам, ки он чӣ тавр ҷавобҳои ба ман зарурро ба бор меорад, аммо ман омӯзишро давом медодам ва вақте ки ба татбиқ ва таҷриба кардани чизҳое, ки Худо ба ман ёд медод, шурӯъ намудам, аз озодӣ лаззат мебурдам.

Сипас ман ба Аҳди Нав таваҷҷӯҳ кардам ва барои бештар донистани он, ки чӣ тавр Подшоҳии Худо вазъият ва шароитҳоро дигар мекард, ба Исо ва хидматгузории Ӯ нигоҳ кардам.

> *Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод. Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: «Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед». Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам». Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд*

*карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд. Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт: «Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам». Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд, ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд. Ва Исо ба Шимъӯн гуфт: «Натарс; минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард». Ва ҳар ду қаиқро ба соҳил бароварданд, ва ҳамаро тарк карда, аз ақиби Ӯ равона шуданд.*

– Луқо 5:1-11

Дар ин ҷо ҳикояе нақл карда шудааст, ки чӣ тавр Подшоҳии Худо субҳи як рӯзе системаи малъуни заминиро дар ҳаёти се моҳигир чаппагардон кард. Матнро хонда, шумо мефаҳмед, ки Петрус, Яъқуб ва Юҳанно тамоми шаб заҳмат кашиданд, вале ҳеҷ чиз ба даст наоварданд. Чуноне ки одатан дар системаи малъуни заминӣ бо арақи ҷабин рӯй медиҳад, онҳо барои меҳнати худ чизе нагирифтанд. Аммо вақте ки Исо бо Подшоҳии Худо ва амали он омад, айни ҳамон моҳигирон ончунон моҳии зиёд ба даст оварданд, ки қариб завраќи онҳо ба об ғарқ шуд!

Истед! Биёед дар бораи чизе, ки ҳоло хондем, мулоҳизаронӣ мекунем. Чӣ тавр моҳӣ ба ҳосил табдил меёбад, ки аз он қариб ду заврақ ба об ғарқ мешуд? Бо вуҷуди ин одамон ин ҳикояро мехонанд, садҳо сол мехонанд, вале намефаҳманд ва фикр ҳам намекунанд, ки ин воқеа дар ҳаёти онҳо низ рӯй дода метавонад. Барои чӣ? Одатан ҷавоб ин аст: Исо дар он ҷо буд, ва Ӯ мӯъҷиза содир кард. Оё воқеаеро аз боби 6-уми Инҷили Марқӯс дар хотир доред, ки Исо одамонро аз сабаби беимонии онҳо шифо дода натавонист, ва аз ин рӯ Подшоҳӣ салоҳият надошт? Пеш аз он ки осмон дар ин вазъият амал кунад, касе бояд салоҳияти осмонро эътироф кунад.

**Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин *аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам».***

Петрус бо осмон розӣ шуд, осмон дар ин воқеа асоси қонунӣ дошт. Мо боз дидем, ки замин ба Подшоҳии Худо мубаддал шуд. Боиси ҳайрат аст, ки одамон дар давоми ҳазорҳо сол парвози паррандаҳоро мушоҳида мекарданд, аммо намефаҳмиданд, ки онҳо низ парвоз карда метавонанд, аз ин рӯ ҳеҷ гоҳ ба ин кӯшиш намекарданд. Айнан ҳамин тавр масеҳиён имрӯз дарк намекунанд, ки онҳо бояд бо тӯрҳои холӣ розӣ нашаванд, чунки онҳо ба қудрати осмон, ки барои муваффақ шудан дар ҳаёт ёрӣ мерасонад, дастрасӣ доранд. Ман мехостам, то шумо дар ин ҷо бубинед, ки ҳамон ҷавонмардоне, ки ҳеҷ чиз нагирифтанд, сипас чунон моҳии зиёд ба даст оварданд, ки қариб завраққҳои онҳо ба об ғӯтида буд!

Дӯсти ман, фарқият дар одамон аст, на дар Подшоҳӣ. Шумо гумон карда метавонед, ки оянда надоред, коратон барор намегирад ва ҳеҷ гоҳ муваффақ намешавед. Аммо дар асл, ҳама чизе, ки ба шумо лозим аст, ки ҳаёти худро ба достони муваффақият табдил диҳед, – ин Подшоҳӣ. Оре, шумо бояд ҳиссаи худро иҷро кунед. Шогирдон бояд ба моҳигирӣ мерафтанд – онҳо бояд тӯрҳоро тафтиш карда, ба сайд тайёр мешуданд, – агар Худо ба куҷо тӯр андохтанро нишон диҳад, моҳиро ҳар кас сайд карда метавонад. Гӯш кунед, системаи малъуни заминии меҳнати пуразоб бо арақи ҷабин ин гуна натиҷа намеорад. Барои амалӣ кардани орзу якбора ҳам бо суръати баланд ва ҳам ба масофаи дурудароз давидан номумкин аст. Худо мақсад надорад, ки шуморо маҷбур кунад, то дандонҳоро зич карда, ҳама чизро бо қуввати худ ба даст оред.

Вақте ки мо ба қонунҳо ва ваъдаҳои Подшоҳии Худо пайванд шавем, ба ҷои он ки роҳ равем, мо парвоз карда метавонем. Иҷозат диҳед, ки ба таври дигар баён кунам. Гарчанде қонуни ҷозиба ба мисли пештара кор мекунад, мо метавонем бо таъсири қонуни дигар, қонуни болобардоранда, парвоз кунем ва аз тарзи ҳаёти нав лаззат барем.

Дар ёд дошта бошед, ки вақте шумо ба назди Масеҳ меоед, шумо узви Подшоҳии Худо мегардед. Ҳамчун шаҳрванд, шумо ҳуқуқҳои қонунӣ пайдо мекунед, ҳамчун писар ё духтар мефаҳмед, ки шумо ба мерос ҳақ доред. Ҳуқуқҳои қонунии шумо ва афзалиятҳоятон шуморо бар системаи малъуни заминии қашшоқӣ, бемориҳо ва нокомиҳо боло мебардорад.

Тасаввур кунед, барои исроилие, ки тамоми умри худ ғулом буд, ояти навбатии библиявӣ чӣ тавр бояд садо медод. Бештар аз он, аз лаҳзае ки ӯ худро дар ёд дорад, ғайр аз ғуломӣ дигар ҳеҷ чизро намедонист. Вақте ки Мӯсо халқи Исроилро ба замини мавъуд дохил кард, ӯ чунин суханонро ба забон овард:

> *Ва ҳангоме ки Худованд Худоят туро ба замине дароварад, ки ба падаронат — ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб — қасам хӯрдааст, ки онро ба ту бидиҳад, бо шаҳрҳои бузург ва хубе КИ ТУ БИНО НАКАРДАӢ, ва бо хонаҳои пур аз ҳар неъмат,* ***ки ту пур накардаӣ,*** *ва бо ҳавзҳои дар санг кандашуда,* ***ки ту накандаӣ,*** *ва бо токҳо ва дарахтони зайтун,* ***ки ту нашинондаӣ,*** *ва ту аз меваи онҳо хӯрда сер хоҳӣ шуд, он гоҳ эҳтиёт бош, мабодо Худовандро, ки туро аз замини Миср [аз подшоҳии дигар], аз хонаи ҒУЛОМӢ [подшоҳии ғуломӣ] берун овард, фаромӯш кунӣ.*
>
> – Такрори Шариат 6:10-12
>
> (Эзоҳот дар қавсҳо аз они ман. — Г. К.)

Ҳамчун ғуломони собиқ, онҳо усули ягонаи гирифтани чизеро медонистанд – бо арақи ҷабин меҳнат кардан. Аммо Худо ба онҳо гуфт, ки онҳо он чизеро, ки барояш эҳтиёҷ доранд, бе меҳнат ба даст меоваранд. Ин чунин маъно надорад, ки онҳо дигар меҳнат намекунанд, балки онҳо дигар бо системае, ки барои зиндамонӣ меҳнат талаб мекунад, вобаста намешаванд. Худо мегӯяд, ки онҳо дар замине, ки Худо ба он онҳоро ҳидоят мекунад, муваффақ мешаванд. Иҷозат диҳед, ки дар хотимаи ин боб ба шумо боз як воқеаро барои

маънидод кардани суханҳоям нақл кунам. Ман ва Дренда на он қадар ба мошинҳо шавқ дорем. Баъзе одамон мошинҳоро дӯст медоранд ва дар бораи тамоми тамғаҳои писандидаи худ ба шумо нақл карда метавонанд.

**ҲАМА ЧИЗЕ, КИ БА ШУМО ЛОЗИМ АСТ, КИ ҲАЁТИ ХУДРО БА ДОСТОНИ МУВАФФАҚИЯТ ТАБДИЛ ДИҲЕД, – ИН ПОДШОҲӢ.**

Бо ягон сабабе мо ҳеҷ гоҳ ба мошинҳо шавқ надоштем. Маро дуруст фаҳмед. Ба мо чизҳои зебо маъқул ҳастанд, вале мо ҳеҷ гоҳ намегуфтем, ки ягон тамғаи мушаххаси мошинро мехоҳем. Одатан мо мошинро мехаридем ва онро даҳ сол ё бештар аз он истифода мебурдем. Албатта, мо онро хуб нигоҳубин мекунем, ва он ҳеҷ гоҳ кӯҳна наметобад, аммо барои мо чизи асосӣ ин буд, ки мошин боэътимод ва намуди зоҳириаш хуб бошад.

Аммо чандин сол пештар мо ду мошини “кадиллак эскалейд”-ро барои анҷумане, ки дар калисоямон гузаронидем, ба иҷора гирифтем. Онҳо барои пешвоз гирифтан ва бурдани меҳмонон, ки мо барояшон хостем ягон чизи махсус ва дилпазир ташкил кунем, ба мо зарур буданд. Ин аввалин бор набуд, мо доимо ҳамин тавр мекардем. Вале мо аввалин бор худамон савори яке аз ин ду мошин будем, гарчанде он барои чорабинӣ иҷора гирифта шуда буд. Медонед-чӣ? Ба мо маъқул шуд. Ба ман ва Дренда ҳам савор шудан ба он ва ҳам намуди зоҳирии он маъқул шуд.

Дар он вақт мо мошини хеле хуби “хонда пилот” доштем, аммо “эскалейд” аз он як қадам дар пеш буд. Ранги он сафеди марворидӣ буд ва шакли кӯтокардашудаи кузовро дошт. Агар ба ин навъи мошинҳо сарфаҳм равед, пас медонед, ки онҳо ду андоза доранд, дароз ва кӯтоҳ. Ба мо кӯтоҳаш маъқул шуд, ба назари мо он дар идора ва манёвр кардан қулайтар буд. Вақте ки ман ва Дренда дар ин мошин савор шуда мерафтем, вай ба ман гуфт:

– Медонӣ, ин мошин ба ман маъқул аст. Ба фикрам, ба мо ҳамин гуна мошин даркор аст.

Ман розӣ шудам.

– Ба мо айнан ҳамин гуна, шакли кӯтоҳкардашудааш ва бо ранги сафеди марворидӣ лозим аст.

Мо розӣ шудем.

Мо дар бораи гуфтугӯи ҳардуямон ба ҳеҷ кас нагуфтем, вале пас як моҳ, вақте ки ман барои гирифтани рӯзнома аз хона баромадам, телефонам занг зад. Аз рӯи овоз ман як имондори калисоямонро шинохтам. Ӯ пурсупос кард, ва сипас гуфт, ки ба ман “эскалейд” мехарад. Ман каме дасту по гум кардам, вале гуфтам, ин хеле хуб аст. Он гоҳ ӯ аз ман пурсид, ки хоҳони кадом ранг ҳастам, ва ман ҷавоб додам, ки ба мо ранги сафеди марворидӣ маъқул аст. Ӯ гуфт, ки мошинро харида, ба ман боз занг мезанад. Аммо ӯ напурсид, ки кадом намудашро announcements меписандам, дарозашро ё кӯтоҳашро. Як моҳ гузашт, ва ман фикр кардам, ки эҳтимол ӯ дар бораи мошин фаромӯш кард, вале ногаҳон ӯ боз занг зад ва хоҳиш кард, ки рафта, “эскалейд”-амонро гирем.

Вақте ки мо ба ин ҷо расидем, як мошини зебои сафеди марворидии намуди кӯтоҳкардашудаашро дидем. Ин мошин зебо, бе ягон изи харошида, дар ҳолати аъло буд. Мо гуфтем, ки он ба мо хеле маъқул аст. Он гоҳ шиноси мо узр хост, ки моро зиёд интизор кунонид, зеро ӯ то ин лаҳза кӯшиш кард, ки навъи дарози ин мошинро ёбад, аммо фақат кӯтоҳашро пайдо намуд. Мо хандидем ва гуфтем, ки:

Мо маҳз кӯтоҳашро орзу карда будем.

Мо ба ин мошин савор шуда, фикр мекардем, ки мо одамони аз ҳама бойтарин дар сайёра ҳастем. Аммо медонед-чӣ? Ин мошинҳо аллакай барвақт вуҷуд доранд. Ман ҳеҷ гоҳ дар бораи рондани ин мошин фикр намекардам! Барои пурра дарк кардани ин воқеа, шумо бояд донед, ки то ин дам ман ҳашт мошин тӯҳфа карда будам, яъне тухмӣ кишт карда будам.

Ман медонам, шумо дар бораи он фикр мекунед, ки ин танҳо бо

воизон рӯй медиҳад. Гап дар он аст, ки ман аллакай сию шаш сол боз дар соҳаи молия кор мекунам, ва ман бо бисёр воизон ҳамсӯҳбат шудаам. Рости гап, баъзе аз онҳо базӯр нӯг ба нӯг зиндагӣ мекунанд. Не, ин гуна воқеаҳо бо мо на барои он рӯй медиҳанд, ки мо Подшоҳии Худоро мавъиза мекунем, балки дар Подшоҳӣ зиндагӣ мекунем ва қонунҳои Подшоҳиро дар ҳаёти худ татбиқ мекунем. Зиёда аз ин, ман умуман ҳанӯз пеш аз таъсис додани калисо аз қарзҳо халос шуда будам. Илова мекунам, ки барои кор гирифтан ва пардохтани ҳисобҳо ба ман калисо таъсис додан лозим набуд. Ман бо мақсади он калисо таъсис додам, ки дар бораи Хушхабари Подшоҳӣ, яъне оиди чизе, ки ману Дренда мушоҳида кардем, ба одамон нақл кунам!

БОБИ 6

# ДАР ҲАЁТ АЗ ПАРДОХТИ ҲИСОБҲО ДИДА, ЧИЗИ БУЗУРГТАРЕ ҲАСТ

Ба назарам чунин менамуд, ки барои муддати кӯтоҳе дар байни тӯфони ташвишу изтироб воҳаеро дидам. Рӯзе мо панҷоҳ нафарро ба хонаи кӯҳнаи деҳқониамон даъват кардем, то дар гирди гулхан нишаста, ҳот-дог бихӯрем ва сӯҳбат кунем. Мо он вақт пул надоштем, ҳар ҳафта базӯр зиндагиамонро таъмин мекардем, аз ин рӯ дар зери фишори махсус будем. Ман ин воқеаро дер боз интизор будам, чунки аз лиҳози эмотсионалӣ хаста шуда будам ва лозим буд, ки каме ба ягон чизи мусбат таваҷҷӯҳ кунам. Шабнишинӣ бо муваффақияти калон гузашт: хӯрок аъло буд, бисёр дӯстони мо бо фарзандони худ омада буданд, ҳама худро хеле хуб ҳис мекарданд. Хона пур аз одам буд ва ногаҳон касе дарро тақ-тақ кард. Ман фикр кардам, ки касе ба шабниншӣ дер омад, аммо вақте ки дарро кушодам, мардеро дидам, ки худро коргари ширкати барқ муаррифӣ кард. Ӯ бо хушмуомилагӣ гуфт, ки омадам, то ки барои пардохт накардани пули қувваи барқ онро қатъ кунам. Ман ба даҳшат афтодам. Хона пур аз меҳмонон буд, ва мо набояд бе барқ мемондем, дар бораи он ки ба вазъияти

чӣ қадар ногувор афтоданамон мумкин буд, ҳоҷати баён нест.

Ман зуд аз меҳмон хоҳиш кардам, ки барои як лаҳза ба ҳавлии пушт гузарад ва пурсидам, ки барои қатъ накардани қувваи барқ аз мо чӣ талаб карда мешавад. Дар ҷавоб ӯ миқдори пулеро гуфт, ки ман барои супоридан қодир набудам.

– Шумо онро кам карда метавонед? – пурсидам ман.

Ӯ каме фикр кард ва ниҳоят ба ман маблағи камро пешниҳод намуд.

– Шумо квитансияро то сешанбе нигоҳ дошта метавонед? – пурсидам ман.

– Мушкилӣ нест, – гуфт ӯ ва чек навишт.

Ҳамон рӯзи ҷумъа дар ҳисоби ман пул набуд, ва ман намедонистам, ки аз куҷо он то рӯзи сешанбе пайдо мешавад, аммо ҳадди ақал дар рӯзҳои истироҳат мо қувваи барқ доштем. Дар ёд надорам, ки рӯзи сешанбе ман чӣ кор кардам, аниқтараш, чизе ёфта, ба ломбард супоридам.

Ин як рӯзест аз ҳаёти мо дар ҳолати ногувори молиявӣ. Акнун тасаввур кунед, ки ҳамин тавр зиндагӣ кардан дар давоми нӯҳ соли дароз чӣ гуна аст! Зистан бо чунин афсурдагӣ ҳар гуна бинишро аз байн мебарад ва ҳар як эҳсоси шодиро, ки аз ҳаёт гирифтан мумкин аст, аз дил дур мекунад. Ҳар як фикр ба зиндамонӣ ва ба он нигаронида шудааст, ки барои пардохти ҳисобҳои навбатӣ боз аз куҷо пул пайдо кунам. Оё ман ҳафтаи гузашта бисёртар пул сарф накардам? Оё ман ба супермаркет ҳамеша бо худ ҳисобкунак гирам, то назорат кунам, ки аз меъёр зиёд нашавад? Доимо дар бораи он фикр мекунӣ, ки чизеро то ҳадди имкон арзонтар ба даст орӣ. Дӯстам, ин ҳаёт нест! Нигоҳ кунед, ки дар Инҷил чӣ навишта шудааст.

> *Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед, ки чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед; низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед. Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест?*
>
> – Матто 6:25

Исо мегӯяд, ки ин чизҳои дар ҳаёт зарур – ҳаёт не! Дар ин ҷо дар рӯи замин ҳама чиз барои таъмини ҳаёт, барои рисолати мо хизмат мекунад. Аммо азбаски Одам таъминоти Подшоҳиро гум кард, ҳаёт чаппагардон шуд, ва акнун ҳар чизе, ки ҳаётро таъмин мекунад, аз ҳаёт муҳимтар шуд. Одамон ҳатто намедонанд, ки дар асл ҳаёт чӣ аст, ва аниқ намедонанд, ки худи онҳо кӣ ҳастанд. Аз ҳар кас пурсед, ки вай кӣ аст, ва ӯ мувофиқи намуди касбу кораш худро муаррифӣ мекунад. “Ман духтур ҳастам”, “ман риэлтор ҳастам” ва ғайра. Не, ин шумо нестед, ин машғулияти шумо аст. Одам орзуҳои худро гум кард. Ман онро дар назар дорам, ки акнун вай дар бораи ҳар чӣ бештар пул кор кардан орзу мекунад, аммо орзуи худро оиди рисолаташ гум кардааст. Ба ибораи дигар, ҳар чизе, ки пули бисёр меорад, ба орзуи вай мубаддал шуд. Ҳамаи одамон бо атоҳо ва қобилиятҳои гуногун офарида шудаанд, бо вуҷуди ин онҳо касбу коре пайдо мекунанд, ки шавқ надоранд. Зиндагӣ ба ҳафтаҳои пурмашаққат дар интизории озодӣ дар рӯзҳои истироҳат ё ба ҳаёти дурударози пуразоб бо умеди ба нафақа баромадан табдил меёбад.

Аз ин рӯ иҷозат диҳед, ки ба шумо савол диҳам. Агар шумо ба пул мӯҳтоҷ намебудед, агар пулатон бисёр мебуд, тамоми умри худро барои чӣ сарф мекардед, ба кадом кор машғул мешудед? Эҳтимол шумо барои худ машғулияти дигар интихоб мекардед, на ин ки ҳозир доред. Чуноне ки ман аллакай хотиррасон кардам, аз рӯи омор, 70 фоизи амрикоиҳо ба саволи он, ки оё онҳо кори худро дӯст медоранд, онҳо мегӯянд, ки ба коре машғул ҳастанд, ки дӯсташ намедоранд. Ман мехоҳам, то шумо фаҳмед, ки давидан аз паси сарват, кӯшиши пайдо кардани натиҷаҳои назаррас ва ташвишҳои доимӣ дар бораи оянда ба нақшаҳои азалии Худо дохил намешуданд.

> *Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид. Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: «Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед, ва бар моҳиёни*

> *баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед». Ва Худо гуфт: «Инак, Ман ҳар алафи тухмдорро, ки бар рӯи тамоми замин ҳаст, ва ҳар дарахтеро, ки дорои меваи дарахти тухмдор мебошад, ба шумо додам, то ки барои шумо хӯрок бошад. Ва ба ҳамаи ҳайвонҳои замин, ва ба ҳамаи паррандагони осмон, ва ба ҳар хазандаи рӯи замин, ки ҷони зинда дорад, Ман тамоми алафи сабзро барои хӯрок додам». Ва чунин шуд. Ва Худо ҳар он чиро, ки ба амал овард, дид, ва инак, хеле хуб аст. Ва шом буд, ва субҳ буд:* ***рӯзи шашум.***
>
> – Ҳастӣ 1:27-31

Одам дар рӯзи шашум офарида шуда буд, агар аниқтар карда гӯем, дар охири рӯзи шашум. Ӯ дар охири рӯзи шашум офарида шуда буд, зеро тавре ки медонем, барои вай муқаррар гардида буд, ки бо Худо дар рӯзи ҳафтум, рӯзи оромӣ, сокин шавад.

> *Ва осмону замин ва тамоми анбӯҳи онҳо* ***анҷом ёфт.*** *Ва Худо корҳои Худро, ки карда буд, то рӯзи ҳафтум анҷом дод, ва дар рӯзи ҳафтум аз ҳамаи корҳои Худ, ки карда буд, ором гирифт. Ва Худо рӯзи ҳафтумро баракат дод, ва онро тақдис намуд, зеро ки дар он ором гирифт аз ҳамаи корҳои Худ, ки Худо офарид ва ба вуҷуд овард.*
>
> – Ҳастӣ 2:1-3

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо дар рӯзи ҳафтум ором гирифт. Ӯ хаста нашуд! Ӯ анҷом дод. Ҳама чиз анҷом дода шуд. Ҳар чизе ки ба одам лозим шуда метавонист, вақте ки ӯ пайдо шуд, аллакай дар замин муҳайё буд. Оромӣ! Одам ҳама гуна таъминоти заруриро доро буд. Ба ӯ лозим набуд, ки аз боиси пардохти ҳисобҳо ё беморӣ музтариб шавад. Ӯ ҷисми олиҷаноб дошт. Онҳо бояд танҳо ба якдигар, ба Худо ва ба рисолат ё мақсади худ тамаркуз мекарданд.

Ба Одам фармуда шуда буд, ки дар замин ҳукмронӣ кунад, ӯ

ба воситаи қудрат ва қуввате, ки Подшоҳии Худо дода буд, подшоҳӣ мекард. Вале мо медонем, ки ин воқеа бо чӣ тамом шуд. Одам ва Ҳавво бар зидди Подшоҳии Худо хиёнат карданд ва мавқеъ, таъминот ва рисолати худро аз даст доданд. Ба ҷои ин дар онҳо як мақсад пайдо шуд – зинда мондан. Акнун тарс ва изтироб тамоми афкори онҳоро фаро гирифтанд, онҳо фақат барои зиндамонӣ мубориза мебурданд. Чуноне ки дар Китоби Ҳастӣ навишта шудааст (3:17), "бо меҳнати пурмашаққат ва арақи ҷабин".

**САРВАТ МОРО БО ИМКОНИ ГУРЕХТАН БА ҶОИ ОРОМӢ ҶАЛБ МЕКУНАД, – БА ҶОЕ, КИ ДАР ОН БА ОН ТАМАРКУЗ КАРДА МЕТАВОНЕМ, КИ САМИМОНА БА ШУҒЛИ ПИСАНДИДАИ ХУД МАШҒУЛ ШАВЕМ, БО ҲАЁТИ ФАРОВОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ, НА БАРОИ ЗИНДАМОНӢ МУБОРИЗА БАРЕМ.**

## ОДАМ РӮЗИ ҲАФТУМРО АЗ ДАСТ ДОД!

Сулҳу оромӣ гум шуданд. Номуайянии торик ҳаёти онҳоро фаро гирифт, ва Одам маҷбур шуд, ки ба холигоҳ давида равад. Аз он давра инҷониб Одам бо ин ҳолати номуайянӣ зиндагӣ мекунад. Аммо умед ҳаст. Вақте ки Одам гуноҳ кард, Худо ба вай, гуфтан мумкин, тасвиреро хотиррасон кард, ки рӯзе ба офаридаи Худ бармегардонад. Гап дар бораи шанбе меравад. Калимаи *шанбе* маънои оромиро дорад. Рӯзи ҳафтум ба одам ҳамчун рӯзи шанбе дода шуда буд. Талабот ба рӯзи шанбе, чуноне ки ба худ тасаввур карда метавонед, ҳеҷ кор накардан буд, кор бо арақи ҷабин иҷозат дода намешуд. Дар ин рӯз одам корҳои худро бояд мавқуф мегузошт, бо оилаи худ истироҳат карда, мебоист Худоро парастиш намояд. Ҳама чизҳои барои шанбе зарур пешакӣ бояд омода карда мешуд. Ҳатто хӯрок барои рӯзи шанбе мебоист як рӯз пеш тайёр карда шавад. Шанбе рӯзи оромӣ буд, ки тамоми эҳтиёҷоташ бо майдатарин ҷузъиётҳо таъмин карда мешуд. Одам таваққуф карда, ғайр аз таъминот, дар бораи чизи дигар фикр

карда метавонист.

Шанбе танҳо як рӯзе буд. Аммо аз он вақт инҷониб одам ҳаёти орому осоиштаи бардавомро орзу мекунад. Кӯшиши одам ба сарват – ин нишонаи хоҳиши ӯ барои озод шудан аз меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин, ки ӯро тамоми умр асир кардааст. Сарват моро бо имкони гурехтан ба ҷои оромӣ ҷалб мекунад, – ба ҷое, ки дар он ба он тамаркуз карда метавонем, ки самимона ба шуғли писандидаи худ машғул шавем, бо ҳаёти фаровон зиндагӣ кунем, на барои зиндамонӣ мубориза барем.

Имрӯз шаббат, рӯзи ҳафтум, новобаста аз он ки кай он ҷашн гирифта мешавад, дар рӯзи шанбе ё якшанбе, дар фарҳанги мо эҳтироми зиёд надорад. Бале, аксарияти одамоне, ки ба калисо мераванд, дар ибодатҳои субҳи якшанбе иштирок мекунанд. Бо вуҷуди ин, умуман ба фарҳанг нигоҳ карда, шумо ин рӯзро аз дигар рӯзҳо фарқ намекунед. Дар давраи бачагии ман рӯзи якшанбе ҳама ҷо пӯшида мешуд. Ба мағоза рафтан номумкин буд. Бензин харидан ғайриимкон буд. Падари ман пешакӣ бегоҳии рӯзи шанбе барои мошинаш бензин мехарид, то ки рӯзи якшанбе бо баки холӣ намонад. Агар шумо дар бораи ман маълумоти кофӣ дошта бошед, медонед, ки ман ба шикор рафтанро дӯст медорам, аммо дар рӯзи якшанбе ман шикор карда наметавонистам, ин ғайриқонунӣ ҳисоб мешуд. Дар рӯзи якшанбе мо либоси беҳтарин пӯшида, тамоми аъзои оила барои хӯроки нисфирӯзӣ ба гирди дастархон ҷамъ мешудем. Гарчанде манзараи ҳақиқии шаббат мисли пештара боқӣ монда бошад ҳам, имрӯз, албатта, ҳама чиз тағйир ёфтааст.

Ҳар қадаре ки мо барои шанбе хуб тайёр шавем, чи қадаре ки хӯроки нисфирӯзӣ хӯшмаза бошад ҳам, баъд аз он рӯзи душанбе фаро мерасид. Аз рӯзе, ки худро мешиносам, ибораи “душанбе рӯзи вазнин аст” синоними калимаи “даҳшат” буд. “Ман бояд ба кор равам” ва “ба ақиб ба назди қайроқсанг” – мо бо ин ибораҳо субҳи рӯзи душанберо тавсиф мекардем. Агар таваққуф карда, оиди онҳо

андеша кунӣ, қариб ҳамчун ғуломӣ садо медоданд. Аммо ҷалол ба Худо, имрӯз ҷумъа аст! Ҳатто ҳоло аксари одамон дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзи шанбе ба ҳар ҳол каме нафаси озод мекашанд. Аммо онҳо зуд мегузаранд, ва дар рӯзи душанбе моро боз дар роҳҳо дармонданиҳо интизоранд.

**ЧӢ ҚАДАР ХУБ МЕБУД, АГАР ОЗОД АЗ ТАРС, БО ТАЪМИНОТИ ПУРРА, БО РИСОЛАТИ КОМИЛ ВА ДАР ҶОИ ОРОМӢ ЗИНДАГӢ КАРДАН МУМКИН МЕБУД!**

Вале оё усуле ҳаст, ки дар шаббати доимӣ зиндагӣ кунӣ? Чӣ қадар хуб мебуд, агар озод аз тарс, бо таъминоти пурра,бо рисолати комил ва дар ҷои оромӣ зиндагӣ кардан мумкин мебуд! Ман ва Дренда, то даме ки ба ҳама дастрас будани оромии шанберо фаҳмидем, нӯҳ соли тӯлонӣ дар азобҳо, бемориҳо ва афсурдагиҳо зиндагӣ кардем. Ман ҷиддӣ сухан меронам!

> *Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад. Зеро, касе ки ба оромии Ӯ дохил шудааст, худаш низ аз корҳои худ ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ. Пас, саъю кӯшиш намоем, ки ба он оромӣ дохил шавем, мабодо касе гирифтори он беитоатии ибратомез шуда, фурӯ ғалтад.*
>
> – Ибриён 4:9-11

Дӯстам, ин Аҳди Ҷадид аст. Оромии шанбе имрӯз барои халқи Худо дастрас аст. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки мо ба оромии Худо дохил шуда метавонем ва аз корҳои худ ором мегирем. Дар ёд доред, ки мо ҳозиракак донистем: оромии Худо мегӯяд, ки ҳама чиз иҷро шудааст, ва ба мо таъминот дастрас аст. Озодӣ аз тафаккури зиндамонӣ, озодӣ аз қафаси фақр ва озодӣ аз беморию заъф вуҷуд дорад. Вариантҳои нав мавҷуд ҳастанд! Шанбе на танҳо дар Аҳди Қадим буд, он барои мо имрӯз низ вуҷуд дорад. Аммо дарҳол огоҳ мекунам, сухан дар бораи он намеравад, ки мо бояд ба қонуну

қоидаҳои Аҳди Қадим баргардем. Баръакс, ман ин оромии шанберо, ки дар Нома ба Ибриён гуфта шудааст, таҳқиқ кардан мехоҳам. Зеро, чуноне ки ман ва Дренда мушоҳида кардем, дар ин ҷо барои амали Подшоҳии Худо ва таъминот, ки аз ҷониби Худо барои ҳаёти мо таъин шудааст, калиди муҳиме ниҳон аст.

## ЧИЗИ ҲАЙРАТОВАР: ШАНБЕ – АКНУН РӮЗ НЕ!

Ман умедворам, ки ин изҳорот диққати шумо ҷалб кард. Дар Бадани Масеҳ баҳсҳои зиёде вуҷуд дорад, ки кай рӯзи шанберо ҷашн гирифтан лозим аст: шанбе, якшанбе ё аз ғуруби офтоб дар рӯзи ҷумъа сар карда ва дар ғуруби офтоб шоми шанбе ба охир расонем. Дар атрофи тафсири шанбе равияҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Пеш аз он ки шумо маро бидъаткор пиндошта, бо нафрат ин китобро як сӯ партоед, хоҳиш мекунам, ки каме сабр карда, як порчаро аз Китоби Муқаддас хонед.

> *Пас, бигзор касе шуморо барои хӯрок ва нӯшокӣ, ё дар масъалаи ид, ё навмоҳ, ё шанбе маҳкум накунад: инҳо сояи чизҳои оянда аст, аммо ҷисм аз они Масеҳ аст.*
>
> – Қӯлассиён 2:16, 17

Лутфан, ба суханони Павлус сахт диққат диҳед. Шанбе танҳо сояи чизҳое аст, ки бояд меомаданд, аммо воқеият дар Масеҳ аст. Шанбе соя буд, он воқеият набуд. Агар Масеҳ воқеият бошад, он гоҳ шанбе сояи Кӣ будани Ӯ ва чӣ кор кардани Ӯ буд. Иҷозат диҳед, ки инро чунин баён кунам: дар рӯзи шанбе қудрат нест, ки системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабинро, ки Одам ба замин овардааст, нобуд кунад ё тағйир диҳад. Агар шумо онро худ аз худ муқаддас донед, он қудрат надорад, ки шуморо озод кунад. Аммо ин соя, тасвири он чизе аст, ки дар Масеҳ меёбед.

Вақте ки ман дар синфи якум мехондам, муаллима аз мо хоҳиш кард, ки суроби сарҳоямонро аз паҳлӯ тасвир кунем. Ба синф проектор

оварданд ва аз мо хоҳиш карданд, ки дар назди он шинем, дар зери партави он сарҳои мо ба варақи сафед соя меандохтанд. Сипас мо дар атрофи сояи якдигар контур кашида, силуэти якдигарамонро ҳосил кардем ва онҳоро бурида, ба ифтихори Рӯзи модарон ба хона овардем. Соя дар ҳақиқат як тарҳи ба ман монандро инъикос мекард, аммо гарчанде ки дар бораи ман баъзе маълумотро пешкаш мекард, он моҳият, хислат ва шахсияти маро инъикос намекард.

Рӯзи шанбе ба ҳамин монанд аст. Сояи он мегуфт, ки ҳеҷ гуна кор, ҳеҷ гуна меҳнати пурмашаққат бо араҷи ҷабин набояд бошад. Аммо ин фақат соя буд, на тасвири ҳаққонӣ. Аммо он ба Исои Масеҳ, ки воқеан моро аз лаънати шариат ва системаи малъуни заминӣ озод карда, аз нав моро писарону духтарони Худо ва шаҳрвандони Подшоҳии бузурги Худо гардонидааст, ишорат мекард! Боз таъкид мекунам, ки ин тасвири он чизе буд, ки Исо мебоист анҷом диҳад. Ин кори иҷрошудаест, ки ба туфайли он ҳар чизе, ки ба мо лозим аст, баргардонида шуд. Аммо тавре ки дар Нома ба Ибриён гуфта шудааст, мо ба ин оромӣ ба василаи имон дохил мешавем. Дар ёд дошта бошед, имон талаб карда мешавад, то осмон асоси қонунӣ пайдо кунад, ки дар замин салоҳият дошта бошад. Дар салиб Исо хитоб кард: "Иҷро шуд!", вақте ки дар поёни рӯзи шанбе ҳама чиз анҷом дода шуд, Худо айнан ҳамин тавр гуфт.

Ҳоло барои аксари одамон шаббат – рӯзи динӣ. Ин рӯзе аст, ки онҳо онро рӯзи Худо меҳисобанд, рӯзе, ки мо дар он бояд ба калисо равем, барои Ӯ коре бикунем ва дигар маросимҳои диниро иҷро намоем. Исо маҷбур шуда буд, то шогирдони Худро, ки ҳамин гуна ақида доштанд, сарзаниш кунад.

> *Шанбе барои инсон муқаррар шудааст, на инсон барои шанбе.*
>
> – Марқӯс 2:27

Шанбе барои одам офарида шуда буд, на одам барои шанбе. Оё

одамонеро мешиносед, ки агар ба ҷамъомади калисо нараванд, худро айбдор ҳис мекунанд? Айби онҳо дар чист, агар худи онҳо калисо бошанд? Ман намегӯям, ки мо набояд якҷоя барои парастиш ҷамъ шавем, аммо чунин мафкура нишон медиҳад, ки онҳо оиди шанбе нигоҳи нодуруст доранд.

Ман мефаҳмам, ки шумо ҳайрон шудед, вале ба ман иҷозат диҳед, ки ба ин мавзӯъ амиқтар диққат диҳам, ва дар Инҷили Юҳанно ба шарҳи Исо нигоҳ кунам.

> *Чун Исо омад, фаҳмид, ки вай чор рӯз боз дар қабр мебошад. Байт-Ҳинӣ дар наздикии Ерусалим, ба масофаи тақрибан понздаҳ стадия воқеъ буд, ва бисёре аз яҳудиён назди Марто ва Марям омада буданд, то ки барои бародарашон онҳоро тасаллӣ диҳанд. Чун Марто шунид, ки Исо меояд, ба пешвози Ӯ берун рафт; лекин Марям дар хона монд. Марто ба Исо гуфт: «Худовандо! Агар дар ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд. Лекин ҳоло низ медонам, ки ҳар чи аз Худо талаб кунӣ, Худо онро ба Ту хоҳад дод». Исо ба вай гуфт: «Бародари ту эҳё хоҳад шуд». Марто ба Ӯ гуфт: «Медонам, ки дар қиёмат, дар рӯзи вопасин эҳё хоҳад шуд». Исо ба вай гуфт: «Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд».*
>
> – Юҳанно 11:17-27

Исо гуфт, ки Ӯ қиёмат аст, ин ҳамту як рӯз нест. Шанбе сояи он буду ҳаст, ки Исо дар салиб барои мо иҷро кард. Исо шанбеи ҳақиқӣ аст, ва дар Ӯ мо ба Подшоҳии Худо ва ба ҳар чизе, ки дар он аст, роҳ меёбем. Бо ҳамин тариқ, мо истироҳат карда метавонем!

Акнун биёед ба матни аҳдинавиамон аз Нома ба Ибриён бармегардем.

> *Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад. Зеро, касе ки ба оромии Ӯ дохил шудааст, худаш низ аз корҳои*

*худ ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ. Пас, саъю кӯшиш намоем, ки ба он оромӣ дохил шавем, мабодо касе гирифтори он беитоатии ибратомез шуда, фурӯ ғалтад.*

– Ибриён 4:9-11

Сояи шанбе мегӯяд, ки дар рӯзи шанбе ба одам манъ карда мешавад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ ҳар гуна корро иҷро кунад, аммо он фақат каме нишон медиҳад, ки Исо чӣ кор кард, яъне маҳз моро аз системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин барои зиндамонӣ раҳо кард. Бо суханони дигар, он чизе, ки нишон дода шуда буд, дар Масеҳ амалӣ гашт. Дар асл мавъизаи аввалини Исо дар бораи шанбе буд. Дар Китоби Ишаъёи набӣ суханони Ӯ аз мавъизаи аввалинаш, ки дар боби 4-уми Инҷили Луқо гуфта буд, навишта шудаанд.

*Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам.*

– Ишаъё 61:1

Вақте Ӯ гуфт, ки аз қашшоқӣ роҳи халосӣ ҳаст, Ӯ гуфт, ки аз системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин роҳи халосӣ ҳаст. Зеро одамон гаравгони эҳтиёҷоти ғуломонаи ризқу рӯзӣ шуданд, аз ин сабаб онҳо аз оромӣ маҳрум монданд. Аммо шанбе тасвири ягонае набуд, ки Худо ба халқаш додааст, ки ҳама чиз рӯзе барқарор карда хоҳад шуд. Ҳамчунин соли шанбе низ буд!

*Дар соли ҳафтум муоф намо. Масъалаи муоф чунин аст: ҳар қарзхоҳе ки ба ёри худ қарз дода бошад, бояд муоф намояд ва аз ёр ва бародари худ адои қарзро талаб накунад, зеро ки барои Худованд муоф эълон карда шудааст. Аз аҷнабӣ талаб бикун, вале аз он чи, ки бародарат бояд ба ту адо намояд, дасти худро бикаш. Набояд назди ту эҳтиёҷманде бошад,*

*зеро ки Худованд туро дар замине ки Худованд Худои ту ҳамчун мулк барои тасарруф карданат медиҳад, ҳатман баракат хоҳад дод, агар овози Худованд Худои худро бодиққат гӯш карда, саъю кӯшиш намоӣ, ки тамоми ин аҳкомро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, ба амал оварӣ, зеро Худованд Худоят туро, чунон ки ба ту гуфтааст, баракат хоҳад дод; ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт; ва ту бар халқҳои бисёр ҳукмронӣ хоҳӣ кард, вале бар ту ҳукмронӣ нахоҳанд кард.*

– Такрори Шариат 15:1-6

Диққат диҳед, ки онҳо бояд дар ҳар ҳафт сол ҳама қарзҳоро бекор мекарданд. Мо боз мебинем, ки Худо рақами ҳафтро ба кор мебарад, то ки дар ҳар чиз пуррагиро нишон диҳад. Камбудӣ вуҷуд надорад, Ӯ одамро аз ҳар ҷиҳат таъмин намудааст. Бо вуҷуди он агар касе ба хиради Ӯ шубҳа кунад, вақте Ӯ гуфт, ки қарзҳоро бубахшанд, Ӯ илова кард: "Набояд назди ту эҳтиёҷманде бошад, зеро ки Худованд туро дар замине ки Худованд Худои ту ҳамчун мулк барои тасарруф карданат медиҳад, ҳатман баракат хоҳад дод". Дар идома гуфта шудааст, ки дар байни онҳо ҳеҷ кас қарз намегирад, вале ҳама қарз медиҳанд. Мо боз мебинем, ки системаи дардовари меҳнати пурмашаққат бар асари қонуни нави ҳаёт, ки моро аз лаънати гуноҳ ва марг раҳо намудааст, қуввати қонунии худро гум кард.

Ба онҳо на фақат иҷозат дода намешуд, ки рӯзи шанбе ба меҳнати вазнин машғул шаванд, балки ҳатто дар давом як сол ба киштукори замин иҷозат набуд. Аммо ҳамааш бо ин тамом намешуд. Онҳо бояд на танҳо ҳамаи қарзҳоро ба қарздорони худ мебахшиданд, балки киштукор ҳам карда наметавонистанд. Дар ин ҷо гуфтан мумкин аст: "Ман як рӯз бо чизе, ки дар яхдонам ҳаст зиндагӣ карда метавонам, аммо тамоми сол бе кор мондан хеле мушкил аст".

Боз мебинем, ки соя ба мо мегӯяд, ки қарзҳоро бубахшем. Ӯ ба онҳо гуфт, ки ба истифода бурдани қарзҳо мӯҳтоҷ намешаванд, зеро

онҳо он қадар зиёд хоҳанд дошт, ки қарз нахоҳанд гирифт, балки қарз хоҳанд дод. Системаи қарзӣ дар камбудӣ асос ёфтааст, аммо Худо нақша дорад, ки онҳоро пурра таъмин кунад, то ки қарз гирифтан лозим нашавад. Соя ба роҳи наве, ки аз системаи малъуни заминӣ берун аст, ишора карда, мегӯяд: “Ту набояд замини худро кишт кунӣ”. Ҳамин тариқ, мо ҳамаи инро дар Исои Масеҳ дарёфт мекунем.

Аммо диққат кунед, ки бо ин тамом намешавад – ба халқи Худо лозим буд, ки тасвири калонтарини ояндаро бубинад. Он соли юбил ном дорад.

БОБИ 7

# ИН ИМКОННОПАЗИР АСТ!

Чизе, ки шумо ҳоло мехонед, тааҷҷубовар аст. Биёед ба таври дигар мегӯям. Шумо гумон мекунед, ки ин комилан имконнопазир аст. Ман дар бораи соли юбил, дар бораи тасвири бузурге мегӯям, ки Исо дар соҳаи молияи шумо ба амал овардан мехоҳад. Он дар Аҳди Ҷадид баён карда шудааст, гарчанде шумораи ками одамон мефаҳманд ва медонанд, ки чӣ дар он ҷо навишта шудааст. Мо аллакай дар бораи рӯзи шанбе ва соли шанбе гуфтем, ҳар дуи онҳо сояи он аст, ки мо дар Исо чӣ дорем, вале акнун мо ба воқеаи калон – соли юбил наздик мешавем.

Танҳо як номаш ба ид монанд аст, дуруст? Аммо дар соҳаи молия аксари одамон (бо ин ман, мутаассифона, аксари масеҳиёнро низ дар назар дорам) бо муваффақиятҳои калон фахр карда наметавонанд. Чуноне ки аллакай гуфтам, ман дар соҳаи молия аллакай сию шаш сол инҷониб фаъолона кор мекунам. Дар давоми ҳамаи ин солҳо ман соҳиби ширкатҳои зиёд будам ва дар баробари ин бо даҳҳо, агар садҳо набошад, ҳазор одамон оид ба масъалаҳои молиявии онҳо кор мекардам. Барои ҳамин ман ин соҳаро хуб мефаҳмам. Ман ҳамчунин медонам, ки одатан дар пушти мошини зебо ва хонаи

калони хушрӯ чӣ меистад. Одатан, қарзи калон ё афсурдагии сахт. Ман тамоман зид нестам, ки мошини хуб дошта бошед ва дар хонаи хушрӯй зиндагӣ кунед, ҳамту ҳаёт ҳоло қимат аст.

Системаи малъуни заминӣ – ин системаи мубориза барои ҳаёт ва ин система одатан аз ӯҳдаи он намебарояд, ки ба одамон озодӣ диҳад. Бовар кунед, аз байни ҳазорон нафаре, ки ман вохӯрдаам, аксарияти онҳо одамони бад набуданд. Онҳо чи қадаре ки метавонистанд, саъй мекарданд, аммо онҳо дар бораи Подшоҳии Худо ва оиди он, ки ман дар ин китоб чиро арзёбӣ мекунам, намедонистанд. Шумо аллакай медонед, худи ман ва Дренда нӯҳ соли дароз ва вазнин, то даме ки дар бораи оромии шанбе нафаҳмидем, нӯг ба нӯг зиндагӣ мекардем. Пас аз солҳои тӯлонии ин гуна зиндагӣ дарк намекунед, ки ба бӯҳрони беохир таслим шудаед ва онро меъёри зиндагӣ меҳисобед.

Якчанд сол пештар Худо ба ман оиди мафкураи танги ман ҳарф зад ва ба ман нишон дод, ки ман бояд аз юбил, аз ҷашне, ки лаззат намебурдам, лаззат барам. Бале, ман аз қарз халос шудам, бале, ман мӯъҷизаҳои ҳайратоварро дидам, бале, ман қаноатманд ва хушбахт будам. Вале ман орзу карданро бас кардам, ва инро Худо медонист, Ӯ мехост, ки ман боз бедор шавам, то ки ман боз эҷодкорӣ ва орзу карданро давом диҳам. Ман андаке карахт шудам, ман хушбахт шуда бошам ҳам, хушк гардидам.

Чуноне ки ман аллакай гуфтам, ман ширкате доштам, ки ба хизматрасониҳои молиявӣ машғул буд, ва ҳар сол ман аз шарикон ба чорабиние, ки ба ифтихори ҷашнгирии бурдбориҳо ва дастовардҳои солонаи ширкати ӯ доир мегардид, даъватнома мегирифтам. Одатан ба ин ҷамъомад тақрибан дусаду панҷоҳ шарикон ва роҳбарони сатҳи боло ташриф меоварданд. Чорабинӣ ҳамеша дар ҷои зебо баргузор мешуд ва барои ҳамаи иштирокчиён ройгон буд, ва барои баъзе ширкаткунандагон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекарданд, қадрдонӣ намуда, чекҳои имтиёзнок медоданд. Азбаски ман дар калисои калон ба хидмати шубонӣ банд будам, ҳамеша ҳис мекардам, ки ба ман вақт намерасад, то ки бештар меҳнат кунам ва шартҳои заруриро барои расидан ба сатҳи баланди маъруфият иҷро намоям.

Вале дар як соли махсус, вақте ки ман дар чорабинӣ нишаста, медидам, ки даҳ шарики беҳтарин мукофотҳо ва дар ҳаҷми 100 000 доллар чекҳо мегиранд, бо ман чизе рӯй дод. Ман фикр кардам: “Як лаҳза! Ман низ бояд дар саҳна истода, сазовори эътироф шавам. Ман фарзанди Худо ҳастам, Рӯҳулқудс Мушовири ман аст. Ман бояд дар он ҷо истода, ба ҳама дар бораи некии Худо нақл кунам!” Ҳамин тавр, ман ва Дренда ҳамон лаҳза азм кардем, ки дар соли оянда мо дар саҳна хоҳем истод. Чӣ тавр? Мо ҳеҷ тасаввуроте надоштем.

Пайиҳам дар даҳ соли минбаъда ман тақрибан 3-4 миллион доллар барои ин ширкат кор мекардам, аммо барои шомил шудан ба қатори даҳ шарики беҳтарин, 10 миллион кор кардан лозим буд. Ман тасаввуроте надоштам, ки чӣ тавр ба ин сатҳ бирасам, ва ҳатто гумон намекардам, ки бо ҷадвали ман ин кор имконпазир буда метавонад. Ман танҳо мефаҳмидам, ки бо қуввати худ ҳеҷ кор карда наметавонам. Бинобар ин ман ва Дренда дуо кардем, барои худ мақсад гузоштем, тухмии молиявӣ коштем, имонамонро ба кор андохтем ва мавзӯъро пӯшидем.

**ШУМО ДАРК НАМЕКУНЕД, КИ БА БӮҲРОНИ БЕОХИР ТАСЛИМ ШУДАЕД ВА ОНРО МЕЪЁРИ ЗИНДАГӢ МЕҲИСОБЕД.**

Мухтасар карда гӯем, дар рӯзҳои аввали моҳи январи соли навбатӣ Худо ба ман нишон дод, ки чӣ тавр орзуи худро амалӣ карда метавонам. Ӯ равшан ба ман нишон дод, ки чӣ кор кардан лозим аст; ва агар ман тамоми чораҳои заруриро ба амал биёрам, ба мақсад ноил мешавам. Медонед, ҳамон сол танҳо дар як фурӯш 11 миллион доллар кор кардем. Мо то чӣ андоза хурсанд будем, вақте ки дар чорабинии навбатӣ дар саҳна дар байни даҳ шарики беҳтарин истода, дар ҳаҷми 100 000 доллар чек гирифтем. Оё донистан мехоҳед, ки ман худро чӣ қадар олӣ ҳис мекардам? Ман ҷашни бузурге доштам. Мо на танҳо ба мақсад ноил шудем ва мукофот гирифтем, балки, ғайр аз он, даромади мо ҳамон сол то ба садҳо ҳазор доллар афзоиш ёфт. Охир ин иди ҳақиқӣ аст!

Ҳамин тариқ, вақте ки ман дар бораи воқеаҳои Аҳди Қадим – оиди соли юбил гап мезанам, саратонро наҷунбонед ва фикр накунед, ки гӯё ин зиққиовар аст, чунки ин тавр нест. Фаромӯш накунед, беҳтар он аст, ки дар ҳаёт ид бошад, бинобар ин ба воқеаи калонтарине менигарем, ки дар Исроил ҷашн мегирифтанд, ва мефаҳмем, ки чӣ тавр онро ҷашн гирифтан лозим аст.

## СОЛИ ЮБИЛ

*Ва барои худ ҳафт шанбеи солҳоро, яъне ҳафт солро ҳафт маротиба бишумор, ва айёми ин ҳафт шанбеи солҳо барои ту чилу нӯҳ сол хоҳад шуд. Ва дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи даҳуми моҳ, шохи баландовозро бинавоз; дар рӯзи кафорат шохро дар тамоми замини худ бинавозед. Ва соли панҷоҳумро тақдис кунед, ва дар замин барои ҳамаи сокинонаш озодӣ эълон намоед; бигзор ин барои шумо юбил бошад; ва ҳар яке ба мулки худ баргардед, ва ҳар яке ба оилаи худ баргардед. Бигзор ин соли панҷоҳум барои шумо юбил бошад: кишт накунед, ва он чиро, ки худ аз худ рӯида бошад, дарав накунед, ва ангурҳои токеро, ки каллак зада нашудааст, ғунучин нанамоед. Зеро ки ин юбил аст; бигзор он барои шумо муқаддас бошад; аз киштзор ҳосили онро бихӯред. Дар ин соли юбил ҳар яке ба мулки худ баргардед.*

– Ибодат 25:8-13

Акнун, вақте ки ман ба баррасии соли юбил сар мекунам, иҷозат диҳед, то асосе бинихам, ки шумо, эҳтимол, аллакай пайхас кардед. Ҳар як панҷоҳумин сол соли юбил буд, он пас аз чилу нӯҳумин соли шанбе меомад. Шояд шумо аллакай фаҳмидед, ки ҳамаи ин он қадар ҳам осон набуд. Дар давоми соли шанбе ба исроилиён иҷозат дода намешуд, ки киштукор кунанд. Соли навбатӣ низ, ки соли юбил буд, барои киштукор иҷозат дода намешуд. Дар асл, дар Исроил ду сол пайиҳам ҳосил намеғундоштанд, пас аз ин онҳо маҷбур буданд,

ки соли сеюмро интизор шаванд, то даме ки ҳосили онҳо мепухт ва анбори онҳо аз захираҳои маҳсулот пур мешуд. Ҳар гуна одаме, ки хӯроки хуб хӯрдан мехоҳад ва аз фурӯши ғалла фоида ба даст меорад, дар ин кор мушкилии ҷиддиро мебинад. Танҳо тасаввур кунед, вақте ки Мӯсо дар бораи соли юбил хабар дод, эҳтимол, халқ ба шӯр омада буд. Албатта, пайиҳам се сол истироҳат кардан бад нест, аммо касе бояд пардохт кунад. Якум, вақте ки одамон ин амрро шуниданд, ба Мӯсо гуфтанд: “Чӣ тавр ин имконпазир аст?”

> *Ва агар гӯед: “Дар соли ҳафтум чӣ мехӯрем, дар сурате ки кишт намекунем ва ҳосилоти худро намебардорем?” Ман баракати Худро дар соли шашум бар шумо равона хоҳам кард, ва он барои се сол ҳосил хоҳад дод. Ва дар соли ҳаштум кишт хоҳед кард, вале аз ҳосилоти кӯҳна хоҳед хӯрд; то соли нӯҳум, то пухта расидани ҳосили он, ҳосилоти кӯҳнаро хоҳед хӯрд.*
>
> – Ибодат 25:20-22

Ҷавоби аҷоиберо, ки Худо ба онҳо дод, дар тамоми қисми боқимондаи китоб меомӯзем. Ӯ гуфт, ки дар соли шашум ба онҳо он қадар баракат мефиристад, ки то ҳосили оянда, ки пас аз соли юбил онҳо мекоранд ва ҷамъ мекунанд, кифоя хоҳад буд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дар рӯзи шашум Худо офариданро анҷом дод ва ором гирифт. Гарчанде Ӯ ором гирифт, ин маъно надорад, ки Ӯ хаста шуд. Дурусттараш, Ӯ анҷом дод. Ӯ офарид ва ба одам ҳар чизеро, ки эҳтиёҷ дошт, фароҳам овард.

Худо ба Исроил нишон дод, ки “бештар аз андозаи кофӣ” чӣ аст ва тасвири он аз системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин болотар аст. Ӯ мехост, ки онҳо дар Ӯ таъминкунандаи худро бубинанд ва бифаҳманд, ки Ӯ бо қудрати бузург ризқу рӯзӣ медиҳад. Гарчанде ин тасвири таъминоти Худо дар замони онҳо буд, танҳо пас аз омадани Исо мо мебинем, ки он вақт онҳо танҳо сояро дида буданд. Дар олами муқаррарӣ ҳеҷ гуна роҳе нест, ки се сол бе киштукор зиндагӣ кунанд. Ғайр аз ин дар олами табиӣ, ки дар он

одамон дар зери системаи малъуни заминӣ зиндагӣ мекунанд, ғайри кор кардан шабу рӯз бо араќи ҷабин дигар роҳи ба даст овардани маблағ вуҷуд надорад. Роҳи дигар нест. Барои се сол кори худро тарк карда бинед-чи, фикр кунед, ки он гоҳ бо ӯҳдадориҳои сершумори шумо чӣ рӯй медиҳад. Муфлис шудан ногузир аст. Аммо Худо кӯшиш мекунад, ки ба халқ тасвири ҳаёти навро нишон диҳад, ки Ӯ онҳоро таъмин мекунад, чуноне ки ҳангоми офариниш пешакӣ ҳама чизро барои Одам муҳайё карда, вайро таъмин карда буд.

Соли юбил ба мо боз ду махсусиятеро нишон медиҳад, ки мо бояд дарк кунем. Мо боз мебинем, ки дар соли панҷоҳум замин истироҳат мекунад, одамон бо арақи ҷабин кор намекунанд. Ғайр аз ин, шумо мушоҳида кардед, ки тамоми замин ба соҳибони пештараи худ бояд баргардонида мешуд. Вақте ки Исроил аз дарёи Ӯрдун гузашт, ҳар як қабила ва ҳар як авлод ҳиссаи заминеро ба мерос гирифтанд, ки бояд аз худ карда, киштукор мекарданд, то ризқу рӯзӣ ва даромаде гиранд, ки барои зиндагӣ зарур аст. Дар асл, замин боигарии онҳо буд. Дар он ҳосил мерӯёниданд ва чорвои хонагӣ парвариш мекарданд. Аз ин рӯ ба соҳиби пештара баргардонидани замин маънои онро дошт, ки имкони некӯаҳволии худро бармегардонанд.

Боз, ин як сояи он чизест, ки Исо барои мо кард. Соя мегӯяд, ки комёбӣ бояд ба халқи Исроил баргардонида шавад. Воқеияти мо ба мо айни ҳаминро мегӯяд, комёбӣ ба мо баргашт, мероси Подшоҳии Худо низ ба мо тааллуқ дорад.

**ВАҚТЕ МЕФАҲМЕД, КИ ШАНБЕ БА МО ЧИРО НИШОН МЕДИҲАД, ДАР ҲАЁТИ МОЛИЯВИИ ШУМО ТАҒЙИРОТҲОИ АЗИМ РӮЙ МЕДИҲАНД.**

Сеюм, чизе, ки соли юбил ба мо нишон медиҳад, ин аст, ки тамоми ғуломон озодӣ пайдо мекарданд ва ба оилаҳои худ бармегаштанд. Ин воқеаи пураҳамият аст. Соя боз нишон медиҳад, ки одам дигар ғулом намемонад ва писар ё духтар мешавад. Воқеият дар Масеҳ мегӯяд, ки мо дигар ғулом нестем, балки дар хонаи Худо писарон ё духтарон мебошем ва барои мерос ва ободии хона ҳуқуқи комил дорем.

Ҳамин тариқ, дар бораи он фикр кунед, ки худи ҳозир фаҳмидед. Исо он чиро, ки Одам гум карда буд, ба мо баргардонид. Исо моро аз ғуломӣ халос кард, ва моро писарон ва духтарони Худо гардонид. Ӯ моро аз системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин раҳо кард, ва ба Худо имкон дод, ки бо қудрати бузург маҳсули дастони моро баракат диҳад. Аммо, сарфи назар аз он, ки Исо нархи ҳамаи ин неъматҳоро супорид, мо бояд донем, ки чӣ тавр онҳоро дар ин ҷо дар замин ба ҳаёти худ биёрем. Ана дар ҳамин ҷо аксари масеҳиён имкониятро аз даст медиҳанд. Онҳо намедонанд, ки Подшоҳӣ тибқи қонунҳо кор мекунад, ва ҳамчун писарон, духтарон ва шаҳрвандон ҳуқуқҳои худро надониста, чунин меҳисобанд, ки Худо касеро, ки баракат додан мехоҳад, худсарона интихоб мекунад. Аз ин рӯ онҳо қонунҳои Подшоҳиро намеомӯзанд, гарчанде дар онҳо барои ҳаловати ҳақиқӣ ва ба кор бурдани ҳар чизе, ки Китоби Муқаддас мероси онҳо меҳисобад, калиде мавҷуд мебошад. Огоҳ бошед, вақте мефаҳмед, ки шанбе ба мо чиро нишон медиҳад, дар ҳаёти молиявии шумо тағйиротҳои азим рӯй медиҳанд.

Дар калисои ман як ҷавонмард ба шунидани дарсҳои ман оид ба имон ва роҷеъ ба он, ки чӣ тавр Подшоҳии Худо амал мекунад, сар кард. Якҷоя бо ҳамсараш ва фарзандонаш ба омӯзиши ин қонунҳо шурӯъ карданд. Бо наздик шудани соли нав онҳо тасмим гирифтанд, ки ҳуқуқҳои қонунии худро ба кор баранд ва бовар кунанд, ки нархи пурраи ду иншооти ғайриманқулро, ки онҳо барои супоридан ба иҷора соле қабл харида буданд, пардохт мекунанд. Агар дуруст дар ёд дошта бошам, нархи ду иншоот тақрибан 400 000 долларро ташкил медод. Онҳо дуо карданд ва барои ноил шудан ба мақсад дар соли ҷорӣ тухмии бештари молиявӣ коштанд. Ба онҳо лозим буд, ки бештар саъй кунанд, аммо ин ҷавонмард дар соҳае кор мекард, ки имкони ба қадри кофӣ дарёфт кардани мизоҷон ва/ё бастани қарордодҳои калон бо мизоҷоне вуҷуд дошт, ки ин имкониятро ба ӯ таъмин карда метавонистанд. Онҳо тамоми оила якҷоя дуо карданд ва оиди ноил шудан ба мақсад розӣ шуданд. Ҳар ҳафта онҳо якҷоя ҷамъ мешуданд, мақсади худро тафтиш мекарданд ва оятҳои

Китоби Муқаддасро, ки ба онҳо асосҳои қонунӣ медоданд, такрор мекарданд, то ки устувор истода, ҳосилро интизор шаванд. Ин ҷавонмард ҳамчунин медонист, ки ӯ бояд ҳиссаи худро иҷро кунад.

Ҳафтаҳо ва моҳҳо мегузаштанд, ва, албатта, имкони ба даст овардани чанд қарордодҳои калон вуҷуд дошт, аммо бо корпоратсияҳои калон қарордодҳои чандинмиллиондоллари ин қадар зуд баста намешавад. Тақрибан баъди ним сол ин ҷавонмард барои ширкати худ қарордоди хеле калон ёфт, ки 40 фоизи тамоми маҳсулоти ширкати ӯро дар ҳамон сол ташкил мекард. Ӯ ба туфайли комиссияпулие, ки аз қарордод ба даст овард, яке аз иншоотҳои ғайриманқули худро пурра харида гирифт. Дар охири сол боз як корпоратсия изҳор кард, то қарордоди чандинмиллиондолларӣ, ки ба он дӯсти ман пешниҳод карда буд, имзо кунад. Аммо онҳо ҳамеша санаи бастани қарордодро мавқуф мегузоштанд. Аллакай ҳамаи ҳуҷҷатҳо омода карда шуда буданд, вале ногаҳон онҳо санаро ба дигар рӯз кӯчониданд, лозим шуд, ки аз нав ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад, ва онҳо боз санаро дигар карданд. Дертар дар тирамоҳ ба дӯсти ман хабар доданд, ки дастаи идоракунанда, ки бо вай кор мекард, иваз шуд, ва акнун дастаи нав ба кор шурӯъ карда, ҳамкориро давом медиҳад.

Дӯсти ман ғамгин шуд, ӯ медонист, ки ин чӣ маъно дорад. Дастаи нави идоракунандагон бо қарордоди мавҷуда, ки акнун қуввати худро гум мекард, шинос набуд. Вақте ки ӯ бо дастаи нави идоракунанда вохӯрд, зоҳиран, онҳо ба пешниҳодҳои ширкати ӯ мароқ зоҳир карданд. Дар моҳи ноябр онҳо бори дигар ҳамаи ҷузъиётҳоро санҷида бромаданд ва гуфтанд, ки қарордод бастан мехоҳанд. Аммо тартиб додан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо боз ба таъхир меафтод. Вақте ки ниҳоят то соли нав ду рӯз боқӣ монда буд, ба дӯсти ман занг заданд ва гуфтанд, ки бо ӯ вохӯрда, ҳуҷҷатҳоро имзо кардан мехоҳанд, онҳо ҳамчунин илова карданд, ки агар ӯ ҳамон рӯз вохӯрдан хоҳад, тамоми маблағ бо пули нақд пардохт карда мешавад. Барои ин муомила миқдори комиссияпулие, ки дӯсти ман гирифт, барои ноил шудан ба мақсаде, ки бо имон оилаи

ӯ гузошт, кифоят кард, ва ҳамон сол барои ҳар ду хона пардохт кард.

Танҳо ба туфайли он, ки ӯ принсипҳои Подшоҳиро омӯхт, дар бораи чунин мақсади пурҳашамат орзую андеша карданро ба худ раво дид, зеро ҳеҷ гоҳ қаблан ба ӯ муяссар нашуда буд, ки бо чунин мизоҷи калон кор кунад ва ин қадар маблағи бисёр ба даст орад, бинобар ин ҳеҷ чиз ишора ба он намекард, ки ин мақсад амалишаванда аст. Онҳо гуфтанд, ки ба ифтихори ин ғалаба ҷашни бузурге оростанд!

Қиссаи дигар аз категорияи "ин дар ҳақиқат рӯй додааст" бо писари калонии ман ба вуқӯъ пайваст. Албатта, ҳамаи фарзандони ман дар тамоми ҳаёти худ мебинанд, ки Подшоҳӣ чӣ тавр кор мекунад. Ҳамаи онҳо принсипҳоеро, ки ман баён мекунам, истифода мебаранд, ва мебинанд, ки Худо мӯъҷизаҳои аҷоиб содир мекунад. Сарфи назар аз он ки онҳо ҳанӯз сӣ сола ҳам нестанд, онҳо мошинҳои худро доранд, ки бе қарз харидаанд, ва қариб ҳамаи онҳо дар хонаҳои худ зиндагӣ мекунанд, баъзеашон қарзҳои хонаро пурра пардохт кардаанд, дар баъзеи дигарашон қарзи хеле кам боқӣ мондааст. Писари калонии ман Тим хост ки бе қарз хона бихарад. Ӯ бо имон тухмӣ кишт кард, ки Худо ба вай бо нархи дилхоҳаш хонаи хуб медиҳад. Ғайр аз ин ӯ кори сохтмонро хуб мефаҳмад, аз ин рӯ аз харидани хонае, ки таъмирталаб буд, натарсид.

Дар ҷустуҷӯи хонаи мувофиқ ӯ вариантҳои зиёдро дида баромад, аммо мувофиқашро наёфт. Боре ӯ мошинсавор мерафт ва дар роҳ хонаеро дид, ки ба фурӯш гузошта шуда буд ва ӯ онро пеш аз ин надида буд. Ин хона ҳамчун гарав фурӯхта мешуд, хона ба таъмир эҳтиёҷ дошт, аммо дар умум ҳолаташ хуб буд. Ӯ ба агенти ғайриманқул занг зад ва нархи хонаро пурсид. Вақте ки вай нархи хонаро гуфт, писарам ба суханони шунавидаи худ бовар намекард - 37 000 доллар. Ӯ намефаҳмид, ки ин чӣ тавр имконпазир аст.

Агент дар бораи хона маълумот ҷамъ кард ва қиссаи аҷоиберо нақл намуд. Хона дар ҳақиқат моликияти ба гарав гузошташуда буд, ва тақрибан ним сол қабл он бо нархи 110 000 доллар ба фурӯш гузошта шуда буд. Ин нархи гарав буд, вале худи ҳамин хона, якчанд

сол пештар бо нархи 160 000 доллар фурӯхта шуда буд. Маълум буд, ки шаш моҳи охир, аз рӯзе, ки ба фурӯш гузошта шуда буд, ҳеҷ кас ба хона мароқ зоҳир накард. Он гоҳ бонк тадриҷан, сабаби онро, ки чаро хона диққати харидоронро ба худ ҷалб накард, надониста, нархро поён кардан гирифт. Аммо вақте ки Тим ва агенти вай оид ба моликияти ғайриманқул каме чуқуртар кофтанд, онҳо сабабашро фаҳмиданд. Дар эълони фурӯши ин хона суроғаи тамоман дигар, ҳатто дигар шаҳр, ишора шуда буд, ва рақами телефон барои маълумот низ нодуруст ишора шуда буд. Он дар кӯчаи на он қадар калони канори шаҳр, дар ҷои сарбаста, ки ҳаракати нақлиёт набуд, сохта шуда буд. То даме ки Тим хонаро пайхас накард, нархаш арзон шудан мегирифт. Аҷоиб. Ман ба вай гуфтам, ки ин хона махсус барои вай пинҳон карда шуда буд! Ӯ онро таъмир карда, чизеро илова намуд ва бо нархи 160 000 доллар фурӯхт.

Духтарам Эми дар калисои “Ҳаёт дар имон” парастишро мебарад. Вақте ки оилаи вай аз чор нафар то панҷ нафар зиёд шуд, ӯ бо шавҳараш Ҷейсон азм карданд, ки ба онҳо хонаи калонтар лозим аст. Тобистони соли 2017 нархҳо дар ин ҷо дар Оҳайо осмонӣ буданд ва хонаҳое, ки ба фурӯш гузошта мешуданд, одатан дар давоми як ҳафта ба фурӯш мерафтанд. Онҳо умед доштанд, ки бо нархи 250-300 ҳазор доллар хонаи васеъ бо 2-4 гектар қитъаи замин пайдо кунанд, ғайр аз ин онҳо мехостанд, ки дар қитъаи замин чашмаи об бошад, аммо чунин пешниҳодҳо вуҷуд надоштанд. Тобистони ҳамон сол фермаҳо бо 40 садяк замин дар ҳамон ноҳия бо нархи болотар аз 200 000 доллар фурӯхта мешуданд. Онҳо аллакай хонаҳои зиёдро дида баромаданд, вале тасмим гирифтанд, ки таваққуф карда, дуо гӯянд. Барои ин кор тухмӣ кишт карда, онҳо ба Худованд гуфтанд: “Мо ба ин ҷустуҷӯҳо вақти хеле зиёд сарф карда истодаем. Ту медонӣ, ки хонаи мо дар куҷост, ва мо аз Ту илтимос мекунем, ки онро ба мо дар вақти лозимӣ нишон диҳӣ. Мо дигар хонаро дар Интернет ҷустуҷӯ ва бо агент муҳокима намекунем!”

Рӯзе бегоҳӣ воқеаи аҷиб рӯй дод. Вақте ки онҳо ба назди хонаи худ омаданд, духтари чорсолаи онҳо гуфт:

– Модар, фурсати кӯчидан фаро расид.

– Ту чиро дар назар дорӣ? – пурсид Эми.

– Фурсати ба хонаи нав кӯчидан фаро расид, ки дар он то ҳуҷраи ман зинапояи хушрӯ хоҳад буд, – гуфт духтарчаи вай.

– Кадом хона? Ту хоб дидӣ? – пурсид Эми.

Духтарчаи вай бо тасдиқ ҷавоб гардонд. Ҳамон бегоҳӣ, вақте ки онҳо фарзандонро хобониданд, Эми ин гуфтугӯро фаромӯш карда натавонист ва ба Ҷейсон гуфт, ки ба Интернет нигоҳ кунад.

Онҳо дар ҳақиқат хонаи ба гарав гузошташударо диданд, ки навакак ба фурӯш гузошта шуда буд. Ин бинои дуқабата бо майдони 4 гектар замин, бо кӯле дар назди хона буд. Аммо нархи он аз 300 000 долларе, ки барояш кишт карда буданд, 26 000 доллар қиматтар буд. Онҳо тасмим гирифтанд, ки ҳамеша поёнтар кардани нархро талаб кардан мумкин аст, аз ин рӯ ба агенти худ оид ба моликияти ғайриманқул занг заданд. Агенти онҳо рӯзи дигар ба Флорида парвоз карданӣ буд, аммо розӣ шуд, ки хонаро ба онҳо соати нӯҳи субҳ нишон диҳад.

Агент ба вохӯрӣ дер мекард, онҳо ӯро дар назди хона, ки аз берун олӣ менамуд, интизор буданд. Ин бинои хеле серфарох дар қитъаи 4 гектар замин ва бо кӯле дар наздаш буд, ҳамааш олӣ ба назар мерасид. Ғайр аз ин, хона дар иҳотаи бешазор ҷойгир шуда буд, намудаш дилпазир буд. Вақте ки онҳо ба хона ворид шуданд, духтарчаи онҳо, вақте ки зинапояи калонро, ки рост ба хонаи ӯ мебурд, дид, аз шодӣ нидо баровард. Хуллас, Ҷейсон ва Эми гуфтанд, ки онҳо ба бастани шартнома тайёранд. Вақте ки агент тамоми ҷузъиётҳоро тафтиш кард, маълум шуд, ки шартномаро на дертар аз соати бисти ҳамон рӯз имзо кардан зарур аст. Аз як соат камтар вақт боқӣ монда буд! Агар духтарчаи чорсолаи онҳо хоби худро намегуфт, агар онҳо ҳамон бегоҳӣ онро аз Интернет пайдо намекарданд, аз ин хона бенасиб мемонданд.

Онҳо нархеро, ки бонк металабид, пешниҳод карданд, ва розигӣ гирифтанд. Чӣ қадар онҳо хурсанд шуданд. Ҳангоми тафтиши хона

маълум шуд, ки ҳолати бомаш он қадар хуб нест, ва тақрибан пас аз панҷ сол бояд пурра иваз карда шавад. Дар Ҷейсон фикре пайдо шуд. Ӯ аз ҳамин сабаб аз бонк хост, ки нархро поёнтар кунад. Агент маслиҳат дод, ки ҳатто кӯшиш ҳам накунанд, чунки хона бе савдо ба фурӯш гузошта шуда буд, ва ӯ ҳеҷ гоҳ пештар надида буд, ки бонк нархро поёнтар карда бошад. Пайхас кунед, ки чӣ рӯй дод. Бонк хонаро ба онҳо ба нархи 296 000 доллар фурӯхт, ин аз 300 000 доллар, ки боварӣ доштанд, камтар буд. Худо ба онҳо маҳз ҳамон гуна хонаеро дод, ки онҳо аз Ӯ талаб карда буданд. Вақте ки онҳо аз нархгузор пурсиданд, ки хона чанд пул меистад, ӯ ҷавоб дод: “500 000 доллар”. Дӯстам, ин ҳиссаи дучанд аст.

Чуноне ки мебинед, ҳамаи фарзандони ман тибқи қонунҳои Худо аз зиндагӣ лаззат мебаранд. Имсол писари хурдии ман Кристен дар бист соли худ ба хонаи аввалин худ пули нақд пардохт кард. Чӣ тавр? Ҳамаи онҳо медонанд, ки чӣ тавр аз рӯи қоидаҳои Подшоҳӣ амал кардан мумкин аст!

БОБИ 8

# ҲИССАИ ДУЧАНД

Ҳоло ба соҳаи он, ки оромии шанбе чӣ тавр кор мекунад ва чӣ тавр дар ҳаёти худ ба он ворид шудан мумкин аст, амиқтар машғул шудан мехоҳам. Ман ба ҳикояи мо оид ба соли юбил баргашта, матни ба он дахлдорро дида баромадан мехоҳам. Дар он мо суханонеро пайдо мекунем, ки Худо ба одамон дар ҷавоб ба саволи он, ки чӣ тавр онҳо, дар давоми се сол ҳосил нағундошта, зиндагӣ хоҳанд кард, муроҷиат карда буд. Саволи хуб!

> *Ва агар гӯед: "Дар соли ҳафтум чӣ мехӯрем, дар сурате ки кишт намекунем ва ҳосилоти худро намебардорем?", — Ман баракати Худро дар соли шашум бар шумо равона хоҳам кард, ва он барои се сол ҳосил хоҳад дод. Ва дар соли ҳаштум кишт хоҳед кард, вале аз ҳосилоти кӯҳна хоҳед хӯрд; то соли нӯҳум, то пухта расидани ҳосили он, ҳосилоти кӯҳнаро хоҳед хӯрд.*
>
> – Ибодат 25:20-22

Аз ин матн мо мебинем, ки дар соли юбил, ва дар соли шанбе ба туфайли ҳосили соли шашум, дар ҳолати мазкур соли чилу ҳаштум (аз юбили охирин), зиндагӣ кардан мумкин буд. Бе ин ҳосили зиёд оромии шанбе ғайриимкон буд. Биёед боз як порчаро, ки, ба

назарам, тасвирро хубтар шарҳ медиҳад, дида мебароем.

> *Ва онро ҳар субҳ, ҳар яке ба андозаи хӯрдани худ, мечиданд; ва ҳамин ки офтоб гарм мекард, вай об мешуд. Ва чунин воқеъ шуд, ки дар рӯзи шашум дучандон нон чиданд, яъне ду ӯмар барои ҳар одам; ва ҳамаи сардорони ҷамоат омада, ба Мусо хабар доданд. Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Ин аст он чи Худованд гуфтааст: фардо оромӣ, шанбеи муқаддаси Худованд аст, он чи пухтан хоҳед — бипазед, ва он чи ҷӯшонидан хоҳед — биҷӯшонед, ва ҳар он чи зиёдатӣ кунад, барои худ саришта карда то субҳ нигоҳ доред». Ва онро то субҳ нигоҳ доштанд, чунон ки Мусо амр фармуда буд; ва он бӯй нагирифт, ва кирм ҳам дар он пайдо нашуд. Ва Мусо гуфт: «Имрӯз онро бихӯред, зеро ки имрӯз шанбеи Худованд аст; имрӯз онро дар саҳро нахоҳед ёфт. Шаш рӯз онро бичинед, ва рӯзи ҳафтум шанбест; он дар ин рӯз нахоҳад буд». Ва чунин воқеъ шуд, ки баъзе аз қавм барои чидан баромаданд, вале наёфтанд. Ва Худованд ба Мусо гуфт: «То ба кай аз риоя кардани аҳком ва дастуроти Ман гардан мекашед?* ***Бубинед, ки Худованд шанберо ба шумо бахшидааст, бинобар ин Ӯ дар рӯзи шашум нони дурӯзаро ба шумо медиҳад;*** *пас, ҳар яке дар ҷои худ биншинед, ҳеҷ кас дар рӯзи ҳафтум аз маконаш берун наравад!» Ва қавм дар рӯзи ҳафтум ором гирифтанд.*
>
> – Хуруҷ 16:21-30

Дар ин порча дар ҳақиқат сухан дар бораи манн меравад, ки барои хӯрдани одамон аз осмон мерехт, аммо гуфта шудааст, ки дар рӯзи ҳафтум, рӯзи оромӣ, он намерезад. Манн танҳо як рӯз нигоҳ дошта мешуд, баъд зуд бӯй мегирифт. Танҳо дар рӯзи шашум онро ҷамъ кардан ва як шабонарӯз нигоҳ доштан мумкин буд, чунки он вайрон намешуд. Дар Китоби Такрори Шариат тавзеҳи аҷибе дода шудааст, ки чаро манн танҳо як рӯз нигоҳ дошта мешуд, ва сипас хеле зуд вайрон мегардид.

> *Ва туро дар биёбон манн хӯронид, — ки падаронат онро намедонистанд, — то ки туро азият дода, биозмояд, ва оқибат бар ту марҳамат намояд.*
>
> – Такрори Шариат 8:16

Худо ба халқи Худ ёд медод, ки ҳар рӯз ба Ӯ таваккал кунанд ва аз Ӯ ғизо, аз ҷумла ҳар чизи барои ҳаёт лозимаро интизор шаванд. Худо медонист, ки халқи Ӯ ба ҷое равона аст, ки дар он ҷо барои онҳо на танҳо хӯрок лозим аст, балки онҳо бо деворҳои баланд ва азимҷуссаҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Эътимоди қавӣ ба Худо дар он вазъият ба масъалаи ҳаёту мамот табдил меёбад.

Биёед ба Китоби Хуруҷ бармегардем. Дар ин ҷо мо равшан мебинем, ки оромии шанбе танҳо ба туфайли ҳиссаи дучанд, ки онҳо рӯзи шашум ҷамъ мекарданд, имконпазир мегашт.

> *Бубинед, ки Худованд шанберо ба шумо бахшидааст, бинобар ин Ӯ дар рӯзи шашум нони дурӯзаро ба шумо медиҳад; пас, ҳар яке дар ҷои худ биншинед, ҳеҷ кас дар рӯзи ҳафтум аз маконаш берун наравад!*
>
> – Хуруҷ 16:29

Мебинед? Оромии шанбе танҳо ба туфайли ҳиссаи дучанд имконпазир буд. Ин он қадар фикри муҳим аст, ки аз шумо хоҳиш мекунам, ки онро навишта гиред.

## ОРОМИИ ШАНБЕ ТАНҲО БА ТУФАЙЛИ ҲИССАИ ДУЧАНД ИМКОНПАЗИР АСТ!

Ба ман иҷозат диҳед, ки инро ба таври дигар фаҳмонам. Агар шумо аз андозаи кофӣ зиёдтар надошта бошед, шумо дар системаи малъуни заминӣ аз такопӯй ва меҳнати пурмашаққат осуда буда наметавонед. Ман ва Дренда дар ҳар ҷо ба одамон мегӯем: “То масъалаи пулро ҳал накунед, рисолати худро фаҳмида наметавонед!” Чунки аз андозаи кофӣ бештар надошта, шумо аз ҳар гуна вариант маҳрум мемонед ва

ғуломе мешавед, ки тамоми умр барои зиндамонӣ мубориза мебарад. Дар ёд дошта бошед, ки ман дар боби гузашта дар бораи афзалиятҳои баракати Иброҳим дар Китоби Такрори Шариат (28:11-13) навишта будам. Дар он ҷо мо равшан дидем, ки дар режими зиндамонӣ зистан – ин тақдири шумо не! Агар шумо фаромӯш карда бошед, биёед бори дигар мехонем.

> *Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва дар самараи чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид. Худованд барои ту ганҷинаи некӯи Худ, яъне осмонро воз хоҳад кард, то ки борони замини туро дар сари вақт биборонад ва ба ҳар шуғли дасти ту баракат диҳад, ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт. Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст, — агар ту ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онҳоро риоя намуда, ба ҷо оварӣ.*
>
> – Такрори Шариат 28:11-13

Қашшоқӣ, мубориза барои зиндамонӣ ва муфлисшавӣ – тақдири шумо не. Шумо шахсе бояд бошед, ки ба дигарон қарз диҳед, ва худатон қарз нагиред, шумо бояд сар бошед, на дум! Фаровонӣ – ин хусусияти Подшоҳии Худо. Ин оромии шанбе аст, бештар аз андозаи кофӣ, ҳиссаи дучанд!

Ман медонам, ки шумо чӣ фикр доред. “Худоё, Гэри, ин чӣ қадар олиҷаноб мебуд, аммо ҳоло ҳаёти ман аз ин тасвир хеле дур аст”. Ҳеҷ гап не, мо ба ақиб нигоҳ намекунем, мо ба он чизе, ки Худо мегӯяд, нигоҳ мекунем, ва иҷро шудани он чиро, ки Подшоҳии Худо дар бораи мо мегӯяд, интизор мешавем. Бидуни тасвири мувофиқ ва бе донистани он, ки ҳаёт чӣ гуна бояд бошад, мо осон фирефта мешавем ва ба доми мафкураи вайрони системаи малъуни заминӣ меафтем. Имон дар ризоият бо Каломи Худо боқӣ мемонад, на бо вазъиятҳои мо.

**ИМОН ДАР РИЗОИЯТ БО КАЛОМИ ХУДО БОҚӢ МЕМОНАД, НА БО ВАЗЪИЯТҲОИ МО.**

Пеш аз нақл кардани он, ки чӣ тавр Худо ману Дрендаро оиди гирифтани ҳиссаи дучанд таълим дод, ба шумо як воқеаро дар бораи ҳиссаи дучанд, ки, ба назарам, дар Аҳди Ҷадид аз ҳама қиссаи бузургтарин аст, нақл кардан мехоҳам.

Шумо онро маротибаҳои зиёд шунидаед, вале шояд ҳеҷ гоҳ онро дар доираи ҳиссаи дучанд ё дар партави Подшоҳӣ, яъне фаҳмише, ки акнун дар шумо пайдо шудааст, баррасӣ накардаед. Ин ҳикоя аз боби 15-уми Инҷили Луқо – масал дар бораи писари ноқобил. Лутфан, ҳоло тамоми диққату эътибори худро ба он равона кунед. Ман медонам, ки шумо пештар онро хондаед, аммо биёед якҷоя бори дигар бо нигоҳи тоза онро дида мебароем.

*Боз гуфт: «Шахсе ду писар дошт; ва хурдии онҳо ба падар гуфт: "Эй падар! Он қисми молу мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ". Ва падар дороии худро ба онҳо тақсим кард. Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чи дошт, ҷамъ карда, ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо дороии худро дар айшу нӯш исроф намуд. Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй дод, ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд; ва рафта, хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай ӯро ба саҳрои худ фиристод, то ки хукбонӣ кунад; ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе, ки хукон мехӯрданд, пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод. Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: "Чӣ қадаре аз муздурони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам, маро чун яке аз муздуронат қабул кун". Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд. Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд, ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад; ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид. Ва писар ба вай гуфт: "Эй падар! Ман пеши*

*осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам”. Аммо падар ба ғуломони худ гуфт: “Либоси беҳтарине оварда, ба ӯ бипӯшонед, ва ангуштарин ба дасташ ва мӯза ба пойҳояш бидиҳед; ва гӯсолаи охуриро оварда, сар буред: бихӯрем ва димоғчоқӣ кунем, зеро ки ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд”. Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд. Лекин писари калонии вай дар саҳро буд; ва ҳангоме ки баргашта, ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид; ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада, пурсид, ки ин чӣ маъно дорад? Вай ба ӯ гуфт: “Бародарат омад, ва падарат гӯсолаи охуриро сар бурид, чунки ӯро сиҳат саломат дид”. Ӯ ба хашм омада, нахост ба хона дарояд. Ва падараш баромада, ӯро ҷеғ зад. Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: “Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ димоғчоқӣ кунам; ва чун ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст, гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ”. Ба ӯ гуфт: “Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман дорам, аз они туст; аммо ба он мебоист шодӣ ва димоғчоқӣ мекардем, ки ин бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд!”».*

– Луқо 15:11-32

Дар ин ҳикоя мо мебинем, ки писари хурдӣ бо ҳиссаи молу мулки худ аз хона меравад. Ин ҷузъи муҳими ҳикоя аст, зеро он ба ҳиссаи ӯ, ки аз падар мерос гирифта буд, дахл дорад. Бинобар ин дар ёд дошта бошед, ки писари хурдӣ аллакай ҳиссаи мероси худро гирифта, дигар ӯ ба дороӣ даъво карда наметавонад.

*«Ва хурдии онҳо ба падар гуфт: “Эй падар! Он қисми молу мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ”. Ва падар дороии худро ба онҳо тақсим кард».*

Дар идомаи ин қисса мо мефаҳмем, ки писари хурдӣ ба куҷо равона шуд: ба кишвари дур. Фаҳмидан зарур аст, ки писари хурдӣ хонаи падари худро тарк карда, якҷоя бо он таъминот, бехатарӣ ва қонунҳои он кишварро тарк кард. Ӯ ба кишвари дуре рафт, ки қонунҳои дигар ва тарзи зиндагии дигар дошт. Ман боварӣ дорам, ки писари хурдӣ ҳатто дарк ҳам намекард, ки вай чӣ кор мекунад. Вақте ки ӯ дар хонаи падар зиндагӣ мекард, ҳама гуна имтиёзҳои писариро дошт, ва ҳар чизеро, ки падар дошт, бемалол гирифта метавонист. Аммо бо кадом-як сабабе ҳис кард, ки ба вай чизе намерасад ва дар ким-кадом ҷои дигар ӯ имкониятеро, ки аз вай пинҳон медоранд, пайдо карда метавонад.

Агар ҳанӯз шумо инро нафаҳмидед, дар асл Исо ба мо саргузашти инсониятро, қиссаи Одамро, нақл мекунад. Одам дар ин қисса – писари хурдӣ, ки хонаи падари худро тарк кардааст. Ӯ ҳис кард, ки агар хидмати Худоро, хидмати Падарро, тарк кунад, дар ҷои дигарояндаи беҳтар ёфта метавонад. Шумо эҳтимол фикр кардед: “Агар Одам – писари хурдӣ бошад, пас писари калонӣ, ки дар хонаи падар монд, кӣ аст?” Ман ба ин савол баъдтар дар охири мусоҳиба ҷавоб медиҳам, танҳо дар ёд дошта бошед, ки Одам – писари хурдӣ, ки аз хона рафта буд.

Гарчанде Одам ва Ҳавво соҳиби ҳама чиз буданд, онҳо фирефта шуданд, ки агар хонаи Падарро тарк кунанд, дар ҷои дигар ягон чизи бузургтар ба даст меоранд. Вақте ки Одам бар зидди хонаи падар исён кард ва азми рафтан намуд, вай ба зери ҳокимияти дигар афтод, ӯ ба подшоҳии дигаре омад, ки бо қонунҳои дигар амал мекунад. Китоби Муқаддас онро салтанати торикӣ меномад, ва ҳокими онро – шайтон. Дар аввал ҳама чиз хуб ба назар мерасид. То даме ки пул дошт, димоғчоқӣ бас намешуд! Аммо вақте дарк кард, ки хатогӣ содир намудаст, хеле дер шуда буд. Вақте ки ӯ моли меросии худро сарф кард, фаҳмид, ки раҳгум задааст. Ақли ӯ, ки пур аз биниш буд, ногаҳон ба ягона хоҳиши ҳаррӯза – зиндамонӣ нигаронида шуд. Дигар рӯзи фардо вуҷуд надошт. Танҳо имрӯз боқӣ монд, ва он ҳеҷ гуна некиро ваъда намедод.

*«Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чи дошт, ҷамъ карда, ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо дороии худро дар айшу нӯш исроф намуд».*

Писари хурдӣ пайхас кард, ки ба подшоҳии комилан қашшоқ, ки дар ҳолати доимии гуруснагӣ вуҷуд дорад, афтода мондааст. Бача кӯшиш мекунад, ки ба чизҳои дидаистодааш, – одамони аз гуруснагӣ миранда одат кунад. Ҳамчун узви хонадоне, ки дар он фаровонӣ ҳукмфармо буд, ӯ бо душворӣ тасвири нави ҳаётро фаҳмидан мехоҳад. Аммо меъдаи гурусна ба ёдаш меовард, ки чизҳои дидаистодааш воқеӣ мебошанд. Барои зиндамонӣ ӯ худро маҷбур мекунад, ки ба кӯча рафта, гадоӣ кунад. Дар ин подшоҳии зулмат танҳо хору хас мерӯянд, ва ақаллан барои гирифтани онҳо қуввати зиёд сарф карда, бо араќи ҷабин меҳнат кардан лозим аст. Сахт мӯҳтоҷ шуда, писар ёрӣ металабад. Аммо ҳама одамон дар як киштӣ шино мекунанд. Ҳеҷ кас ба вай ягон пора нон додан намехоҳад, чунки ҳама ба мисли ӯ азоби гуруснагӣ мекашанд.

Ҳамин тариқ дар ҳаёти ин бача лаҳзаи ҳалкунанда фаро мерасад, ин гардиши ҳаёт ҳамчунин ба ман, ба шумо, ва ба тамоми инсоният таъсир расонд. Аввалин бор дар тамоми умри худ ӯ ҳамчун хизматгор, ҳамчун муздури меҳнати дастӣ ба кор қабул карда мешавад. Ин вайроншавии пурраи ҳуввияти ӯ, шахсияти ӯ мебошад. Ӯ дигар писари сарватманди мӯҳтарам нест, ӯ посбон, ё қассоб, ё агенти амволи ғайриманқул, ё хаткашон мебошад, ва рӯйхатро давом додан мумкин аст. Акнун ӯро аз кораш мешиносанд, на аз рӯи шахсияти ӯ! Ӯ ҳуввияти худро гум кардааст! Барои боз ҳам бештар қайд кардани он, ки ӯ ҳуввияти худро гум кардааст, Исо мегӯяд, ки ӯ он қадар рӯҳафтода гардид, ки ба хукбонӣ машғул шуд. Ибриён чунин меҳисобиданд, ки хук – ҳайвони нопок, ва Исо ба одамони ҷамъомада мегӯяд, ки ин ҷавон он қадар рӯҳафтода шуд, ки ҳама гуна маънои ҳаёти худро гум кард. Зиндагии ӯ ба шармандагӣ ва хиҷолат мубаддал шуд. Он шарафи подшоҳӣ, ки ӯ як вақтҳо аз он лаззат мебурд, акнун ба гузаштаи дур табдил ёфт.

*«Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй дод, ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд. Ва рафта, хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай ӯро ба саҳрои худ фиристод, то ки хукбонӣ кунад. Ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе ки хукон мехӯрданд, пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод».*

Ман умедворам, шумо шабоҳати байни ин ҳикоя ва инсониятро дида истодаед. Вақте ки ду шахс бо якдигар вомехӯранд, онҳо чӣ мегӯянд? “Даромади шумо аз чӣ аст?” ё “Дар куҷо кор мекунед?” Вақте ки шумо аз одам мепурсед, ки шумо кистед, вай одатан намуди фаъолияти худро ном мебарад. Барои чӣ? Чунки дар системаи малъуни заминӣ ҳар яки мо ҳуввият дорем, ва мо ҳамаҷониба саъй мекунем, ки онро ёбем. Мо тайёрем ба ҳар касе, ки диққати моро ҷалб мекунад ва шахси муҳим метобад, тақлид кунем. Ҳамаи ин чиз аз қарори Одам, ки тарк кардани хонаи Падар аст, бармеояд. Бо мафкураи зиндамонии худ мо худамонро аз назар гум кардем ва фаромӯш намудем, ки дар асл мо кӣ ҳастем. Аммо аз шумо хоҳиш мекунам, ки рӯҳбаланд шавед, ин ҷавон аз масали Исо дар хукхона намонд, ва умедворам, ба андозаи омӯзиши минбаъдаи ин ҳикоя шумо мефаҳмед, ки шумо низ набояд дар он ҷо монед.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки рӯзе ин писари ҷавон ба худ омад ва хонаи падари худро ба ёд овард, ки дар он ҷо ҳатто хизматгорон ҳамеша сер буданд. Ман ба худ тасаввур карда метавонам, ки чӣ тавр ҳангоми гуруснагии шадид дар кишвари бегона вай таъомҳои болаззатро, ки аз хӯрдани онҳо лаззат мебурд, ба хотир овард. Амаки ман Гаролд дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба ҳайси штурман-радисти ҳавопаймои B-17 иштирок кардааст. Ӯ дар оилаи деҳқон таваллуд шуда, ба воя расидааст. Ҳар рӯзи якшанбе модари ӯ бо мурғбирён, пюреи картошка, нони хонагӣ, лӯбиёи сабз ва дигар сабзавотҳои болаззат хӯроки нисфирӯзӣ омода мекард. Барои десерт вай ҳатман пирог ё кекс мепухт. Бо чашми худ дидаам, ки дастархон аз нозу неъмат пур мешуд, чунки модари вай модаркалони ман буд.

Дар вақти ҷанг ҳавопаймои амаки маро дар Олмон зада меафтонанд, ва ӯ моҳҳои зиёд дар асорати немисҳо мемонад. Хӯрок қариб вуҷуд надоштаст. Боре ман аз амакам пурсидам, ки чӣ тавр ӯ ҳамон рӯзҳо зинда мондааст, ва ӯ нақл кард, ки тамоми чизе, ки дар он вақт ӯ фикр карда метавонист, – ин буд, ки чӣ тавр вай ба назди модараш, ба хонае, ки дар он ҷо мурғбирён ва пюреи картошка хоҳад буд, бармегардад. Ман бовар дорам, ки ин ҷавон чизи ба ҳамин монандро аз сар гузаронид ва дарк кард, ки ба вай сахт чӣ намерасад. Аммо вай ба молу мулк даъво карда наметавонист, чунки аллакай ҳиссаи мероси падарро гирифта буд. Он гоҳ вай нақшаи амал тартиб дод. Ӯ ба хона омада, аз падар илтиҷо мекунад, ки ӯро ба хизматгорӣ қабул кунад. Бо ақли коргари муздур ӯ танҳо чунин вариантро фикр карда баромада метавонист.

> *«Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: "Чӣ қадаре аз муздурони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро чун яке аз муздуронат қабул кун". Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд».*

Ҳамин тариқ, ӯ бо нақшаи худ ба хона барои илтимос кардани падар меравад, то ӯ имкон диҳад, ки ақаллан ба ивази хӯрок ва сарпаноҳ кор кунад. Аммо Китоби Муқаддас анҷоми аҷоиби ин ҳикояро нақл мекунад. Вақте ки вай ба хона бармегардад, падар ӯро аз дур мебинад ва ба сӯи ӯ давида рафта, ӯро ба оғӯш мекашад. Аз ин лаҳза номи ҳикояро бо номи қиссаи муҳаббати падар иваз мебояд кард, чунки падар писарро ҳатто новобаста ба он, ки бо ахлоти хук олуда шуда буд, ба оғӯш гирифт. Ҷамоати ибриён, ки Исоро мешуниданд, медонистанд, ки вақте падар писарро ба оғӯш гирифт, ӯ аз ҷиҳати рӯҳонӣ палид шуд. Аммо падар бо ихтиёри худ ба хотири писар палид шуд. Сипас ӯ ба хизматгорон мефармояд,

ки аз хона либоси беҳтарин биёранд ва ба писар бипӯшонанд, то ки чиркинии ӯро пинҳон кунад. Ӯ ангуштарии мӯҳрдорро, ки рамзи қудрати ӯст, гирифта, ба ангушти писар мегузаронад. Ӯ ба пояш пойафзол медиҳад, ва ин амал маънои онро дорад, ки писар боз ба тамоми дорой дастрасӣ дорад. Аммо вақте ки падар ба хизматгорон дастури охирин медиҳад, писари калонӣ ба хашм меояд. Падар талаб мекунад, ки гӯсолаи охуриро забҳ карда, ба ифтихори бозгашти писар аз он хӯрок омода кунанд. Писари хурдӣ, гарчанде сазовор набошад ҳам, мавқеъ ва имтиёзҳои писарӣ мегирад, падар ошкоро дар ҳузури ҳамагон ӯро ҳамчун писар эҳтиром кард ва мавқеи ӯро дар хона пурра барқарор намуд.

Ин дуруст аст, вале чӣ дар ин ҷо бо ҳиссаи дучанд алоқамандӣ дорад? Ҳама чиз. Исо масали писари ҷавонро, ки аз хона рафта, боз бармегардад, истифода бурд, чунки шунавандагони Ӯ, одамон аз фарҳанги ибрӣ, маънои онро ва чизеро, ки ман ба шумо нақл кардан мехоҳам, мефаҳмиданд. Дар фарҳанги ибрӣ писари калонӣ ба таври автоматикӣ ҳиссаи дучандро соҳиб мешуд. Агар дар ёд дошта бошед, ин на писари калонӣ аз хона рафт, балки хурдӣ. Ҳамчунин шумо дар ёд доред, ки вақте ӯ аз хона рафт, ӯ пораи қонунии меросро, ҳиссаи қонунии худро, бо худ бурд. Дигар ӯ ҳақ надошт, ки ба молу мулк ё ягон чизи дигар даъво кунад. Аммо, вақте ки писари хурдӣ баргашт, ва падар ӯро ба мавқеи писарӣ барқарор кард ва, зиёда аз он, забҳ кардани гӯсолаи охуриро талаб намуд, то ки бозгашти писарро ҷашн гиранд, он гоҳ писари калонӣ ба хашм омад. Ӯ боварӣ дошт, ки гӯсолаи охурӣ ба вай тааллуқ дорад, ин як қисми ҳиссаи дороии ӯ буд.

Ҳозир мефаҳмонам, ки ин чӣ маъно дорад. Гарчанде бародари хурдӣ аллакай қисми мероси худро гирифта буд, бо вуҷуди ин ӯ боз аз ҷониби падар эътироф гардид ва акнун аз ҳиссаи дучанди мерос лаззат мебурд. Ин чунин маъно дошт, ки ӯ ҳиссаи дучанди дороии худро ба даст овард. Аз нуқтаи назари бародари калонӣ, ин ноодилона буд, ва ӯ бо хашм инро ба падар гуфт. Ӯ ҳамаи он солҳоеро, ки содиқона ба падар хизмат мекард, ба ёдаш овард, дар ҳоле ки писари хурдӣ ба оила ғайр аз шармандагӣ ҳеҷ чиз наовард.

Барои чӣ ӯ ногаҳон ҳиссаи дучандро ба даст меорад?

Оё ин одилона аст? Аз рӯи нуқтаи назари системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин, ин ноодилона аст. Мо, эҳтимол, писари калониро ҷонибдорӣ мекардем, ки содиқона меҳнат мекард ва дар асоси он, ки барои падар чӣ гуна корҳоро анҷом дода буд, ҳақ дошт, ки оиди беадолатӣ ҳарф занад.

Аммо аз рӯи кадом принсип баҳо медиҳем, ки чӣ одилона асту чӣ не? Магар на падар ҳукм мекунад, ки ба кӣ ҳусни таваҷҷӯҳи худро зоҳир кунад? Дар доираи системаи малъуни заминӣ, ки дар он ҳамаи мо зиндагӣ мекунем, ба осонӣ тахмин кардан мумкин аст, ки агар падар ба писар боз як ҳиссаи дороиро дода бошад, пас ба писари калонӣ лозим мешавад, ки ба чизи кам қаноат кунад. Дар асл чунин нест. Падар он қадар сарватманд аст, ки ҳатто хизматгорони ӯ аз андозаи кофӣ бештар доранд. Тасаввур кунед, ба писарон чӣ қадар бештар тааллуқ дорад.

Шайтон намехоҳад, то шумо донед, ки Худои мо чӣ қадар бузург аст ва шумо дар асл кӣ ҳастед. Вай аз худи аввал дар бораи Падар дурӯғ паҳн мекунад. Ширкатҳои суғурта изҳор мекунанд, ки офатҳои табиӣ – ин амалҳои Худо ҳастанд. Муассисаҳои динӣ изҳор мекунанд, ки назрҳо оиди камбағалӣ ба Худо писанд мебошанд. Одамон мегӯянд, ки Худо ба одамони нек низ корҳои бад мекунад. Агар ба худ наоед ва аз таҳти дил ба Худо рӯ наоред, шайтон шуморо кӯр месозад, то ки шумо надонед, ки Падари шумо чӣ қадар бузург аст. Шуморо бовар мекунонам, ки вақте шумо ба Ӯ рӯ меоред, Ӯ чуноне ки писари ноқобилро пазирой карда буд, шуморо низ пазирой мекунад.

Шумо мепурсед: “Писари калонӣ кӣ аст?” Биёед мебинем, ки шумо инро муайян карда метавонед ё не.

> *«Лекин писари калонии вай дар саҳро буд; ва ҳангоме ки баргашта, ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид. Ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада, пурсид, ки ин чӣ маъно дорад? Вай ба ӯ гуфт: “Бародарат омад, ва падарат*

*гӯсолаи охуриро сар бурид, чунки ӯро сиҳат саломат дид”. Ӯ ба хашм омада, нахост ба хона дарояд. Ва падараш баромада, ӯро ҷеғ зад. Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: “Инак, чандин сол аст, ки ман ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам; вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ димоғчоқӣ кунам. Ва чун ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст, гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ”. Ба ӯ гуфт: “Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман дорам, аз они туст. Аммо ба он мебоист шодӣ ва димоғчоқӣ мекардем, ки ин бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд“».*

**ШАЙТОН НАМЕХОҲАД, ТО ШУМО ДОНЕД, КИ ХУДОИ МО ЧӢ ҚАДАР БУЗУРГ АСТ ВА ШУМО ДАР АСЛ КӢ ҲАСТЕД.**

Писари калонӣ мегӯяд, ки дар давоми ҳамаи ин солҳо ӯ, ҳамчун ғулом, барои падари худ кор мекард, аммо падар тамоми ин вақт ҳатто бузғолаеро надод, то ки бо дӯстонаш димоғчоқӣ кунад.

Иҷозат диҳед, ки суханони ӯро тафсир кунам: “Падар, ту ноҳақ ҳастӣ!”. Аммо ба он диққат диҳед, ки падар дар ҷавоб ба ӯ чӣ мегӯяд. “Ту охир доимо бо ман ҳастӣ, ҲАМА ЧИЗЕ, КИ ДОРАМ, – аз они ту”.

Истед! Акнун шумо мефаҳмед, ки писари калонӣ кӣ аст? Ӯ доимо банд буд, ӯ дар бораи парҳезгорӣ тасаввуроти нодуруст дошта, ҳамчун ғулом, барои падар кор мекард, ва аз ин рӯ худро аз имконияти лаззат бурдан аз накӯкории падар маҳрум месохт. Ҳар чизе, ки падар дошт, – аз они ӯ буд.

Шумо ҳақ ҳастед, писари калонӣ рамзи қонуни аҳди аввал мебошад. Писари аввал аз афзалиятҳои хонаи падар лаззат бурда наметавонист, чунки ӯ ба хотири он, ки аз падар таҳсин гирад, сахт ба кор банд буд. Новобаста ба он ки писари калонӣ ба ҳиссаи дучанд ҳақ дошт, танҳо писари хурдӣ аз он лаззат мебурд.

Шумо писари хурдӣ ҳастед!

Ба шумо ҳиссаи дучанд дода шудааст. Шумо писаре ҳастед, ки на дар асоси корҳо, балки дар асоси он пазироӣ шудаед, ки шумо дар Масеҳ кӣ ҳастед – писар ё духтари Худо, ба андозаи пурра аз меросе баҳра мебаред, ки барояш меҳнат накардаед, аммо аз Падар ройгон гирифтаед.

БОБИ 9

# БЕШТАР АЗ АНДОЗАИ КОФӢ!

Ман мефаҳмам, ки номи ин боб дар шумо муносибати скептикиро ба бор меорад, вале мо маҳз дар ҳамин самт равона мешавем, то ки бештар аз андозаи кофӣ ба даст орем. На барои он ки ман ба шумо усулҳои нав ё босамари пул кор карданро нишон медиҳам, балки шумо фарзанди Худо ҳастед, ва ҳуқуқи қонунии шумо – дар хонаи Падаратон аз некию фаровонӣ лаззат бурдан. Эҳтимол, ҳоло, дар вазъиятҳои ҳозираи ҳаёти шумо, консепсияи ҳиссаи дучандро фаҳмидатон душвор аст, вақте ки дар шумо ҳама чиз бештар аз андозаи кофӣ аст. Аммо маҳз аз ин ҷо ба сӯи озодӣ равона шудан лозим аст – дар мафкура. То афкори шумо бо Каломи Худо мутобиқат накунад, шумо аз афзалиятҳои Ӯ лаззат бурда наметавонед. Бинобар ин аз он чизҳое, ки шуморо иҳота кардаанд, нигоҳатонро гардонед, ва ба он тамаркуз кунед, ки Худо дар Подшоҳии Худ аз они шумо мегӯяд. Бо Каломи Худо баҳсу талош накунед, зеро шумо намедонед, ки он чӣ тавр дар ҳаёти шумо татбиқ мешавад. Ба ҷои ин, бо Каломи Худо мусаллаҳ шуда, бо вазъиятҳои худ баҳс кунед, ва бовар кунед, ки онҳо мувофиқи он чизе, ки Худо аз они шумо мегӯяд, бояд дигар шаванд. Ман ба мисли шумо як одам ҳастам, ман фақат он

кореро иҷро кардаам, ки ба шумо гуфта истодаам. Ба чизе, ки Худо мегӯяд, бовар кунед! Каломи Худо фиреб намедиҳад, он ба ҳар гуна вазъиятҳо тағйирот меорад. Масалан, ба як номаи электронӣ, ки аз як зани шубҳакунанда гирифтам, диққат кунед. Он зан пештар ҳам ҳамаи инро шунида буд (ё не?).

**ЭҲТИМОЛ, ҲОЛО, ДАР ВАЗЪИЯТҲОИ ҲОЗИРАИ ҲАЁТИ ШУМО, КОНСЕПСИЯИ ҲИССАИ ДУЧАНДРО ФАҲМИДАТОН ДУШВОР АСТ, ВАҚТЕ КИ ДАР ШУМО ҲАМА ЧИЗ БЕШТАР АЗ АНДОЗАИ КОФӢ АСТ. АММО МАҲЗ АЗ ИН ҶО БА СӮИ ОЗОДӢ РАВОНА ШУДАН ЛОЗИМ АСТ – ДАР МАФКУРА.**

"Ман кӯшиш мекунам, ки бо якчанд ҷумла бисту ду соли муборизаро баён кунам. Ман ва шавҳарам дар оилаи масеҳӣ ба воя расидаем ва ҳамеша ба калисо мерафтем. Мо ҳатто дар гурӯҳи ҷавонон, мактаби якшанбегӣ ва ғайра хизмат мекардем. Баъд аз тӯямон соли аввали ҳаёти мо дар масъалаи молия бомуваффақият буд... Ин беш аз бисту ду сол пеш буд. Аз ҳамон вақт инҷониб масъалаи молия доимо маро азоб медод ва маҷбур мекард, ки мубориза барам, вале имони ман доимо меларзид, зеро ман намефаҳмидам, ки чаро дар Китоби Муқаддас як чиз навишта шудаасту дар ҳаёт тамоман чизи дигар рӯй медиҳад. Агар Каломи Худо абадӣ ва бетағйир бошад, ва Худо дирӯз, имрӯз ва абадулабад Ҳамон аст, пас чизҳои ваъдашуда дар куҷоянд? Пас, Ӯ азияткаш, дурӯғгӯ ё девона буд!

Фикран ба ақиб, ба 28 январи соли 2013 бармегардем... Ман ба шавҳарам гуфтам: "Ё Худо Худро зоҳир мекунад, ё ман ҳама чизро тарк мекунам". Ман аз калисо ва Худо дилгир шудам. Вақте ки ман аз паи корҳоям берун рафтам, шавҳарам ба даъвати Рӯҳулқудс итоат карда, ба дугонаи наздики ман занг зад ва ба вай дар бораи чизи рӯйдода нақл кард. Вай ба шавҳарам пешниҳод кард, ки Гэри Кисиро гӯш кунем. Вай шаҳодати худро оиди он, ки бо вай чӣ рӯй дод, нақл кард. Бинобар ин, вақте ки ман ба хона баргаштам, шавҳарам маро

дар бораи гуфтугӯи онҳо хабардор кард ва гуфт, ки рӯзи минбаъда ӯ рафта, сабти мавъизаҳоро гирифта меорад.

Намедонам, ки чӣ рӯй дод (зеро ман аз шубонҳо ва муаллимон дар бораи ин “чизҳои рӯҳонӣ” бисёр шунидаам), аммо ман ба дугонаам занг задам ва пурсидам, ки оё вай бегоҳӣ вақти холӣ дорад. Ҳамон бегоҳӣ ман ба мошин савор шудам ва ба барфи зиёд нигоҳ накарда, ба назди вай рафтам. Дар роҳ ба Худо гуфтам: “Агар ин айни ҳамон бошад, хуб мешуд!”

Рӯзи дигар мо ба гӯш кардани дарсҳо шурӯъ кардем, ва ҳардуямон ба ҳайрат афтодем. Ҳама чиз маъно пайдо кардан гирифт. Ҳамаи ин оятҳо дар бораи имон, оиди он мебошад, ки чӣ тавр эътирофи имони худро қавӣ нигоҳ доштан лозим аст. Ниҳоят ҳамаи ҷузъиётҳои пазл ҷо ба ҷо шуданд. Чанд сол пештар аз ин мо дар бораи Подшоҳӣ шунида будем, АММО ҳеҷ кас фурсат пайдо накард, ки РАВАНДИ... расидан ба МАҚСАД! -ро таълим диҳад. Шумо ин корро кардед.

Бинобар ин мо зуд барои ба кор бурдани донишҳои омӯхтаамон сар кардем. Мо барои пардохт кардани қарзи хона ба маблағ ниёзманд будем. Рӯзи панҷшанбе буд, ва шавҳарам корҳои майдаро дар хонаи волидайни ман ба итмом мерасонид... Онҳо доимо аз ман мепурсиданд, ки чанд пул бояд ба шавҳарам диҳанд (онҳо аз вазъияти мушкили мо хабардор буданд). Ман ҷавоб додам: “Чанд пул хоҳед”. Аздусар ин барои пардохт кардани қарзи хона кифоя намекард... АММО ин танҳо рӯзи панҷшанбе буд.

Ҷумъа: ман бо дугонаам, ки ба ман компакт-дискҳо дода буд, вохӯрӣ таъин карда будам. Барфи сахт меборид, аммо ман бо шавҳарам хеле мехостем, ки бо вай вохӯрем ва дар бораи Подшоҳӣ ва чӣ тавр кор кардани он сӯҳбат кунем.

Пеш аз рафтани мо вай барои мо дуо кард ва ба мо чек дод... Худованд ба қалби вай хоҳиш гузошт, ки ба ҳаёти мо тухмӣ кишт кунад. Мо сахт дар ҳайрат мондем. Вақте ки мо чекро кушодем, дар он БЕШТАР АЗ АНДОЗАИ КОФӢ буд, то ки қарзи ипотека ва дигар ҳисобҳоро пардохт кунем!

Ман ба шавҳарам гуфтам, ки ба мо аз ин зиёд лозим ҳам нест! Ҳамчун

ёдгорӣ аз вафодории Худо ман чекро сурат гирифтам. Ба душман он чизе, ки дид, маъқул нашуд, ва дар як лаҳза (ман муболиға намекунам, ҳақиқатан ҳам дар ҳамон лаҳза) ӯ хост, ки тухмии моро бидуздад. Мо зуд барои худ азм кардем, ки ҳар чизи дар ин дарсҳо шунидаамон барои мо ҳақиқат хоҳад буд, ва мо ба худ раво намебинем, то суханҳоеро ба забон орем, киояндаи моро вайрон мекунанд. Душман бераҳм буд, аммо сипарро боло бардоштем ва маҳкам доштем.

Пеш аз он ки ман нақли худро идома диҳам, мехоҳам, то шумо бидонед, ки ман италиёзани якрав ҳастам, ва то мурдан аз “таълимотҳо оиди комёбшавӣ”, ки ба ҳама шинос ҳастанд, хаста шудаам, ва шавҳари ман инро медонист. Мӯъҷизаи ҳақиқӣ он буд, ки ман дарсҳои шуморо бодиққат гӯш кардам, шавҳарам баъзан ба ман нигоҳ мекунад ва ҳайрон мешавад, ки ин чӣ тавр имкон дорад!

Мо имонро ба кор бурдем ва барои гирифтани шартнома барои ширкати сохтмонии мо ба миқдори 150 000 доллар дар моҳи марти соли 2013 тухмӣ кишт кардем, то ки пардохтҳои мӯҳлаташон гузашта, андозҳо ва ғайраро супорем. Панҷуми апрели ҳамон сол мо дар ЯК РӮЗ бо маблағи 450 000 доллар ду шартнома бастем! Аз рӯзе, ки мо ба кор бурдани принсипҳои Подшоҳиро сар кардем, ҳамагӣ ду моҳ гузашт.

Мо ҳамаи рӯйдодҳоро ба фарзандон фаҳмонидем, ва онҳо низ натиҷаҳоро диданд. Акнун онҳо рӯйхати хоҳишҳои худро тартиб медиҳанд ва барои ҳар чизе, ки дар рӯйхати онҳо мавҷуд мебошанд, тухмӣ кишт мекунанд. Мо дар ҳар ҳуҷра оятҳои библиявӣ часпондем, ва ҳатто кӯдаки панҷсолаи мо ба назди онҳо омада, эътироф мекунад: “Ман имон дорам, ки ба даст меорам”.

Мо хеле миннатдор ҳастем, ки акнун пули бештар қурбонӣ карда метавонем, ва мо як рӯз барвақттар ба озодии пурра аз қарз ва ба имкониятҳои анҷом додани вазифаҳои худ наздик мешавем!

Шубон Гэри, ташаккур, ки вақт ҷудо карда, ба номаҳои электронии ман ҷавоб гардондед. Мо мефаҳмем, ки вақти шумо маҳдуд аст, ва он далел, ки шумо онро барои ман пайдо кардед, нишон медиҳад, ки шумо ин паёми аҷоибро оиди Подшоҳии Худо нақл кардан мехоҳед”.

Ман ҳар рӯз ин гуна номаҳо мегирам. Одамоне, ки ба ман ва шумо монанд ҳастанд, ҳақиқатро оиди он, ки онҳо дар Масеҳ кӣ ҳастанд ва Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, дарк мекунанд, ва аз афзалиятҳо лаззат мебаранд. Ҳамин тариқ, дар ин боб ман ба шумо нақл мекунам, ки чӣ тавр ман ва Дренда принсипи ҳиссаи дучандро мушоҳида кардем, ва ман боварӣ дорам, ки ҳикояҳои мо шуморо рӯҳбаланд мекунанд.

Вақте ки ман ва Дренда ба омӯхтани қонунҳо ва принсипҳои Подшоҳии Худо сар кардем, ҳаёти мо ба куллӣ дигар шуд, дар ин бора ман аллакай дар қисми аввали ин китоб аз гуруснагӣ, ваҳму изтиробҳои пуразоб, антидепрессантҳо ва авҷи ноумедиҳо сар карда, то ҳаёти пурмаъно ва фаровон нақл кардам. Мо боз ва боз шоҳиди мӯъҷизаҳо мешудем ва бо ҳайрат ба якдигар мегуфтем: "Ту инро дидӣ? Оличаноб!" Мо ҳамеша Подшоҳии Худоро дар амал чунон медидем, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ва саволҳо медодем: "Ин чӣ тавр рӯй дод?" ё "Кадом принсипро ошкор кардем?" Гарчанде мо дар ҳаёти худ бештар аз андозаи кофӣ доштем, мо ҳиссаи дучандро дар ҳаёти худ на ба он андоза равшан дидем, ки дар ҳикояҳое, ки ба шумо нақл кардан мехоҳам, дида будем. Мо аз ҳиссаи дучанд шодӣ мекардем, вале намедонистем, ки ҳамаи он чизҳое, ки дида истода будем, ҳиссаи дучанд мебошад, ва Худо фаҳмиши моро оиди он қавитар кардан мегирифт. Пеш аз фаҳмонидани он, ки чӣ тавр Худо барои фаҳмидани ҳиссаи дучанд бо маънои васеъ ба мо кӯмак кард, ман ояти калидиамонро аз Навиштаи Муқаддас такрор мекунам.

*Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад. Зеро, касе ки ба оромии Ӯ [имон] дохил шудааст, худаш низ аз корҳои худ [системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи ҷабин ва мубориза барои ҳаёт] ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ [чунки Ӯ анҷом дод].*

– Ибриён 4:9, 10

(Эзоҳот дар қавсҳо аз они ман. – Г.К.)

Акнун шумо медонед, ки оромии шанбе – ваъдае, ки ба ҳар як имондори масеҳии Аҳди Ҷадид дода шудааст, на танҳо далел аз Аҳди Қадим аст. Ҳамчунин шумо медонед, ки агар шумо аз андозаи кофӣ бештар, ё чуноне ки мо дар боби 16-уми Китоби Хуруҷ дидем, – ҳиссаи дучанд надошта бошед, шанбе ғайриимкон аст. Аз шумо хоҳиш мекунам, фикр накунед, ки ҳиссаи дучанд маънои онро дорад, ки ҳар дафъа, вақте ки Худо аз шумо ба ягон лоиҳа машғул шуданро талаб мекунад, ҳамеша маблағи калони барзиёд хоҳед дошт.

Дар ҳаёти ман ҳолатҳое буданд, ки вақте Исо ба ман мегуфт, ки ба иҷро кардани лоиҳа сар кунам, дар ҳисоби бонкии ман тамоман пул набуд. Баъдтар ман фаҳмидам, ки Худо дар масъалаи пул ҳеҷ гоҳ асабонӣ намешавад ва медонад, ки он аз куҷо меояд. Аммо Ӯ ин манбаъро пинҳон медорад, то ки пеш аз лозим шудани маблағ душман барои дуздидани он кӯшиш накунад. Иҷозат диҳед, ки шуморо пешакӣ огоҳ кунам: дар ин вазъият қарори ба пеш ҳаракат кардан танҳо дар он ҳолат мумкин аст, ки агар шумо дилпур бошед, ки Рӯҳулқудс ба шумо амал карданро фармудааст. То даме ки Исо ба шумо нагӯяд, ки лоиҳаро сар кунед, пешакӣ бе маблағ барои иҷро кардани он ҳаракат накунед. То омадани вақти Худо ва таъминоти зарурӣ интизор шавед.

Умуман мо, имондорон, ба он даъват шудаем, ки фаровонии молиявӣ дошта бошем. Мо қашшоқ нестем, вале қодир ҳастем, ки дар ҳар вазъият айнан мисли Падари мо саховатманд бошем. Гӯш кунед, агар Худо чизеро ба шумо нишон диҳад, ин маънои онро надорад, ки фурсати амал кардан фаро расидааст. Аксар вақт Ӯ ба шумо чизҳоеро нишон медиҳад, то ки шуморо роҳнамоӣ кунад ва барои тайёрӣ вақт диҳад. Аз таҷрибаи худ ман медонам, ки вақт низ ба мисли қобилияти дарки роҳнамоӣ аҳамияти калон дорад.

Вақте ки Исо дар зодгоҳи Худ хидматгузории Худро оғоз кард, пас аз он ки чил шабонарӯз дар биёбон вақт гузаронид, ва сипас дар дарёи Ӯрдун аз Яҳёи Таъмиддиҳанда таъмид гирифт, Китоби Ишаъёи набиро ба даст гирифт ва боби шасту чорумро ёфта, ба хондан шурӯъ кард. Дар бораи ин воқеа дар Инҷили Луқо навишта шудааст:

*«Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, ва Маро фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям, мазлумонро озод кунам ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям». Ва китобро пӯшонда, ба ходим дод ва нишаст; ва чашмони ҳама дар куништ ба Ӯ дӯхта шуда буд. Ва Ӯ ба сухан оғоз намуда, ба онҳо гуфт: «Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст».*

– Луқо 4:18-21

Албатта ин ҳамаро ба хашм овард, зеро Ӯ фаҳмонид, ки Ӯ Ҳамон Шахсест, ки дар борааш мехонад. Ба он ҷое, ки Исо хонданро бас кард, диққат кунед. Дар Китоби Ишаъёи набӣ навишта шудааст:

*Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва фатҳи зиндонро ба бандиён эълон намоям; соли таваҷҷӯҳи Худованд ва рӯзи интиқоми Худои моро эълон намоям.*

– Ишаъё 61:1

Диққат диҳед, ки Исо дар мобайни ҷумла бозистод. Ӯ ибораи "рӯзи интиқоми Худои мо"-ро нахонд. Ӯ барои он чунин кард, ки дар қисми аввали ҷумла таваққуф кардан хост – "соли таваҷҷӯҳи Худованд". Соли таваҷҷӯҳи Худованд чӣ аст? Соли юбил! Исо, дар асл, эълон кард, ки ҳама чизе, ки сояи шанбе, соли шанбе ва соли юбил ба мо нишон дод, ҳоло ва дар ин ҷо иҷро шуд, чунки Ӯ омад. Тамоми боби 61-уми Китоби Ишаъёи набӣ ба мо мегӯяд, ки Исо барои мо чӣ кор кард. Биёед аз он якчанд оятҳоро, ки ба ҳиссаи дучанд дахл дорад, дида мебароем.

*Дар ивази хиҷолати худ дучандон подош хоҳед гирифт, ва дар ивази расвоӣ аз насиби худ шод хоҳанд шуд, чунки дар замини худ насиби дучанд хоҳанд ёфт, ва хурсандии ҷовидонӣ барои онҳо хоҳад буд. Зеро Ман, ки Худованд ҳастам, адлу инсофро дӯст медорам, аз ғоратгарӣ ва ноинсофӣ нафрат дорам, ва мукофоти онҳоро аз рӯи ростӣ хоҳам дод, ва аҳди ҷовидонӣ бо онҳо хоҳам баст. Ва насли онҳо дар миёни халқҳо, ва зурёти онҳо андаруни қавмон машҳур хоҳанд шуд; ҳар кӣ онҳоро бинад, хоҳад донист, ки онҳо насле ҳастанд, ки Худованд баракат додааст.*

– Ишаъё 61:7-9

Ман аниқ медонам, ки эҳсоси шармандагӣ аз ҳал карда натавонистани масъалаи молиявӣ чӣ аст. Ман аксар вақт аз боиси вазъи молиявии мо хориву ошуфтагиро ҳис мекардам. Дар ёд дорам, ки ман боре бист нафар дӯстонамро ба тарабхонаи шаҳрамон барои хӯроки шом даъват кардам. Дар ёд надорам, ки мо маҳз кадом воқеаро ҷашн мегирифтем, аммо ман пешакӣ пешниҳод кардам, ки тамоми хароҷотро пардохт кунам. Дар ёд дорам, ки худро дар давоми тамоми вақти нишаст ноустуворона ҳис кардам, чунки ман барои меҳмон кардани ҳама пул надоштам. Пуле, ки аз як муомила гирифтани онро умед доштам, саривақт дастрас нашуд. Аз тамоми кортҳои ман танҳо якеаш баста нашуда буд, аммо лимити истифодаи маблағи он ба охир расида буд, ва ман намедонистам, ки ин дафъа бо он пардохт карда метавонам ё не. Вақте ки лаҳзаи пардохт кардани ҳисоб даррасид, пул нагузашт. Ман маҷбур шудам, ки бо хиҷолати зиёд ва ошуфтагӣ аз як меҳмонам хоҳиш кунам, то барои пардохти ҳисоб ба ман кӯмак кунад.

Ин гуна ҳикояҳоро ман бисёр дорам, аммо боварӣ надорам, ки барои шунидани нақли муфассали ман ба андозаи кофӣ дар даст салфетка доред. Аммо, ҷалол ба Худо, ба воситаи Исо, ҳамаи касоне, ки моро медонанд, бояд эътироф кунанд, ки мо одамоне ҳастем, ки Худо баракат додааст.

**АГАР ХУДО ЧИЗЕРО БА ШУМО НИШОН ДИҲАД, ИН МАЪНОИ ОНРО НАДОРАД, КИ ФУРСАТИ АМАЛ КАРДАН ФАРО РАСИДААСТ. АКСАР ВАҚТ Ӯ БА ШУМО ЧИЗҲОЕРО НИШОН МЕДИҲАД, ТО КИ ШУМОРО РОҲНАМОӢ КУНАД ВА БАРОИ ТАЙЁРӢ ВАҚТ ДИҲАД.**

Ҳиссаи дучанд ба шумо тааллуқ дорад, Исо – оромии шанбеи шумо, ва Ӯ ҳиссаи дучанди шумо! Агар шумо ягон китоби пештараи маро хонда бошед, шумо медонед, ки Худованд ба воситаи шикори оҳувон ба ман оиди Подшоҳӣ бисёр таълим дод. Зиёда аз ин шикори оҳувон барои ҷалб кардани диққати ман ба Подшоҳӣ воситаи Худо буд. Пештар ман солҳои зиёд ба шикори оҳувон машғул мешудам, вале комёб намешудам. Чӣ қадар зиёд вақт ва пул сарф кунам ҳам, аздусар бе сайд, бе оҳу, мемондам. Бояд иқрор шавам, ки ҳатто барои ман лозим нашуд, ки ақаллан як тир андозам. Дар ин соли муайян, вақте ки ман дар бораи мавсими навбатии шикори оҳувон фикр мекардам, Худо ба ман гуфт: “Имсол ба Ман иҷозат деҳ, ки чӣ тавр сайд кардани оҳуро ба ту нишон диҳам”. Ман, албатта, нафаҳмидам, ки ин чӣ маъно дорад, аммо Ӯ маро водор кард, ки чек гирифта, дар паҳлӯи маблағи пулӣ чунин нависам: “Барои оҳу дар соли 1987”, ва баъд ба як хидматгузорӣ бифиристам, ки Ӯ ба ман нишон дода буд. Боз Ӯ ба ман гуфт, ки Дрендаро даъват кунам ва якҷоя бо вай ба ин чек даст монда, дар дуо суханони Исоро аз Инҷили Марқӯс эълон кунем:

> *“Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд” (Марқ. 11:24).*

Хулоса, ҳамон сол ман ба ҷои тамоман ношинос рафтам ва тақрибан дар зарфи чил дақиқа оҳуи худро ба даст овардам. Ман ва Дренда сӣ соли охир ин қадамҳоро иҷро мекунем, ва аз ҳамон давра ман доимо оҳуи худро дар 30-40 дақиқаи аввалин ба даст меорам.

Дар давоми ин солҳо ман мебинам, ки чӣ тавр Худо дар вақти шикор корҳои ғайриоддӣ мекунад, ва ман барои худ оиди Подшоҳӣ якчанд сабақ бардоштам. (Ҳамаи ин ҳикояҳо дар китоби ман “Шикор бо имон” баён карда шудаанд.)

Одатан ман, назар ба шикор бо милтиқ дар мавсими сард дар Оҳайо, дар моҳҳои гарми тирамоҳ, вақте ки бешазорон бо рангҳои равшан оро меёбанд, бо арбалет шикор карданро афзал медонам. Дар ин иёлот дар як сол то шаш оҳу шикор кардан иҷозат дода мешавад, ин хеле зиёд аст. Барои ман ҳеҷ гоҳ лозим нашудааст, ки барои таъмини оила ҳамин қадар зиёд оҳу шикор карда бошам. Дар яхдони хонаи мо дар як сол одатан гӯшти ду-се оҳу нигоҳ дошта мешавад. Барои сазовор баҳогузорӣ намудани он, ки ман ба шумо нақл кардан мехоҳам, шумо бояд фаҳмед, ки ҳангоми шикор дар тӯли ин солҳо ҳеҷ гоҳ ба ман муяссар нашудааст, ки аз як дарахт дар як субҳ ё як шом ду оҳуро ба нишон гирам. Дарвоқеъ, агар шумо ҳанӯз шикорчӣ нестед, бояд қайд кунам, ки мо дар болои дарахт нишаста аз арбалет тир холӣ мекунем. Одатан, як оҳуро кушта, ман аз бешазор берун мебароям, рӯзи дигар ба он ҷо баргашта, боз як оҳуро мекушам. Аммо боре ҳангоми шикори бегоҳирӯзӣ Худованд ба ман чизеро омӯзонидан хост.

Як рӯзи зебои тирамоҳ барои шикор буд, ҳаво андаке абрнок буд, ва гоҳ-гоҳ борони майда меборид. Ин шаби якшанбе буд, ва ман худро пас аз гузаронидани якчанд ибодати субҳгоҳӣ хаста ҳис мекардам, аз ин рӯ бесаброна вақт мепоидам, ки зудтар ба бешазор равам. Дренда барои харид кардан ба мағоза рафтанӣ шуд, ва мо тасмим гирифтем, ки фурсати ба яхдон гузоштани сайд фаро расидааст. Вақте ки ӯ ба сӯи мошин равон шуд, ман камфуляжамро пӯшида, чизҳоямро ҷамъ кардам. Айнан дар ҳамон лаҳза, ки вай барои рафтан тайёр буд, ман ба кӯча баромадам. Ӯ мошинро ба кор андохта, тирезаро ба поён фаровард ва ба ман гуфт: “Ҳиссаи дучанд”. Ман намедонистам, ки чаро ӯ ин суханонро ба забон овард, гарчанде ӯ баъдтар иқрор шуд, ки чаро чунин гуфт. Чунки дар он лаҳза вай аз Худованд ин суханонро шунид ва ҳис кард, ки онро ба ман гуфтан лозим аст.

Дар ҳамон сол мо барои се оҳу кишт кардем, ва ин рӯзи аввалини мавсими шикор буд. Ман зуд ӯро бӯсидам, ва гуфтам, ки бо вай розӣ ҳастам, ва ба бешазор равона шудам. Ман дар ҳудуде, ки ба худам тааллуқ дорад, шикор мекунам, аз ин рӯ медонистам, ки ба куҷо рафтан лозим аст. Вақте ки ман ба камингоҳи худ ба дарахт баромадам, чанд маротиба шох навохтам. Пас аз понздаҳ дақиқа наринаи калонҷуссаи шохдори ҳаштшохчадор давида баромад, ман аз сию панҷ метр тир андохтам, ва оҳу аз они ман шуд. Ин хеле аҷиб буд! Ман ба поён фуромада, ба назди сайд омадам, ва баъд суханони Дренда "ҳиссаи дучанд"-ро ба хотир овардам, он гоҳ ман оҳуро дар ҷое, ки афтода буд, гузошта, ба дарахти худ баргашта, ба камингоҳ баромадам.

Ман фикр кардам, ки аз сабаби ҳаракатҳои худ, вақте ки ба поён фаромадам, роҳ гаштам, сипас ба камингоҳ баргашта, ба дарахт баромадам, ва аллакай бӯй, ки ба ҳама ҷо паҳн шуда буд, як тараф истад, дар олами табиӣ дар якчанд дақиқаи боқимондаи шикори боиҷозат имкони сайд кардани боз як оҳу хеле кам буд. Аммо тақрибан пас аз понздаҳ дақиқа, дар ҳоле ки ман дар болои дарахт менишастам, оҳуи дигар рост ба назди он оҳу омад, ва ман вайро бо як тир аз по афтондам. Аҷоиб, ду оҳу пайиҳам аз як дарахт. Ҳеҷ гоҳ пештар ин тавр нашуда буд. Ин воқеа диққати маро ҷалб кард, ва ман медонистам, ки ин ҳамон ҳиссаи дучанд аст, ки Дренда дар борааш гуфта буд.

Дар тӯли панҷ соли минбаъда ҳамон воқеа такрор шуд. Ҳар дафъа, вақте ки ман бо арбалет ба шикор мерафтам, ман ду оҳуро аз як дарахт бо фосилаи чанд дақиқа ба нишон гирифтам. Ман медонистам, ки ин ғайриоддӣ аст, ва бо фаҳмидани он, ки Худо боз ба ман оиди Подшоҳии Худ дарси навбатӣ меомӯзонад, оиди ҳиссаи дучанд ба мулоҳизаронӣ шурӯъ кардам.

Ман ҳамеша милтиқро дӯст медоштам, ва, албатта, шикор карданро дӯст медорам. Ман коллексияи милтиқҳои худро дорам, ки барои шикор истифода мебарам, ва ҳамаи онҳо ба ман маъқул ҳастанд. Ман ва Дренда 24 гектар замини шахсӣ дорем, ки аз он 10

гектарашро бешазор ва 6 гектарашро ботлоқзор ташкил медиҳад. Вобаста ба он ки тобистон чӣ қадар намнок мешавад, дар фасли тирамоҳ ботлоқзор хушк ё пуроб шуда метавонад.

Дар ҳамон соли муайян тобистон хеле серборон буд, аз ин рӯ, вақте ки мавсими тирамоҳии мурғобиҳо расид, дар ботлоқзор об бисёр буд. Ҳар сол, вақте ки дар ботлоқзор об бисёр аст, ҳамеша ба он ҷо мурғобиҳо парвоз карда меоянд, аммо ман ҳеҷ гоҳ ба онҳо аҳамияти махсус намедодам. Аммо дар ин сол сатҳи об хеле баланд буд, ва мурғобиҳо гала шуда, меомаданд, бинобар ин ман муқобилият карда наметавонистам. Гарчанде ман ҳеҷ гоҳ пештар онҳоро шикор накарда будам, қарор кардам, ки ба ботлоқзор фаромада, андаке онҳоро сайд мекунам. Шикор хеле хуб мерафт. Мурғобиҳо хеле бисёр буданд, ва мо ҳамон сол аз онҳо аксар вақт хӯроки шом омода мекардем.

Ҳангоми шикори мурғобиҳо ҳамон сол ман мушоҳида кардам, ки онҳо аксар вақт дар баландие парвоз мекунанд, ки барои тирандозӣ дастнорас аст. Ман милтиқи маъмулии худро, ки одатан барои шикори харгӯшҳо ва тазарвҳо бо худ мегирифтам, истифода мебурдам, аммо мурғобиҳо дар баландие парвоз мекарданд, ки барои тирандозӣ дастнорас буд, он гоҳ ман ба хотир овардам, ки дар куҷое оиди намуди нави милтиқҳо, ки махсус барои шикори мурғобиҳо сохта шудаанд, шунида будам. Ин милтиқ, ки аз он бо сочмаи калон тир андохтан мумкин аст, барои тир паррондан ба масофаи дур мусоидат мекунад. Ман фикр кардам, ки албатта ин гуна милтиқҳоро дида баромадан лозим аст.

Чунин воқеъ шуд, ки ман пас аз анҷоми мавсим дар мағозаи маҳаллии молҳои варзишӣ будам ва дар он ҷо рафи туфангҳоро бо категорияи милтиқҳо барои шикори паррандаҳои шиновар дидам. Нархи миёнаи милтиқ 2000 доллар буд, ман тасмим гирифтам, ки харидро каме мавқуф гузорам, чунки милтиқ ба ман танҳо баъд аз даҳ моҳ, яъне пас аз оғози мавсими нави шикори мурғобиҳо лозим мешуд. Дар баробари ин ҳатто фикр накарда, ман чунин суханонро ба забон овардам: “Худованд, ман ҳамин гуна милтиқ гирифтан

мехостам". Ман ба суханони худ он қадар аҳамият надода, аз мағоза баромадам, аммо пас аз чанд ҳафта ман дар яке аз вохӯриҳои корпоративӣ оид ба фурӯш сухангӯ будам, ин ҷамъомади имондорон набуд, ин вохӯрии оддӣ оид ба фурӯш дар ширкати тиҷоратӣ буд. Дар охири баромадам роҳбар ба ман барои семинар изҳори сипос кард ва гуфт: Мо мехостем, ки барои баромадатон миннатдории худамонро ба шумо изҳор кунем ва тӯҳфа диҳем". Вақте ӯ ҳамон милтиқеро, ки ман чанд рӯз пештар аз вохӯриамон дар мағозаи молҳои варзишӣ дида будам, баровард, ба ҳайрат афтодам. Суханони ман "Худованд, ман ҳамин гуна милтиқ гирифтан мехостам" ва он ҳақиқат, ки ман дар гузашта бисёр милтиқҳо ҳадя карда будам, самар овард.

Дар китоби аввалини силсилаи "Инқилоби молиявии ту. Қуввати ризоият" ман дар бораи принсипе мегӯям, ки ба туфайли он ин милтиқро ба даст овардам. Ман онро принсипи дос мегӯям, он дар Инҷили Марқӯс (4:26-29) навишта шудааст. Ман ба шумо пешниҳод мекунам, ки агар ин китобро то ҳол нахонда бошед, нусхаи онро пайдо кунед. Бешубҳа, аҷиб аст, ки чӣ тавр ман соҳиби ин милтиқ шудам, аммо дар асл ман мехостам, ки ба дигар воқеа тамаркуз кунам, ки ба ин алоқаманд аст.

Боре, пас аз он ки ин милтиқ дар коллексияи ман пайдо шуд, ва ман фаҳмидам, ки чӣ тавр ҳосил ба даст овардам, ман дар бораи тамоми милтиқҳои боқимондае андеша кардам, ки доштан мехостам. Охир ман даҳҳо милтиқ кишт карда будам, аз ин рӯ фикр кардам, ки бо қонунҳои Подшоҳӣ таҷриба гузаронам, шавқовар мешавад. Ягона милтиқе, ки дар коллексияи ман набуд, милтиқи думила буд. Ин туфангҳои зебо буда, ҳам одатан арзон нестанд. Бинобар ин ман гуфтам: "Худованд, ман мехостам, ки як милтиқи думила дошта бошам!"

Тақрибан пас аз як моҳ шарикам дар хидматгузорӣ ба ман занг зад ва гуфт, ки ба ман милтиқи думила тӯҳфа кардан мехост. Ман хеле хурсанд шудам, шарикам гуфт, ки онро ба воситаи почта мефиристонад. Пас аз якчанд рӯз ман дар ҳақиқат ду милтиқи думила гирифтам, ин хеле ҳайратовар буд! Диққат диҳед, ки ман ду милтиқ

гирифтам. Ман фикр кардам: кори олиҷаноб! Сипас ман ба шарикам занг задам ва барои тӯҳфаи зебое, ки ба ман фиристод, миннатдорӣ баён кардам. Пас аз чанд рӯз ӯ ба ман боз ду милтиқ фиристонд. Вақте ки ман ба вай занг задам, то ки боз миннатдорӣ изҳор кунам, вай гуфт:

– Ман он қадар аз занг задан ва миннатдорӣ баён кардани шумо ба завқ омадам, ки боз ду милтиқи думилаи дигарро ба шумо тӯҳфа кардан хостам.

Ман аз ин тӯҳфаҳо хеле хурсанд шудам, аммо, ғайр аз ин, ман ба мушоҳида кардани намунаи муайян шурӯъ намудам. Ҳар дафъа ду милтиқӣ? Ба ҳиссаи дучанд монанд аст.

Тақрибан ду моҳ қабл аз ин саҳарӣ ман дар як калисо семинар гузаронидам, ва бегоҳӣ дар дигар калисои ҳамон шаҳр бояд таълим медодам. Пас аз дарси субҳгоҳӣ ба назди ман шахсе омад ва гуфт:

– Ман мехоҳам, ки милтиқи нимавтоматикии зебои худ браунингро ба шумо тӯҳфа кунам.

Ман боз хеле хурсанд шудам. Мутааҷҷибона, ҳамон рӯз бегоҳӣ дар дигар калисо ба назди ман шахси дигар омад ва гуфт:

– Ман мехостам, ки милтиқи худамро ба шумо тӯҳфа кунам.

Ин туфанги наву зебои Марлин 30/30 буд, ки ман ҳамеша орзу мекардам, аммо ҳеҷ гоҳ дар коллексияи худ надоштам. Ман боз ба ҳайрат афтодам, аммо ба фаҳмидан шурӯъ кардам, ки гап дар ҳиссаи дучанд аст.

Ҳамагӣ чанд ҳафта гузашт, ки ин боз рӯй дод, – дар як рӯз ба ман ду милтиқ тӯҳфа карданд. Ман танҳо гуфта метавонам, ки эҳтимол ман шахсе ҳастам, ки бо ду милтиқ баракат ёфтаам. Аммо кадом ҳикояеро, ки нақл кунам, ман ҳамеша савол медиҳам: “Чӣ тавр ин рӯй дод?” Албатта, ман аллакай гуфтам, ки дар гузашта ман бисёр милтиқ кишт кардаам, аммо то он лаҳза ман ҳеҷ гоҳ нагуфта будам: “Худованд, ман инро мехоҳам”. Ин боз принсипи дос аст, ки шумо бояд донед. Аммо ба ғайр аз принсипи дос маълум ва равшан аст, ки ман принсипи ҳиссаи дучандро ба кор андохтам, ва ман саҳеҳ

фаҳмидан мехостам, ки чӣ тавр ман ин корро кардам. Ба назарам, Худованд ба ман нишон дод, ки бисёре аз мо ин ҷиҳати даравро дар Подшоҳӣ сарфи назар мекунанд, ва дар боби навбатӣ ман ба ин мавзӯъ эътибор медиҳам. Аммо пеш аз гузаштан ба он, ман ба нақл кардани он вазифадорам, ки дар ҳамон сол боз чӣ воқеаҳо рӯй доданд.

Баъд аз он ки ман ба воситаи почта милтиқро гирифтам, воқеаи дигар рӯй дод – яке аз воқеаҳои аҷоиб, ки бо ман ба амал омад. Шубҳа кардан лозим набуд – ин воқеа мисоли ҳиссаи дучанд буд. Он ба мошинҳои ман алоқаманд буд, махсусан бо “кадиллак”-и сафеди марворидии ба ман тӯҳфашуда, ки дар яке аз бобҳои гузашта гуфта будам. Чуноне ки ман аллакай гуфтам, ман ва Дренда ба мошинҳо шавқ надорем. Одатан мо ба онҳо то даме савор мешавем, ки вайрон мешаванд ё намуди зоҳириашонро гум мекунанд.

Дар ин воқеа ман боз хотиррасон кардан мехоҳам, ки ман ва Дренда пештар мошинҳо тӯҳфа мекардем, вале мо ҳеҷ гоҳ ба имони худ дархости мушаххас арз намекардем, ки аз ин ҳадяҳо ҳосил гирифтан мехоҳем. Лекин агар шумо воқеаро оиди он, ки чӣ тавр мо ҳангоми анҷуман дар “кадиллак эскалейд”- и ба иҷора гирифтаамон мерафтем ва гуфта будем: “Ба мо ин мошин маъқул аст, барои худамон ҳамин гуна мошин гирифтан лозим аст”, дар ёд дошта бошед, мо тамоман интизор набудем, ки касе ҳамту занг мезанад ва мегӯяд, ки онро ба мо харида додан мехоҳад. Аммо, албатта, маҳз ҳамин тавр шуд. Ва, албатта, мо ба касе нагуфтем, ки ҳамин гунаашро мехоҳем. Аз ин рӯ, чуноне ки ман аллакай пештар ба шумо гуфтам, мо соҳиби шакли кӯтоҳкардашудаи “эскалейд”-и сафеди марворидӣ шудем, он зебо буд ва зебо мемонад. Ман онро хеле дӯст медорам.

**МАН ПОДШОҲРО ВА ПОДШОҲИИ ӮРО МЕҶӮЯМ, АММО ДАР ПОДШОҲӢ АЗ АНДОЗАИ КОФӢ БЕШТАР – ҲИССАИ ДУЧАНДРО МЕЁБАМ!**

Вале давоми ин ҳикоя воқеаи боз ҳам аҷибтаре ҳаст, ки тобистони

гузашта рӯй дод. То оғози тобистони гузашта мо бо “кадиллак эскалейд” аллакай тақрибан якуним сол савора гаштем, ва боре ман мушоҳида кардам, ки чароғаки ташхисии муҳаррик фурӯзон шуд. Ман фикр кардам, ки ин проблемаи калон нест, вале ба ҳар ҳол барои он вақт ҷудо карда, ба дилер муроҷиат намудам, то ки муҳаррикро аз санҷиш гузаронад. Ба ман гуфтанд, ки ҳеҷ мушкилӣ нест. Сенсор миқдори ками равғани ихроҷшавандаро нишон медод, аммо ин набояд ташвишовар бошад. Муҳаррик ба ман, чи қадаре ки ин мошинро биронам, ҳамон қадар хизмат мекунад. Ман пурсидам, ки чаро он ҳолати равғанро нишон медиҳад. Дар навъи мошини ман системаи махсуси ихроҷкунӣ насб карда шуда буд, ва онҳо гумон карданд, ки ин сабаби даргирифтани сенсор буда метавонад. Сипас онҳо аз нав маро бовар кунониданд, ки муҳаррик хуб аст, ва ман бояд ором ва дилпур бошам, ки он ба ман ба муддати дароз хизмат мекунад.

Боре дар сӯҳбат бо шахсе, ки ин мошинро ба ман додааст, ман мушкилии сенсорро, ки ба он дучор шуда будам, зикр кардам. Ӯ гуфт:

– Бале, ман бо ин гуна мушкилӣ дар баъзе мошинҳои дигари “ҷи-эм-си” низ рӯ ба рӯ шудаам. Дарвоқеъ, барои навъҳои пештара ин хеле хос аст.

Сипас ӯ илова кард, ки он ба мошин набояд ягон таъсир расонад ва ман онро бе мушкилӣ боз даҳ соли дигар ронда метавонам.

Ӯ медонист, ки ман ва Дренда дар Флорида хонае дорем, ки чанд вақт пештар аз ин сӯҳбат харида будем. Ман ба ҳайрат афтодам, вақте ки ӯ гуфт:

– Медонӣ-чӣ, ин мошинро барои сафарҳо дар Флорида истифода баред, ва ман ба ту мошини нав медиҳам, то ки дар Оҳайо биронӣ.

Бале, акнун ман соҳиби ду мошини сафеди марворидии “кадиллак эскалейд”-и шаклашон кӯтоҳ шудам, ки ба ғайр аз сенсор, ки дар мошини аввал гоҳ-гоҳ фурӯзон мешавад, аз ҳар ҷиҳат комил буданд. Онҳо ҳарду комилан мошинҳои аҷибанд. Ин боз яке аз лаҳзаҳо бо номи “Шумо инро дидед?” буд. Ба ман ва Дренда баъзан лозим

меояд, ки вақте ин мошинҳои зеборо меронем, якдигарро пучида гирем. Мо ба ҳеҷ яки онҳо пул сарф накардаем. Аммо дар ҳолати мазкур мо аниқ медонистем, ки ин ҳиссаи дучанд аст.

Ман ин ҳикояҳоро барои худнамоӣ намегӯям, аммо, эй дӯстам, ман пурбаракат ҳастам! Ман аз ҳиссаи дучанд шодам, ва акнун шумо медонед, ки маънои он беш аз андозаи кофӣ доштан мебошад. Ман ду мошини якхелаи “кадиллак эскалейд” дорам, ки барояшон як сент ҳам пардохт накардаам. Ба фикрам, шумо розӣ мешавед, ки ин аз андозаи кофӣ бештар аст! Ман шуморо тамоман даъват намекунам, ки аз паси арзишҳои моддӣ давутоз кунед, гап дар ин нест. Ман дар фикри чиз нестам, ва ман сарвати моддиро парастиш намекунам ва ба он майл надорам. Ман Подшоҳро ва Подшоҳии Ӯро меҷӯям, аммо дар Подшоҳӣ аз андозаи кофӣ бештар – ҳиссаи дучандро меёбам!

Сабр кунед, ман ҳоло бо ҳамин дар бораи некӯкории Худо ва ҳиссаи дучанд шаҳодат доданро бас намекунам.

Дар тӯли бист соли охир ҳамсари ман мехост, ки дар соҳили уқёнус хона дошта бошад. Не, ман ба таври дигар мегӯям. Ӯ ҳамеша мехост! Ӯ уқёнусро хеле дӯст медорад. Умуман, солҳои зиёд ӯ ба хонаҳои соҳили уқёнус нигоҳ мекард. Рӯзе як хона ба фурӯш гузошта шуд, ки ба вай маъқул буд, лекин ба мо барои лоиҳаҳои хидматгузорӣ пул лозим буд, ва мо маҷбур шудем, ки харидани хонаро ба таъхир андозем. Ва ҳамин тавр ман дар хона ҳангоми машқи велосипедронӣ дар таҳхона дуо кардам. Ногаҳон Худованд ба ман ба таври ғайриоддӣ сухан ронд:

– Ба Дренда бигӯ, ки ба Флорида, ба шаҳре, ки дар он ҷо хона харидан мехост, равад, ӯ ин ҳафта бояд дар соҳили уқёнус хона бихарад.

Ӯҳӯ, дар ин ҳафта? Вақте ки ман инро шунидам, дар рӯҳи худ хеле шод шудам. Аз ин рӯ, ҳар чизе, ки Худованд ба ман гуфт, ба Дренда нақл кардам, ва мо ба дугонаи вай, ки дар ҳамон шаҳр зиндагӣ мекунад, муроҷиат кардем, то ки ӯ Дрендаро барои дидани хона бо мошинаш барад. Дугонааш гуфт, ки ин корро бо мамнуният мекунад.

Он гоҳ Дренда ба Интернет пайваст шуд ва рӯйхати тақрибан бисту панҷ хонаҳоро, ки дидан мехост, тартиб дод. Дар Флорида ӯ рӯйхати худро аз бисту панҷ то панҷ хонае, ки ба мо мувофиқ буд, ихтисор кард, ва якеашро, ки махсусан маъқул шуд, ҷудо кард. Он гоҳ ман ба наздаш парвоз карда рафтам, то ки ин панҷ хонаро ва якеи дигарашро, ки ба вай махсусан маъқул шуд, ба ман нишон диҳад. Аз панҷ хона мо дутоашро интихоб кардем – ҳамонашро, ки ба Дренда маъқул шуд, ва боз яктои дигарашро, ки низ зебо буд, вале на он қадар. Ман бояд иқрор шавам, ки вақте хонаи ба вай маъқулро дидам, дар он зуд завқу табъи Дрендаро фаҳмидам, ва барои он дархост пешниҳод кардем. Соҳиби хона онро қабул кард, ва мо барои харидани хонаи нави мо ба расмикунонии ҳуҷҷатҳо шурӯъ кардем.

Пас аз чанд ҳафта, вақте ки мо дар хонаи худ дар Оҳайо истироҳат мекардем, Дренда якбора оҳ баровара, гуфт:

– Ин охир хонаи ман аст!

Ман ба вай ҷавоб додам:

– Медонам, ки хонаи ту аст. Худо ба ман гуфт, ки ман бояд ба ту дар соҳили уқёнус ҳамон ҳафта хона бихарам, вақте ки туро ба он ҷо фиристодам.

– Не, ту нафаҳмидӣ. Ин хонаи ман аст, – гуфт вай.

Пас аз он вай фаҳмонд, ки чандин сол пайиҳам дар ҳамон минтақа хона ҷустуҷӯ мекард ва боре дар каталоги амволи ғайриманқул акси ҳамон хонаеро дид, ки ҳоло мо мехаридем. Он ба вай хеле маъқул шуд. Ба вай дар он ҳама чиз писанд афтод: меъмории баҳримиёназаминии испанӣ, тарҳрезӣ, ҷойгиршавӣ, ҳамааш. Ӯ ба ёд овард, ки чӣ тавр ӯ ба акс ангушти худро гузошта, гуфта буд: «Худованд, ман ҳамин хонаро мехоҳам!» Аммо вай медонист, ки ин хона хеле қимат аст, ва мо маблағҳоро ба дигар лоиҳаҳо сармоягузорӣ карда будем, аз ин рӯ вай дидани дигар хонаҳоеро, ки дар он давра ба мо бештар дастрас буданд, давом медод. Аммо хонаҳои дигар ба вай маъқул нашуданд,

ва кор то харидани онҳо тӯл накашид. Мо оиди хона дар дилҳоямон оромӣ надоштем.

Ҳамчунин бояд бигӯям, ки ду сол қабл аз ин мо барои хонае, ки дар соҳили уқёнус дар паҳлӯи пляж ҷойгир шудааст, тухмӣ кишт карда будем. Мо ҳамон вақт розӣ шудем, ки аллакай дар паҳлӯи пляж дар ин шаҳр хона дорем, ва бо имон эълон кардем, ки ҳамон рӯзе, ки барои он тухмӣ коштем, онро гирифтем. Ман ҳамон ҷой ва ҳамон лаҳзаро, вақте ки дасти якдигарро гирифта, ба мувофиқа расидем, ки Дренда дар соҳили уқёнус дар паҳлӯи пляж хона дорад, аниқ дар хотир дорам. Ва акнун, ки мо аллакай шартномаро имзо мекардем, Дренда ҳамон расмро ба хотир овард, ки ду сол қабл дида буд, ва фаҳмид, ки ин ҳамон хона аст, хонаи ӯ!

Таърихи ин хонаро омӯхта, мо мушоҳида кардем, ки соҳибаш онро чанд сол пештар фурӯхтан мехост, аммо муваффақ нашуд, ва ӯ онро аз фурӯш гирифт. Маҳз дар ҳамон вақт Дренда дар каталоги амволи ғайриманқул акси ин хонаро дид. Лекин баъдтар соҳибмулк тасмим гирифт, ки онро аз нав ба фурӯш гузорад ва мо фаҳмидем, ки чаро ман ҳис кардам, то Дрендаро ба соҳили уқёнус фиристам ва ин суханонро шунидам: "Ту бояд хонаро ҳамин ҳафта бихарӣ". Вай тасдиқ мекунад, ки ман одатан аз пул ин қадар осон ҷудо намешавам. Вақт ҳама чизро ҳал мекунад. Ин дафъа ман пули зиёдатӣ доштам, ки ба ягон лоиҳаи дигар ворид карда нашуда буд, аз ин рӯ ман харидани хонаро ба худ иҷозат дода метавонистам. Боварӣ дорам, ки одамони дигар низ онро дида буданд, аз ин рӯ зуд амал кардан лозим буд. Мутааҷҷибона, нарх дар давоми ин ду сол баланд нашуд, он ҳамон қадар буд, ки Дренда бори аввал дида буд. Ман фикр мекунам, ки Худо барои вай онро нигоҳ медошт!

Вале ин ҳикоя давом дорад ва он ба ҳиссаи дучанд алоқаманд аст. Дар ҳоле ки мо расмикунонии ҳуҷҷатҳоро барои хонаамон интизор будем, ба мо модари Дренда занг зад. Онҳо дар Канада хона доштанд, ки аллакай сию ду сол инҷониб соҳибаш буданд. Дар тӯли ин солҳо мо чандин маротиба дар он ҷо будем, ва ба мо худи хона ва ҷойгиршавии он хеле маъқул буд. Хона дар ҷазира дар байни об

ҷойгир шуда буд. Зиёда аз ин, даҳ метр дуртар аз айвони пушт уқёнус буд. Волидайни Дренда пир шуданд ва ба хулосае омаданд, ки дигар наметавонанд хонаеро, ки хеле дур аст, нигоҳубин намоянд ва пули нигоҳдории онро пардохт кунанд. Онҳо ба мо муроҷиат карда, пешниҳод намуданд, ки онро бихарем, аммо ман розӣ нашудам. Ин ҷой аз Оҳайо ба андозаи сию як соати мошинсавор дур буд, аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки он ба ман маъқул буд, ман аз харидани хона ҳеҷ маъное намедидам, чунки зуд-зуд ба он ҷо рафта наметавонистам. Бинобар ин, барои фурӯхтани хона, волидайн ба оҷонсии амволи ғайриманқул муроҷиат карданд, аммо дар тӯли ду сол ягон харидор ба он аҳамияти ҷиддӣ зоҳир накард.

**ФИКР НАКУНЕД, КИ ҲИССАИ ДУЧАНД ТАНҲО БО ДУ ЧИЗИ ЯКХЕЛА МАҲДУД МЕБОШАД. ДАР АСЛ ҲИССАИ ДУЧАНД МАЪНОИ СОҲИБИ ЧИЗЕ БО МИҚДОРИ БЕШТАР АЗ АНДОЗАИ КОФӢ БУДАНРО МЕФАҲМОНАД.**

Дар ҳоле ки мо расмикунонии шартномаро барои хонае, ки дар соҳили уқёнус дар паҳлӯи пляж ҷойгир буд, интизор будем, волидайн занг заданд ва фаҳмониданд, ки тамоми ин вақт онҳо кӯшиш карданд, ки хонаи худро фурӯшанд, вале муваффақ нашуданд, барои ҳамин, агар мо харидан хоҳем ва бо ҳамин тариқ онро дар оила боқӣ гузорем, онҳо тайёранд, ки нархашро ду баробар пасттар кунанд. Ман оиди ин пешниҳод андеша кардам, бачагони ман дар он ҷо ба воя расиданд, ва ба замми ин макони ҷойгиршавиаш зебо буд. Ҳамин тавр, ман ва Дренда дуо карда, барои харидани хона розӣ шудем. Мо барои пардохти хона ба таври кофӣ пули нақд доштем. Ғайр аз ин, соле қабл аз ин мо барои ширкати худ ҳавопаймо харида будем, ва бо он мо, ба ҷои он ки сӣ соат бо мошин ба он ҷо равем, дар панҷ соат расида метавонистем. Бо ҳамин тариқ ба он ҷо расидан хеле қулай буд.

Боре, баъд аз он ки мо шартномаи хариду фурӯшро расмӣ кунонидем, ман дар офис нишаста будам, ки ногаҳон фикрам равшан

шуд: “Як лаҳза, охир ин ҳиссаи дучанд аст!” Ҳамсари ман солҳои зиёд орзу мекард, ки дар соҳили уқёнус хона дошта бошад. Акнун дар тӯли ду моҳ ӯ як хона дар қисми ҷанубии Иёлоти Муттаҳида гирифт, ки дар он ҷо зимистон ҳаво гарм аст, аммо барои зиндагӣ кардан дар тобистон хеле тафсон аст. Аммо дар Канада, ки хонаи дуюм ҷойгир аст, дар тобистон ҳарорати ҳаво хеле форам аст, вале дар зимистон хеле сард. Мо дарк кардем, ки акнун мо дар соҳили уқёнус барои ҳар ду мавсим хонаҳо дорем. Аҷоиб. Мо, албатта, вақте ки ҳар ду шартнома имзо шуд, ба якдигар гуфтем: “Ту инро дидӣ?” Ба фикрам, шумо розӣ мешавед, ки ин ҷо бӯи ҳиссаи дучанд мекунад ва ҳама чиз маҳз ба ҳамин ишора дорад. Аҷоиб!

Ман чанд мисолҳои онро овардам, ки чӣ тавр Худо ба ман ва Дренда ду чизи якхела дод, то мо равшан бубинем, ки ҳиссаи дучанд дар амал аст. Аммо ман боварӣ ҳосил кардан мехоҳам, то шумо фикр накунед, ки ҳиссаи дучанд танҳо бо ду чизи якхела маҳдуд мебошад. Дар асл ҳиссаи дучанд маънои соҳиби чизе бо миқдори бештар аз андозаи кофӣ буданро мефаҳмонад. Худо ин мисолҳои равшанро оиди ду чизи якхела барои он истифода бурд, ки диққати маро ба ҳиссаи дучанд ҷалб кунад. Барои ҳамин, кадом чизе, ки набошад, бо фаровонӣ дорои он будан ҳиссаи дучандро мефаҳмонад. Умедворам, ки шумо воқеияти ҳиссаи дучанд ва оромии шанберо дарк кардед. Ҳаёт дар Подшоҳӣ аҷоиб аст! Ҳоло, вақте ки ман ин боброро менависам, ман дар хонаамон дар Канада нишастаам ва аз тиреза ба уқёнус нигоҳ карда истодаам. Дар хати соҳил ҳамагӣ бист метр дуртар аз хонаи мо моҳихӯракҳо ва мурғобиҳо сайр карда истодаанд. Ман оромиро ҳис мекунам, ҳеҷ гуна азоб нест, барои ҳама чиз пардохт карда шудааст, ва ин баракат аст. Ман вазифаамро иҷро мекунам, оиди Подшоҳии Падари ман Хушхабар мегӯям, ман дар хонаи Ӯ писар ҳастам, шаҳрванди Подшоҳии бузурги Ӯ мебошам, ва аз ҳиссаи дучанд лаззат мебарам!

Ман ва Дренда оиди Подшоҳии Худо ва қонунҳои дар он амалкунанда бисёр ҳикояҳо навишта метавонистем, ки ба ҳаёти мо ва ҳамчунин ба ҳаёти ҳазорон одамон, ки ба мо бо саргузаштҳои

худ номаҳои электронӣ фиристоданд, таъсир расониданд. Тавре ки ман аллакай гуфтам, шумо роҷеъ ба ҳамаи ин дар Китоби Муқаддас хонда метавонед, аммо чӣ қадар гуворо аст дидани он, ки Китоби Муқаддас дар пеши назари мо ба амал меояд.

Боз як чизро тавзеҳ додан мехоҳам. Барои ман оиди он, ки чӣ тавр Худо ман ва Дрендаро баракат дод, ва оиди он саёҳате, ки мо мекунем, нақл кардан шуғли хатарнок аст. Аксар вақт одамон инро нодуруст мефаҳманд. Баъзан онҳо гумон мекунанд, ки шахсони мағрур ва худписанд ҳастем. Ё онҳо фикр мекунанд, ки мо ушру ионатҳои онҳоро гирифта, барои худ сарф мекунем. Илтимос, бидонед, ки ман ва Дренда аз даромади барномаҳои телевизионӣ ва аз фурӯши маводҳоямон барои худ пул намегирем. Бале, мо аз калисое, ки дар он ҳамчун шубонҳо хизмат мекунем, маош мегирем. Вале мо ҳамеша бизнеси худамонро доштем ва дорем, ва Худо онро баракат медиҳад. Ман танҳо мехоҳам ба воситаи ин шаҳодатҳо, ки нақл мекунем, қалбҳоямонро ба шумо кушоям. Ман эҳсос мекардам, то ба шумо нақл кунам, ки дар асл чӣ рӯй дода истодааст ва Худо ба воситаи ин воқеаҳо чиро ба мо омӯзонид. Ман ба шумо натиҷаҳоеро баён карда истодаам, ки танҳо на ба Дренда ва Гэри Киси тааллуқ дорад, мо на он қадар одамони хуб ҳастем! Он чӣ, ки мо мебинем ва он чизе, ки дар ҳаёт аз он лаззат мебарем, – натиҷаи кори Падар ва Подшоҳии Ӯ дар ҳаёти мо мебошад. Мо барои он ин шаҳодатҳоро нақл мекунем, ки онҳо қалби шуморо фаро гиранд! Бидонед, ки мо ҳеҷ кас будем, ва ман ин китобро бо як сабаб менависам. Ман мехоҳам, то шумо бидонед, ки чӣ тавр ин кор мекунад, то шумо фаҳмед ва ҳар чизеро, ки Худо барои шумо низ дорад, бигиред.

Бидонед, ки ман бо тамоми қалбам камбағалиро бад мебинам. Ҳамон нӯҳ соли зиндагӣ дар афсурдагӣ ва тарс, бо маънои аслӣ, дӯзахи ҳақиқӣ дар рӯи замин буд! Умедворам, шумо дар ёд доред, ки оромии шанбе ба шумо тааллуқ дорад, чуноне ки ба ман низ! Дар боби навбатӣ ман ба шумо кӯмак кардан мехоҳам, то бифаҳмед, ки чӣ тавр ба оромии рӯзи шанбе пайваст шуда метавонед.

Дар ин боб ман боз як чизро илова кардан мехоҳам. Вақте ки ман

навиштани ҷумлаҳои қаблиро тамом кардам, ба утоқи корӣ котиби ман ворид шуд ва гуфт, ки ба ман қуттиеро дастрас карданд. Ман мароқ зоҳир карда, онро кушодам. Маълум шуд, ки дар он ду милтиқ ҳаст. Ин хеле илҳомбахш аст! Гӯё Худо барои ҳар чизе, ки ман дар ин ҷо навиштам, “Омин” гуфт.

Пас аз он ки ин китоб чоп шуд ва ман як миқдор нусхаҳои аввалини чопшударо гирифтам, аввалин бор дар анҷумани Revolution (“Инқилоб”) дар Атланта ин принсипҳоро бо фараҳмандӣ таълим додам. Ман бо хурсандӣ ба ҳамаи ширкаткунандагон китоби нави худро муаррифӣ кардам. Вақте ки ман барои ба саҳна баромадан ва суханронӣ кардан омодагӣ мегирифтам, котиб маро ҷеғ зада, гуфт, ки ҷавонмарде занг зад, ки ба ман ду милтиқ тӯҳфа карда буд, ва ӯ зуд бо ман сӯҳбат кардан мехоҳад. Ман зуд ба ӯ занг задам. Ӯ аз занги ман хеле хурсанд шуд ва фаҳмонид, ки ӯ худи ҳозир дар дафтари кории ширкати “Юпиэс” буд, то ки ба ман боз ду милтиқ фиристонад!

Ғайр аз ин, ӯ ба Дренда милтиқ фиристод, вале азбаски ӯ медонад, ки Дренда шикор намекунад, ба вай 1500 доллар бо пулҳои коғазии саддолларӣ маблағ фиристод. Ман дар ҳайрат мондам. Ман ҳис кардам, ки Худо маро дар корам боз рӯҳбаланд мекунад ва мегӯяд, ки давом диҳам. Одамон дар бораи ин бояд донанд. Худо мехоҳад, ки шумо инро донед! Умуман, вақте ки ман ба хона омадам, бо ҳаяҷон тӯҳфаро кушодам. Ман ва Дренда милтиқҳои думилаи наву зеботарини браунинг гирифтем. Боз ман туфанги нимавтоматикии браунинг-голди калибраш 20-ро гирифтам, ва Дренда, албатта, 1500 доллари худро. Ҳиссаи дучанд!

Эҳтимол, шумо фикр мекунед, ки чаро ҳамин қадар милтиқи зиёд лозим аст. Бояд иқрор шавам, ки ҳоло ман дар ҳақиқат коллексияи силоҳҳои зебо ва боз ба замми ин пурарзиш дорам, ва ман айни ҳамон саволро додам. Худо ба ман ошкор кард, ки бо ин тарз Ӯ хост ба ман нишон диҳад, ки захираҳои Ӯ чӣ қадар бузурганд, ва таъминоти Ӯ аз тамоми умедвориҳои ман зиёданд, ва он хеле бештар аст аз андозае, ки танҳо барои зиндамонӣ зарур аст. Ман инро мегирам! Ман инро мебинам!

БОБИ 10

# СИРРИ ҲИССАИ ДУЧАНД

Ман аллакай гуфтам, ки шанбе чӣ аст ва чӣ тавр он ба туфайли ҳиссаи дучанд имконпазир мегардад. Шумо бояд савол диҳед: “Чӣ тавр ман ҳиссаи дучандро гирифта метавонам?” Хуб, ман хурсандам, ки шумо ин саволро медиҳед! Барои ҷавоб ёфтан ба ин савол, биёед ба воқеае, ки дар он Исо 5000 одамонро бо панҷ нон ва ду моҳӣ сер карда буд, бармегардем.

*Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада гуфтанд: «Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд; инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта, барои худ ноне бихаранд; зеро ки ҳеҷ хӯроке надоранд».*

*Ӯ дар ҷавобашон гуфт: «Шумо ба онҳо хӯрок диҳед». Ба Ӯ гуфтанд: «Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?»*

*Аз онҳо пурсид: «Чандто нон доред? Рафта бинед».*

*Онҳо дарёфта, гуфтанд: «Панҷ нон ва ду моҳӣ».*

*Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шинонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон*

*нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд. Ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд. Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

– Марқӯс 6:35-44

**АЗ САЪЙ КАРДАН БА ҚАНОАТМАНДИВУ ШИКАМСЕРӢ ДИДА, УСУЛИ БЕҲТАРИ ЗИСТАН ВУҶУД ДОРАД. БО МАФКУРАИ ҚАНОАТМАНДӢ КОРИ БЕШТАРРО БА АМАЛ ОВАРДАН ҒАЙРИИМКОН АСТ. ТАВАҶҶӮҲ ТАНҲО БА ИМРӮЗ БИНИШРО ТО САТҲИ СЕРШАВӢ МАҲДУД МЕКУНАД.**

Қаблан мо аллакай дар бораи ин ҳикоя гуфта будем, аммо дар ин ҷо ҳақиқатан ҳам дар бораи ҳиссаи дучанд ишораҳои муҳим вуҷуд дорад.

Дар ин ҳикоя Исо бо роҳи фавқуттабиӣ нон ва моҳиро зиёд кард, ва одамон ба серӣ хӯрданд. Ман тахмин мекунам, ки тақрибан 20 000 одам, аз ҷумла занону кӯдакон, буданд, ва сер кардани ҳамин миқдор одамон бо панҷ нону ду моҳӣ – ин, албатта, кори Худо. Ва барои ин мо метавонем Подшоҳии Худо ва роҳҳои амали онро ҷалол диҳем. Аммо он чиз, ки одамон сер карда шуданд, – ин тасвири нопурраи воқеа, ва агар шумо бо ҳамин тамом кунед, он гоҳ ҳиссаи дучандро намефаҳмед. Биёед каме амиқтар таҳқиқ мекунем.

Аз саъй кардан ба қаноатмандиву шикамсерӣ дида, усули беҳтари зистан вуҷуд дорад. Бо мафкураи қаноатмандӣ кори бештарро ба амал овардан ғайриимкон аст. Таваҷҷӯҳ танҳо ба имрӯз биништро то сатҳи сершавӣ маҳдуд мекунад.

*Ҳама хӯрданду сер шуданд.* ***Ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд.*** *Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

Ин матн ба мо чӣ мегӯяд? Пас аз он ки ҳама хӯрданд, дувоздаҳ сабадро аз пораҳои нон ва моҳӣ пур карданд. Таърифи ҳиссаи дучанд – ин аз андозаи кофӣ бештар доштан. Кофӣ – ин, яъне ба таври кифоя сер шудан, вале дувоздаҳ сабад аз андозаи кофӣ бештар аст. Лутфан, бигзор ин тафовут дар шуури шумо реша давонад. Ман мехоҳам, ки дар майнаи шумо дар бораи андозаи кофӣ ва ҳиссаи дучанд тасаввуроти аниқ пайдо шавад. Ман вақт надорам, то диққати худро чуқур ба он равона кунам, ки Исо барои амалӣ кардани қисми аввали ин воқеа – сер кардани 5000 одам дар он вазъият қуввати Подшоҳиро истифода бурд. Аммо шумо дар китоби аввали ин силсила, ки "Инқилоби молиявии ту. Қуввати ризоият" ном дорад, шарҳи пурра пайдо карда метавонед.

Ба ҷои ин ман мехоҳам, ки ба ҳиссаи дучанд, ба сершавии аз ҳад бештар, ва ба он, ки ин чӣ тавр дар ин ҳикоя рӯй дод, диққати худро равона кунам. Бале, ин воқеаи аҷоиб аст – 20 000 одамон сер шуданд, олиҷаноб! Аммо дар Подшоҳии Худо, назар ба ҳамту сершавӣ, чизи бузургтаре ҳаст, гарчанде, албатта, пеш аз сершавии бештар аз ҳад, аввал шумо бояд сер шавед. Сершавӣ, қаноатмандӣ – ин хуб, аммо рӯзи фардо чӣ мешавад? Ман гуфтан мехоҳам, ки агар фақат сершавӣ ба мақсади мо табдил ёбад, пас, вақте ки боз гурусна мешавед, чӣ рӯй медиҳад? Аксари масеҳиён дар ҳолати сершавӣ қарор доранд, аммо ҳиссаи дучандро аз даст медиҳанд. Маҳз ҳиссаи дучанд шанбеи Худовандро имконпазир мегардонад. Сершавӣ – ин танҳо ҳалли муваққатии масъала. Он мушкилии таъминотро ҳал намекунад. Донистани он, ки шумо боз гурусна мешавед, ҳатто агар ҳоло гурусна нестед, ба тарсу ваҳм дарро боз мекунад, ва шуморо маҷбур мекунад, ки гурехта, бо фикри мубориза барои зиндамонӣ меҳнат кунед. Не, танҳо аз саъй кардан ба қаноатмандӣ ё сершавӣ дида, роҳи беҳтари зистан вуҷуд дорад. Бо мафкураи қаноатмандӣ кори бештарро ба амал овардан ғайриимкон аст. Таваҷҷӯҳ танҳо ба имрӯз бинишро то сатҳи сершавӣ маҳдуд мекунад. Сершавиро мақсади худ гардонидан маънои онро дорад, ки одам чун пештара дар системаи малъуни заминии меҳнати пурмашаққат бо арақи

ҷабин зиндамониро ҳадафи асосии худ қарор медиҳад.

**Касе, ки толиби сершавӣ аст, барои як рӯз сер мешавад, ҳиссаи дучанд рӯзи фардоро бунёд мекунад!**

Биёед ман ба шумо як мисоли тафаккурро дар соҳаи фарҳанг ва инчунин дар аксари калисоҳо нишон диҳам. Аз шахси дилхоҳ пурсед, ки ҳолати молиявии ӯ чӣ гуна аст ва шумо ҷавобҳои зиёде хоҳед гирифт, ки, эҳтимол, на он қадар хубанд. Вале агар шумо ҷавоби мусбат гиред, вақте касе мегӯяд: “Дар мо ҳама чиз олӣ аст”, аз онҳо пурсед: “Шумо пули хонаатонро кай пардохт кардед?” Онҳо, эҳтимол, бо тааҷҷуб ба шумо нигоҳ мекунанд ва мегӯянд: “Хуб, мо то ҳол пули хонаро пурра пардохт накардаем. Мо танҳо онро дар назар доштем, ки ҳамаи ҳисобҳоро пардохт мекунем ва мо дар ҳисоби бонкиамон як миқдор пасандоз ҳам дорем”. “Хеле хуб! – хитоб мекунед шумо. – Ҳоли шумо, бачаҳо, хеле хуб аст. Бигӯед, дар бонки шумо пулатон аз 10 000 доллар зиёд аст?” Албатта, гумон аст, ки касе чунин савол диҳад, аммо агар шумо мепурсидед, ва онҳо ҷавоб медоданд, он гоҳ ҷавоб тақрибан чунин мешуд: “Не, мо 800 доллар пул дорем”. Ин одамон комилан ҷиддӣ фикр мекунанд, ки дар ҳаёти молиявии онҳо ҳама чиз хуб аст, чунки онҳо мошини хуб, хона ва дар бонк каме пул доранд. Онҳо тарзи ҳаётеро мавъиза мекунанд, ки дар сершавӣ асос ёфтааст. Хуб, фарз кардем, ки дар бонк 100 000 доллар ё беҳтараш 500 000 доллар пул доред ва дар баробари ин қарзи хонаро пардохт мекунед, оиди ин чӣ мегӯед? Барои аксари одамон ин тасвири аз андозаи кофӣ бештари ҳаёт мебошад. Қаноатмандӣ – ин хуб ва зарур, вале дар анбори худ дувоздаҳ сабад нону моҳӣ доштан – ин бештар аз андозаи кофӣ, ва дар ин оромӣ ҳаст!

Боре ман бо як мизоҷ нишаста, молиёти ӯро муҳокима мекардем. Ман қарзҳои ӯро таҳлил мекардам, ӯ аз рӯи корти қарзиаш чил ҳазор доллар қарздор буд. Маблағҳои ӯро аз назар гузаронида, дидам, ки вай дар суратҳисоби чекии худ 40 000 доллар маблағ дорад. “Ҷо, – гуфтам ман, - ин хеле осон аст. Шумо барои пардохт кардани се корти қарзӣ пули кофӣ доред. Қарзҳоро пардохт кунед!” Аммо медонед-

чӣ? Ҷо гуфт, ки ин корро кардан намехоҳад. Ман ҳайрон шуда, аз вай пурсидам, ки чаро намехоҳад. Ӯ гуфт, ки дар суратҳисоби чекӣ пул нигоҳ дошта, ӯ худро бехатар ва аз ҷиҳати молиявӣ муваффақ ҳис мекунад. Ман ҳамту ба вай нигоҳ кардам. "Вақте мегӯед, ки ин ба шумо имкон медиҳад, то худро сарватманд ҳис кунед, чиро дар назар доред? Ин хобу хаёл аст. Гарчанде шумо дар суратҳисоби чекии худ 40 000 доллар пул дошта бошед ҳам, дар асл шумо 40 000 доллар пул надоред, чунки шумо 40 000 доллар қарз доред. Фикри шумо дурӯғ аст ва барои ин фиреб шумо пули калон месупоред".

Мо тақрибан як соат сӯҳбат кардем, ва ӯ ҳанӯз ҳам дарк карда наметавонист, ки чаро вай бояд ақаллан қисми калонтари пулеро, ки дар суратҳисоби худ дорад, барои пӯшонидани қарзе равона кунад, ки аз боиси он вай ба меҳнати сахт маҷбур аст. Пас аз соати навбатии боваркунониҳо ман таслим шуда, ба хона рафтам. Ӯ гумроҳ буд, вай бо нигоҳ доштани ин маблағҳо дар суратҳисоби чекӣ, худро бо ҳеҷ гуна бехатарӣ таъмин намекард. Оҳ, ман медонам, ки вақте бо нишондоди он, ки ӯ дар бонк 40 000 доллар пул дорад, аз бонк хатча меомад, ба вай маъқул буд. Аммо барои тасаввуроти дуруст бардоштан оиди вазъи молиявии худ ба ӯ лозим буд, ки аз рӯи кортҳои қарзӣ низ хатчаҳоро аз назар гузаронад.

Қаноатмандӣ – ин хуб, аммо он дар шумо ҳисси дурӯғини бехатариро ба вуҷуд оварда метавонад. Каме дуртар нигоҳ карда, фаҳмидан лозим аст, ки хӯроке, ки худи ҳозир хӯрдед, талаботҳои шуморо, ки пас аз чанд соат пайдо мешаванд, таъмин карда наметавонад. Шумо боз гурусна мешавед. Агар шумо танҳо дар пайи зуд бартараф кардани мушкилӣ, зуд қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бошед, шумо ягона чизе, ки дар ҳақиқат зиндагиатонро дигар карда метавонад, яъне ҳиссаи дучандро аз даст медиҳед.

Вақте ки ҳамаи мо дар системаи молиявии малъуни заминӣ, бо меҳнати арақшор, ба воя расидем, мо дар бораи як чиз орзу мекардем – бозистодан! Ман оиди ин дар боби гузашта ёдрас кардам. Мо дар бораи ҳаҷми калони кор ё дигар имкониятҳо орзу намекардем, чунки, рости гап, мо аллакай аз ҳаёт дилгир шуда будем ва танҳо

мехостем, ки то рухсатии минбаъда як илоҷ кунем. Мебинед, ғуломон намехоҳанд, ки боз ҳам бештар кор кунанд. Ғуломон дар бораи як чиз орзу мекунанд – оиди шаби ҷумъа, на субҳи душанбе. Барои чӣ? Чунки ғуломон танҳо як чизро мехоҳанд – бозистоданро. Гӯш кунед, тарзи тафаккури одами заҳматкаш аз қабили “Мехоҳам, ки зуд бас кунам” ба шумо бурдборӣ намебахшад. Агар ҳатто ба хобгоҳи шумо фаришта ворид шуда, идеяеро аз Худо ба шумо расонад ҳам, тарзи тафаккуратон ба шумо халал медиҳад. Инро нависед.

## БАРОИ ГИРИФТАНИ ҲИССАИ ДУЧАНД ШУМО БОЯД СЕРШАВИРО БА НАЗАР НАГИРЕД!

Ин изҳорот барои ҳиссаи дучанд калид мебошад. Ман медонам, ки ҳоло он ба шумо чизе намегӯяд, аммо рӯзе маъно пайдо мекунад. Барои нишон додани он, ки ман чиро дар назар дорам, бори дигар ба воқеаи сер шудани 5000 одам дар Инҷили Юҳанно баргаштан мехоҳам, на дар Инҷили Марқӯс. Дар Инҷили Юҳанно мо айни ҳамон воқеаро бо баъзе ҷузъиётҳое, ки дар Инҷили Марқӯс вуҷуд надоранд, дида мебароем.

> *Исо нонҳоро гирифта, баракат дод ва пора карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба нишастагон доданд, ва ҳамчунин аз моҳиҳо низ ба қадре ки хостанд. Ва чун сер шуданд, Исо ба шогирдон гуфт: «Пораҳои боқимондаро ҷамъ кунед, то ки чизе талаф нашавад».*
>
> – Юҳанно 6:11, 12

Дар ин нақли ҳикоя мо мебинем, ки маҳз Исо ба шогирдон фармуд, ки рафта, пораҳои боқимондаро ҷамъ кунанд, то ки як зарра ҳам исроф нашавад. Ман мехоҳам, ки шумо инро фаҳмед. Ӯ маҷбур шуд, то ба онҳо бигӯяд, ки ин корро кунанд, чунки онҳо имкониятҳоро намедиданд. Ба ҷои онҳо худро гузоред. Шумо сер ва қаноатманд ҳастед, ва ягона чизе, ки шумо мехоҳед, – ин дароз кашида, ғанаб кардан. Аз боиси тайёрии худ дар системаи малъуни заминӣ ва

тафаккури ғуломӣ шумо чунин меҳисобед, ки агар шикаматон сер шуда бошад, пас вақти бозистодан фаро расидааст. Мебинед, аз рӯи тафаккури ғуломӣ одам танҳо дар он вақт кор мекунад, ки ба ӯ лозим аст, аммо вақте ки лозим нест, вақте ки ӯ қаноатманд аст, ӯ бозмеистад. Исо маҷбур шуд, то фармоиш диҳад, ки чизҳои дар пеши назари онҳо бударо ҷамъ кунанд. Боқимондаҳои хӯрок дар замин дар гирду атрофи онҳо мехобиданд, аммо онҳо каме саъю кӯшиши худро ба харҷ намедоданд, ки онҳоро ҷамъ кунанд. Боз ҳам, аз рӯи фаҳмиши онҳо, ғайр аз он ки ин пораҳоро ба паррандаҳо боқӣ гузоранд, дигар чӣ кор ҳам карда метавонистанд?

Исо кӯшиш мекард, ки ба онҳо чизеро ёд диҳад, чизи муҳимеро. Исо баъд аз он, ки ба онҳо ҷамъ кардани пораҳои боқимондаро фармуд, онҳоро таъкид кард, ки ҳеҷ чиз талаф нашавад! Аммо ин чӣ маъно дорад? Шумо сер шудаед, қаноатмандед, ва дигар ҳеҷ кас, ҳадди ақал ҳозир, нон ва моҳӣ намехоҳад. Аммо мушкилӣ дар чӣ аст – агар аз андозаи даркорӣ бештар ҷамъ накунӣ, шанбе ғайриимкон аст.

Вақте ки исроилиён рӯзи шашум манн ҷамъ мекарданд, ба онҳо амр карда шуда буд, ки бештар аз андозаи даркорӣ ҷамъ кунанд. Аз андозаи даркорӣ барои ҳамон рӯз зиёдтар ҷамъ карда, онҳо худро барои рӯзи ҳафтум, яъне барои рӯзи истироҳат таъмин карданд. Исо ба шогирдони Худ таълим дод, ки аз он чизе, ки ҳаст, қаноатманд нашаванд, балки ба таъминоти пурраи Подшоҳӣ саъй кунанд. Боз ҳам, шумо бо як сершавӣ ояндаи худро бунёд карда наметавонед, аммо шумо бо ҳиссаи дучанд бунёд карда метавонед. Сершаванда нони имрӯзаро мехӯрад, аммо дувоздаҳ сабад пораҳои боқимонда ба мо барои фардо имкони интихоб медиҳад.

Ин принсипи калидӣ аст, ки ман мехоҳам, то шумо бинед.

Гарчанде шогирдон боқимондаҳои ғизоро надиданд, то даме ки Исо ба онҳо ишора накард, Худо *аллакай ба онҳо баракати шанбе, яъне ҳиссаи дучандро дод.* Фақат онҳо инро пайхас накарданд. Подшоҳии Худо аллакай хӯрокро таъмин кард, нон ва моҳиро афзун намуд ва ҳамаи ин одамонро сер кард, аммо Подшоҳии Худо доимо ҳиссаи дучанд медиҳад. Худо ҳеҷ гоҳ танҳо ба андозаи кофӣ

намедиҳад, *Ӯ ҳамеша аз андозаи кофӣ бештар медиҳад.* Мушкилӣ дар он аст, ки шумо, шояд, инро намебинед!

> *Бидиҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд: ба андозаи хуби ҷунбонидаю фишурдашуда ва лабрез ба домани шумо хоҳанд рехт; зеро ба кадом андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда хоҳад шуд.*
>
> – Луқо 6:38

Бидиҳед, ва ба шумо дода мешавад: ба андозаи хуби ҷунбонидаю фишурдашуда. Аммо оят бо ҳамин тамом намешавад. Андозаи шумо, ҷунбонидаю фишурдашуда – ин таъминоти шумо барои ин рӯз. Аммо дар идомаи оят гуфта мешавад: “ва лабрез”! Лабрез – ин ҳиссаи дучанд. Худо доимо ҳиссаи дучанд медиҳад, ҳеҷ гоҳ ихтисор намекунад! Вале агар шумо дар ин бора надонед, ва нон фаровон шавад, шумо имкон медиҳед, ки он ба замин афтад, чунки шумо комилан ба ҳиссаи ғизое, ки барои сершавии ҳозира зарур аст ва он дар назди шумост, мутамарказ шудаед, ва барои ба даст овардани лабрезшавӣ тайёр нестед. Бо ҳамин тариқ шумо ҳиссаи дучандро гирифта наметавонед ва аз он лаззат намебаред. Аммо агар мефаҳмидед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад, таъминоти пурраро пешбинӣ карда ва дониста, шумо барои амал кардан ва гирифтани ҳар чизе, ки Худо ба шумо медиҳад, тайёр мебудед.

Ба ман иҷозат диҳед, ки ба шумо мисоли дигар биёрам.

> *Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам». Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд. Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт: «Худовандо!*

*Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам». Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд, ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд.*

– Луқо 5:5-10

Ин як қисми ҳикоя аст, ки пештар хондем. Петрус ду қаиқ дошт, ки ба туфайли моҳии бисёри Подшоҳии Худо пур шуда, қариб ғарқ шуда буданд. Ин ба тасаввуроти ӯ оиди моҳидорӣ мухолиф буда, ӯро ҳайрон кард. Аммо чӣ рӯй медод, агар дафъаи дигар Исо мегуфт: “Эй, Петрус, ба чуқуроб бирон, ва ту чи қадаре ки хоҳӣ, ҳамон қадар моҳӣ ба даст меорӣ”? Шумо чӣ фикр доред, оё ӯ ду қаиқ мегирифт? Шубҳа дорам. Ӯ чи қадаре ки аз рафиқони худ қарз гирифта метавонист, ҳамон қадар қаиқ ҷамъ мекард. Барои чӣ? Зеро ӯ оиди он, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, интизориҳо ва донишҳои дигар дошта метавонист.

Мақсад аз ин муҳокимарониҳо боварӣ ҳосил кардан ба он аст, ки шумо мефаҳмед, ки тамоми таъминоти Худоро намебинед. Албатта, аксаран ин таъминот дар намуди пулҳои коғазӣ муҳайё намешавад. Аммо он дар намуди идея, таъиноти илоҳӣ ва дастурҳои Рӯҳулқудс фароҳам меояд. Агар мо тайёр набошем, яъне оиди ҳиссаи дучанд фаҳмиши дуруст надошта бошем, аз боиси одати мубориза барои зиндамонӣ дар шароитҳои лаънати заминӣ мо онро сарфи назар мекунем.

Дар ҳикояи зиёдкунии нон Исо кӯшиш мекунад, ки шогирдони Худро оиди он таълим диҳад, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад, чиро интизор шудан ва чиро пешбинӣ кардан лозим аст. Азбаски мафкураи ғуломии онҳо барои дидани тамоми потенсиали пораҳои нонеро, ки дар гирду атроф мехобиданд, иҷозат намедод, Ӯ маҷбур шуд, ки ба онҳо нигоҳ карданро ёд диҳад: “Шумо чӣ мебинед? Нигоҳ кунед! Шумо тамоми чизҳоеро, ки Худо ба шумо тайёр кардааст, намебинед”.

Ман як лаҳза мехоҳам, ки ба боби 16-уми Китоби Хуруҷ рӯ оварам, зеро боз як лаҳзае ҳаст, ки ман мехостам таъкид кунам.

*Ва онро ҳар субҳ, ҳар яке ба андозаи хӯрдани худ, мечиданд; ва ҳамин ки офтоб гарм мекард, вай об мешуд. Ва чунин воқеъ шуд, ки дар рӯзи шашум дучандон нон чиданд, яъне ду ӯмар барои ҳар одам; ва ҳамаи сардорони ҷамоат омада, ба Мусо хабар доданд. Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Ин аст он чи Худованд гуфтааст: фардо оромӣ, шанбеи муқаддаси Худованд аст, он чи пухтан хоҳед — бипазед, ва он чи ҷӯшонидан хоҳед — биҷӯшонед, ва ҳар он чи зиёдатӣ кунад, барои худ саришта карда то субҳ нигоҳ доред». Ва онро то субҳ нигоҳ доштанд, чунон ки Мусо амр фармуда буд; ва он бӯй нагирифт, ва кирм ҳам дар он пайдо нашуд. Ва Мусо гуфт: «Имрӯз онро бихӯред, зеро ки имрӯз шанбеи Худованд аст; имрӯз онро дар саҳро нахоҳед ёфт. Шаш рӯз онро бичинед, ва рӯзи ҳафтум шанбест; он дар ин рӯз нахоҳад буд». Ва чунин воқеъ шуд, ки баъзе аз қавм барои чидан баромаданд, вале наёфтанд. Ва Худованд ба Мусо гуфт: «То ба кай аз риоя кардани аҳком ва дастуроти Ман гардан мекашед? Бубинед, ки Худованд шанберо ба шумо бахшидааст, бинобар ин Ӯ дар рӯзи шашум нони дурӯзаро ба шумо медиҳад; пас, ҳар яке дар ҷои худ биншинед, ҳеҷ кас дар рӯзи ҳафтум аз маконаш берун наравад!» Ва қавм дар рӯзи ҳафтум ором гирифтанд.*

– Хуруҷ 16:21-30

Чуноне ки мо аллакай гуфтем, ҳиссаи дучанд – ин чизе, ки шанберо имконпазир гардонд. Аммо чӣ аҷиб аст – гарчанде Худо дар рӯзи шашум ҳиссаи дучандро фароҳам овард, бисёриҳо ба ҷустуҷӯи он рафтанд ва дар рӯзи истироҳат онро наёфтанд. Гап дар он нест, ки Худо дар фароҳам овардани ин ҳисса сазовори эътимод шуда натавонист. Онҳо ҳамту онро надиданд, зеро оиди ҳиссаи дучанд, ки дар рӯзи шашум аллакай дода шуда буд, фаҳмиши дуруст

надоштанд. Онҳо, одатан, барои як рӯз ҷамъ карданд. Акнун бошад, рӯзи ҳафтум гурусна монда, тамоман чизе пайдо накарданд. Аз нуқтаи назари онҳо, эҳтимол, Худо фиреб дод. Аммо Худо ҳеҷ касро фиреб намедиҳад, онҳо ҳамту принсипи ҳиссаи дучандро намедонистанд. Агар онҳо медонистанд, ба таври дигар нақша тартиб медоданд.

Ҳоло чӣ қадар одамон дар ҷустуҷӯи чизе ҳастанд, ки ба онҳо лозим аст, вале намефаҳманд, ки Худо аллакай онро фиристодааст? Ба назари ман, дар ин порча он далел, ки Худо дар асл ба онҳо хашмгин аст, хеле мароқангез мебошад, чунки онҳо ба андозаи кофӣ ҷамъ накарданд! Аҷиб аст, ки чӣ тавр инро дар калисоҳои мо мавъиза кардан мумкин мебошад?

> *Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард, то ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*
>
> – 2 Қӯринтиён 9:10, 11

Павлус хеле возеҳ мефаҳмонад, ки таъсири Подшоҳии Худо аз он иборат аст, ки шумо дар ҳар соҳа сарватманд мешавед, то ки дар ҳар гуна вазъият имкон пайдо кунед, ки саховатманд бошед. Дӯстам, ин ҳиссаи дучандро талаб мекунад. Агар шумо ба фаровонӣ надошта бошед, дар ҳар гуна вазъият саховатманд буда наметавонед.

Дар яке аз бобҳои пештара ман ба шумо нақл кардам, ки чӣ тавр бо ҳамон як таъминкунанда аз бизнеси маҳсулнокиаш се-чор миллион доллар дар як сол ба бизнеси маҳсулнокиаш бештар аз ёздаҳ миллион доллар дар як сол гузаштам. Ва ин афзоиш ҳамагӣ дар як сол рӯй дод. Ман ҳамчунин ба шумо гуфтам, ки ин чӣ тавр рӯй дод: Худо ба ман хобе дод, ва дар он ба ман омӯзонид, ки чӣ тавр бояд инро иҷро кунам. Аммо акнун ман он чиро, ки Ӯ ба ман гуфт, ба шумо бояд нақл кунам, зеро акнун ин барои шумо маъно хоҳад дошт. Дар хоб Худо ба ман танҳо се калима дод. Маҳз ҳамин тавр, ҳамагӣ

се калима. Ин се калима ҳамон сол даромади маро ба садҳо ҳазор доллар афзун гардониданд, дар баробари ин ман назар ба пештара дигар чорабиниҳои маркетингӣ ё рекламаҳо ташкил накардам. Ман, ба ғайр аз худам, дар кори ширкати худ чизеро иваз накардам. Ин се калима ба тағйир додани ҳар чизе, ки шахсан ба ман алоқамандӣ дошт, имкон доданд, ва ин тағйиротҳо бизнес ва даромаднокии моро бештар аз се-чор маротиба афзоиш доданд. "Ин се калима аз чӣ иборат мебошанд?" – мепурсед шумо. "Фурсатро ғанимат дон!"

Бале, фурсатро ғанимат донистан. "Ва бо ҳамин тамом? Ва ин се калима ҳамаи ин корро иҷро карданд?" Бале, иҷро карданд. Вақте дарк мекунед, ки Худо ДОИМО бо таъминоти Худ ҳиссаи дучанд медиҳад, шумо мефаҳмед, ки Ӯ ба ман чӣ гуфта буд.

Ширкати ман, ба мисли тамоми ширкатҳои тиҷоратӣ, ба одамон кӯмак карда, фоида мегирад. Чи қадаре ки ширкат ба одамон бештар кӯмак расонад, ҳамон қадар бештар даромад мегирад. Ин рост аст, вале боз он чиз рост аст, ки бисёр ширкатҳои тиҷоратӣ ё аз сабаби назорати бад ва ташкили нодурусти кор бо корафтодагони худ, ё аз сабаби ҷустуҷӯ ва ҷалби нокифояи муштариёни нав эҳтиёҷоти мизоҷони худро қонеъ карда наметавонанд.

Дар мавриди худамон гуфтан мумкин аст, ки мо хеле сахт банд будем, ва гарчанде ин бад нест, гоҳе мо ба дархостҳои муштариёни худ зуд ҷавоб дода наметавонистем. Дар мавриди худам, ман бо мизоҷон дар соҳаи сармоягузорӣ кор мекунам, ва ин ба ман хеле маъқул аст. Вале аз рӯи ҷадвали ман, вақте ки мизоҷи потенсиалӣ оид ба сармоягузориҳо занг мезанад ва ӯро барои вохӯрии шахсӣ ба назди ман равона мекунанд, ман на ҳама вақт ба вай дар давоми бисту чор соати аввал занг зад метавонам.

**ХУДОВАНД БА МАН ГУФТ, КИ ЛАБРЕЗШАВӢ, ШАНБЕ, АЛЛАКАЙ ДАР ОН ҶОСТ. Ӯ АЛЛАКАЙ ОНРО ТАЪМИН КАРДААСТ. МАН ФАҚАТ ОНРО НАМЕДИДАМ!**

Шумо медонед, вақте ки одамон саволҳо медиҳанд, онҳо ҳамон ширкатеро интихоб мекунанд, ки ба онҳо зуд ҷавоб медиҳад. Баъзан мавқуф гузоштани зангҳо

ба мизоҷони потенсиалӣ барои муҳокимаи талаботҳои шахсии сармоягузории онҳо зарар расонида метавонад. Онҳо ба каси дигаре занг зада метавонанд, ки барои ҷавоб додан ба саволҳои онҳо озодтар аст. Мумкин аст, ки ҳама чиз аз рӯи нақша пеш наравад, аммо ҳалли масъала аз он иборат аст, ки вақте одамон ҷавоб интизор мешаванд, ҷавобҳо бояд тайёр бошанд.

Бинобар ин, вақте ки Худованд ба ман ин се калимаро дод, ман фаҳмидам, ки онҳо чӣ маъно доранд. Агар ман дар ҳақиқат муваффақ шудан хоҳам, ба шумори даҳ нафари беҳтарин ворида шуда, дар ҳаҷми 100 000 доллар имтиёз гирифтанӣ бошам, ба чизҳо бояд ба таври дигар назар мекардам. Ман бояд аз фурсат истифода мебурдам! Бинобар ин ман тарзи рафтори худро дигар кардам. Ман қоидаеро ба роҳ мондам, агар касе занг занад ва дар бораи сармоягузорӣ маслиҳат пурсад, ман дар давоми ду дақиқа дубора ба вай занг мезанам, ба қадри имкон, зуд бо вай вомехӯрам. Мизоҷони ман дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ҳастанд, ва иҷроиши ин ӯҳдадорӣ хеле душвор ба назар мерасид. Аммо ман ба ин омода будам. Ман ба роҳбари ширкати худ занг зада, ба вай нақл кардам, ки Худо ба ман чӣ гуфт, ва аз ӯ хоҳиш кардам, ки инро ба ҳамаи намояндагони ман расонад, то онҳо низ чунин муносибатро нигоҳ доранд ва ҳар як имкониятро, вақте ки он пайдо мешавад, истифода баранд. То охири сол мо аз рӯи ин таъминот, ки барои ворид шудан ба даҳгонаи беҳтарин зарур буд, 11 миллион доллар муомилот кардем. Аммо ғайр аз ин, мо ҳамчунин барои таъминкунандагони дигар миллионҳои дигарро фароҳам овардем.

Ин аст лаҳзаи кашфиёти бузург. Мо ҳеҷ чизро иваз накардем, танҳо ба мизоҷи нав, ки бо мо сӯҳбат кардан мехост, зуд вокуниш нишон додем. Мебинед, Худованд ба ман гуфт, ки лабрезшавӣ, шанбе, аллакай дар он ҷост. Ӯ аллакай онро таъмин кардааст. Ман фақат онро намедидам!

Бинобар ин, ягон қонуни Подшоҳӣ оиди ҳиссаи дучанд вуҷуд надорад, ки чӣ тавр гирифтани ҳиссаи дучандро фаҳмонад. Ҳиссаи дучанд ҳамеша вуҷуд дорад. Худо доимо дар сатҳи ҳиссаи дучанд таъмин мекунад.

## ХУДО ҲЕҶ ГОҲ ТАНҲО БАРОИ ИН РӮЗ ТАЪМИНОТ НАМЕФИРИСТАД. Ӯ ДОИМО *БО ОН* ҲИССАИ ДУЧАНД МЕФИРИСТАД!

Боз ҳам, мушкилии мо дар он аст, ки мо ҳамту ҳиссаи дучандро намебинем.

**Аммо мушкилии боз ҳам калонтар аз он иборат аст, ки мо ҳатто намедонистем, ки онро ҷустуҷӯ кардан лозим аст!**

Ба ман суханони Исо маъқул аст: "То ки чизе талаф нашавад!" Худо ҳамаи ин чизро ато кардааст, ва Ӯ мехоҳад, ки шумо онро гиред. Ӯ зиқ шуда буд, ки одамон дар рӯзи ҳафтум манн меҷӯянд, дар ҳоле ки Ӯ аллакай онро фиристодааст. Ӯ ба Мӯсо хотиррасон кард, ки онро рӯзи шашум фиристодааст, то ки онҳо онро гирифта тавонанд ва аз шанбе лаззат баранд. Дар асл, Ӯ ба онҳо гуфт: "Шанбе барои Ман не, барои шумо аст. Ана барои чӣ Ман ба шумо ҳиссаи дучандро фиристодам". Оё шумо мешунавед, ки чӣ тавр Исо айни ҳамонро мегӯяд? "Эй, бачаҳо, ин пораҳоро гирифта, бо тартиб ҷо ба ҷо кунед. Худо онро ба шумо фиристодааст, то ки шумо аз ҳиссаи дучанд лаззат баред ва оромӣ ёбед".

Дар воқеае, ки Исо 5000 одамонро бо панҷ нон ва ду моҳӣ сер карда буд, шогирдон пораҳои боқимондаро надиданд. Онҳо ҳатто онҳоро ҷустуҷӯ накарданд. Аммо Исо ба онҳо гуфт, ки онҳоро ҷамъ кардан лозим аст, ва ҳосил талаф нашуд. Имрӯз Рӯҳулқудс бояд ба мо кӯмак кунад, ки аз сершавӣ дуртарро бинем ва ҳиссаи дучандро ба даст орем. Агар талаб кунем, Ӯ ба мо чизеро нишон медиҳад, ки намебинем. Аз ҳама асосиаш, ки, умедворам, шумо аллакай ёд гирифтед, аз он иборат аст, ки ҳиссаи дучанд аллакай ба шумо фиристода шудааст, ба шумо фақат лозим аст, ки онро гиред.

Азбаски ҳиссаи дучанд – ин илоҷи *ягонаи* раҳоӣ аз системаи малъуни заминӣ, ки аз меҳнати пуразоб бо арақи ҷабин иборат аст, шайтон онро бад мебинад. Ӯ кӯшиш мекунад, то масеҳиёнро бовар кунонад, ки агар дар ду ҷой кор карда, нӯг ба нӯг зиндагӣ кунанд,

то ки ҳисобҳоро пардохт карда тавонанд, пас ҳамааш хуб аст. Аммо вай масеҳиеро, ки барои дастгирии Подшоҳии Худо пул дорад ва бе тарс ва ташвиши молиявӣ зиндагӣ мекунад, боздоштан мехоҳад. Нияти шайтон аз он иборат аст, ки тамоми умр шуморо дар банди қашшоқӣ нигоҳ дорад, то ки шумо бадбахтона зиндагӣ кунед, ва ба ҳеҷ чиз таъсир нарасонед. Пул – ин таъсир! Шайтон ҳама корро иҷро мекунад, то ки шумо баракати Худоро нагиред. Ана барои ҳамин фаҳмидан зарур аст, ки ман ба шумо чӣ мегӯям.

## Ҳиссаи дучанд пинҳон карда шудааст!

Фурсати он расид, ки ба шогирдон барои нафаси озод кашидан имкон дода шавад. Сабабе вуҷуд дошт, ки онҳо лабрезшавиро надиданд. Албатта, чуноне ки мо аллакай гуфтем, онҳо ҳатто ҷустуҷӯ накарданд, аммо дар асл омили дигар низ буд.

**НИЯТИ ШАЙТОН АЗ ОН ИБОРАТ АСТ, КИ ТАМОМИ УМР ШУМОРО ДАР БАНДИ ҚАШШОҚӢ НИГОҲ ДОРАД, ТО КИ ШУМО БАДБАХТОНА ЗИНДАГӢ КУНЕД, ВА БА ҲЕҶ ЧИЗ ТАЪСИР НАРАСОНЕД.**

Одатан шумо боқимондаҳои хӯрокро намечинед! Яъне, аз рӯи фаҳмиши онҳо, нон ва моҳӣ, ки дар гирду атроф буданд, танҳо боқимондаҳо буданд. Барои чӣ тангае, ки ба Петрус барои супоридани андоз лозим буд, дар даҳони моҳӣ пинҳон карда шуда буд? Кӣ фикр карда метавонист, ки онро дар он ҷо ҷустуҷӯ кунад? Кӣ фикр карда метавонист, ки ду қаиқи моҳигирони моҳир, ки тамоми шаб заҳмат кашиданд ва ҳеҷ чиз нагирифтанд, аз рӯи суханони устод аз сабаби вазнинии сайди бисёр моҳӣ, ки дар ҳаёти ин моҳигирон аввалин бор рӯй дод, ғарқ хоҳанд шуд? Кӣ фикр карда метавонист, ки зане аз боби 4-уми Китоби дуюми Подшоҳон, ки пул надошт, ғайр аз андаке равған дар хонааш чизе набуд, ва худро муфлис эълон кардан мехост, бо кадом-як тарзе чунон равғани бисёр ба даст меорад, ки

он барои пӯшонидани қарз ва бе қарз зиндагӣ кардани ӯ мусоидат мекунад? Ҳеҷ кас фикр намекард. Кӣ фикр карда метавонист, ки Гэри Киси, ки аз рӯи сатҳи дониш дуюмин талаба аз поёни рӯйхат буд, имрӯз миллионер мешавад ва ҳар рӯз дар назди ҳазорон одамон дар тамоми дунё баромад мекунад? Ҳеҷ кас! Дар ҳамаи ин ҳикояҳо Худо чизи ғайричашмдоштро истифода бурдааст, то ки вазъиятро дигар кунад.

Агар лабрезшавӣ, ҳиссаи дучанд маълум мебуд, ҳамту дар пеши назар меистод, онро шайтон медид ва кӯшиш мекард, ки ба даст дароварад ва бидуздад. Ана барои чӣ Худо хазинаҳои Худро дар пеши назар нигоҳ намедорад. Вақте ки шумо аз таъминот лаззат мебаред ва қаноатмандед, шайтон инро дӯст намедорад, вале чизе, ки дар ҳақиқат ӯ дӯст намедорад, ин аст, ки шумо ба фаровонӣ ва оромии шанбе муяссар мешавед.

Ба ман иҷозат диҳед, ки чизеро ба шумо нишон диҳам, ки шумо бояд дар муносибат бо принсипи кори Худо дар салтанати заминӣ бифаҳмед.

> *Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро, агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд.*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:7, 8

Ин порча ба мо равшан нишон медиҳад, ки агар шайтон нақшаи Худоро медонист, вай тактикаи худро дигар мекард! Ана барои чӣ Худо маҷбур аст, ки пинҳонӣ кор кунад. Шайтон ба ҳама чизи маълум эътино мекард. Аз ҳамин сабаб таъминоти фаровони худро то лаҳзае, ки маҳкам онро медоред ё ба даравидан сар мекунед, ошкор кардан лозим нест. Ман иборае дорам, ки аллакай солҳои бисёр такрор мекунам. Ганҷҳои Худо на аз шумо, балки барои шумо пинҳон карда шудааст.

## *Аз* шумо *барои* шумо пинҳон карда шудааст!

Тавре ки бисёр одамон ба ман мегӯянд, онҳо мехостанд, ки Худо барои додани ҷавобҳои Худ то нисфи шаб интизор нашавад. Аммо, дӯстам, Худо ташвиш намекашад. Ӯ медонад, ки кай мӯҳлати пардохт фаро мерасад, ва барои фоидаи мо Худо дасти Худро хеле барвақт ошкор намекунад, то ки шайтон маҳсули онро нагирад.

> *Ва хазинаҳои зулмот ва ганҷҳои ниҳониро ба ту хоҳам дод, то бидонӣ, ки Ман – Худованде ки туро ба номи ту хондаам, Худои Исроил ҳастам.*
>
> – Ишаъё 45:3

Ганҷҳои ниҳонӣ? Ин аз сенарияи филми бузургтарини Ҳолливуд дида, беҳтар аст. Иҷозат диҳед, то ба шумо мисоли онро биёрам, ки чӣ тавр Худо ба ман кӯмак кард, то дар соҳибкории худ ҳиссаи дучандро ба даст орам. Бисёр сол пештар ман нишаста, ба ҳисоботи солона оид ба фоида ва зарари ширкати молиявии худ нигоҳ мекардам. Ва гарчанде ман қаноатманд будам – ман қарздор набудам ва дар бонк каме пул доштам – ман медонистам, ки бо ҳамин тамом нест. Ман ончунон лоиҳаҳои бисёрро медидам, ки дар Подшоҳӣ маблағгузорӣ кардан мехостам, бисёр корҳоро иҷро кардан лозим буд, ва ҳамаи ин пул талаб мекард.

Вақте ки ман дар ин бора дуо кардам, Худованд ба ман дар бораи истилоҳи пораҳо ҳарф зад. Аввал ман нафаҳмидам, ки Ӯ чиро дар назар дорад, аммо чи қадаре ки дар ин бора бештар дуо кардам ва шунидам, ҳамон қадар бештар фаҳмидам. Ман дар ҳикояе, ки хондем, пораҳоро пайхас накардам. Арзиши онҳо ночиз дониста мешуд – чунки ё ҷамъоварӣ кардани онҳо сарфи беҳудаи нерӯ ҳисоб мешуд, ё арзиши онҳо аз рӯи системаи кӯҳнаи арзишҳо асоснок карда мешуд. Ё, эҳтимол, дарки хато ва маҳдуди истифодаи эҳтимолии онҳо фаҳмиши афзоиши эҳтимолии онҳоро дар муқоиса бо он, ки чӣ тавр онҳо дар айни замон дарк карда мешуданд, маҳдуд мекард.

Боварӣ дорам, ки шумо борҳо шунидаед, ки одамон мегӯянд: “Мо ҳамеша ҳамин тавр мекардем”. Хуб, ман ба шумо гуфта метавонам, ки бо чунин равиш ҳиссаи дучандро гирифта наметавонед.

Вақте ки ман маълумотҳоро аз назар мегузаронидам, Худо ба ман бисёр пораҳоеро нишон дод, ки ман дар рӯи миз гузошта будам ва бояд ҷамъ мекардам. Яке аз вазифаҳои афзалиятнок оиди ҳар як мизоҷ тартиб додани профили пурраи маълумотҳо дар бораи ӯ мебошад, то дида тавонем, ки ӯ чӣ гуна дороиҳо ва қарзҳо дорад. Сипас мо таҳлил мегузаронем, то пулеро пайдо кунем, ки барои пӯшонидани қарз равона кардан мумкин аст. Албатта, мо дар варақи маълумотҳо вазъи кунунии ипотека, меъёри фоиз ва шартҳои қарзро нишон медиҳем. Дар он вақт мо ба мизоҷони худ маслиҳат медодем, ки бо маблағҳои худ хатти қарзӣ бигиранд, то қарзи корти кредитии бо фоизҳои баландро пардохт кунанд, ки он замон фоизи софро аз 21 фоизи муқаррарӣ то 6 фоиз коҳиш дод. Ба туфайли танҳо ҳамин амалиёт як оилаи миёна дар як моҳ аз 500 то 600 доллар сарфа мекард. Вақте ки чунин вазъият ба миён омад, мо мизоҷони худро барои гирифтани қарзи маблағгузорӣ дубора ба бонк мефиристодем.

Барои машғул шудан ба ин ҷанба, ба ман лозим шуд, ки бизнеси комилан навро омӯзам, иҷозатнома гирам, ба курсҳои омодагӣ равам ва бисёр чизҳои дигар. Ман барои ҳамаи ин чизҳо умуман вақт надоштам. Аммо вақте ки дар ин бора дуо кардан гирифтам, Худованд маро водор кард, ки барои таъсис ва идоракунии ширкати ипотекии худ касеро киро кунам, ва ман ҳамин тавр ҳам кардам. Танҳо дар соли аввали кор бо ипотека мо ба таври иловагӣ 160 000 доллар даромади соф гирифтем. Агар ман ба Рӯҳулқудс имкон намедодам, то Ӯ ба пораҳое ишора кунад, ки нигоҳ мекардаму аммо намедидам, ман ҳеҷ гоҳ ин миқдор пул дошта наметавонистам.

Минбаъд ман боз бисёр чизҳоро ҷамъ кардам, ва онҳо пораҳое буданд, ки Рӯҳулқудс нишон дода буд. Як порае, ки ман надидам – аз сабаби тасаввуроти нодурусте оиди он, ки ба ин соҳа мудохила кардан фоида надорад, ки аз дигарон ёд гирифта ё шунида будам – барои мо муваффақияти бузурге гардид. Вақте ки ман ниҳоят ба он

аз наздик нигоҳ кардам, он гоҳ фаҳмидам, ки ҳама гуна маълумоте, ки дар бораи ин соҳа шунидаам, нодуруст будааст, ва дар асл он барои ширкати мо хеле хуб мувофиқ меояд. Ин пора воқеан назар ба бизнес-модели асосии ман даромади бештар овард, ва миллионҳо доллар фоидаро таъмин кард. Ин айнан пораи бисёрмиллиона буд!

Хулоса, иҷозат диҳед, ки инро ба шумо равшан фаҳмонам. Ҳиссаи дучанд бо воситаи ваҳй ба даст оварда мешавад! Ваҳй – ин чизе, ки Рӯҳулқудс ба мо нишон медиҳад, чизе, ки худи шумо фаҳмида наметавонистед. Яъне Рӯҳулқудс чашми шуморо барои дидани чизе во мекунад, ки худи шумо ҳеҷ гоҳ дида наметавонистед. Ин каломи дониш номида мешавад.

## Ваҳй – ин калид ба ҳиссаи дучанд!

Одамон аз ман мепурсанд: "Чӣ тавр ман овози Рӯҳулқудсро шунида метавонам?" Чӣ тавр ман ин идеяҳо ва имкониятҳои махфиро шунида ва аз худ карда метавонам?" Саволҳои хуб. Дар ин китоб барои муфассал нақл кардани он, ки чӣ тавр овози Худоро шунидан мумкин аст, ман вақт надорам. Бинобар ин ман тавсия медиҳам, ки бо китоби дигари ман бо номи "Таъмид бо Рӯҳулқудс" (The Baptism of the Holy Spirit) шинос шавед. Шумо онро дар платформаи Amazon ё дар сайти мо харида метавонед. Дар ин китоб шумо оиди он, ки Рӯҳулқудс чӣ тавр кор мекунад, маълумоти бештар пайдо мекунед. Рӯҳулқудс нақшаҳои махфии Худоро ба мо мекушояд, то ки мо бевосита дар ҳамин ҷо, дар салтанати заминӣ, дар пеши назари шайтон, некӯаҳволӣ ёбем, ва вай пеши роҳи моро гирифта наметавонад. Аммо барои он ки шумо ба самти дуруст равона шавед, биёед ба Номаи аввали Қӯринтиён нигоҳ мекунем.

> *Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай бар тибқи рӯҳ асрорро ба забон меоварад...*
>
> – 1 Қӯринтиён 14:2

Дар ояти 4 гуфта шудааст:

> *Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро обод мекунад.*

Маънои ибораи *обод кардан* "дастур ё фаҳмиш додан" аст. Ман ба ин эҳтиёҷ дорам, шумо низ. Вақте ки дар ин порчаи Китоби Муқаддас дар бораи бо забонҳо ҳарф задан, ё чуноне ки Павлус инро баён мекунад, дуо дар рӯҳ гуфта мешавад, ман шуморо рӯҳбаланд кардан мехоҳам – новобаста ба он ки шумо дар бораи ин вазифаи Рӯҳулқудс шунидаед, ё касе ба шумо гуфтааст, ки он танҳо дар замони ҳавввориён аҳамият дошту ҳоло не ё он аз шайтон аст – Китоби Муқаддаси худро хонед! Дуо дар Рӯҳ – ин танҳо дуои Рӯҳулқудс ба воситаи шумо дар салтанати заминӣ, то ки бо махфӣ доштани рӯйдодҳо аз шайтон иродаи Ӯ иҷро карда шавад. Дуо дар Рӯҳ калиди асосӣ аст барои гирифтани ваҳй аз осмон, ва ман ташвиқ мекунам, то чизеро, ки ман мегӯям, омӯзед. Ва агар дар шумо савол пайдо шавад, китоби маро ба даст гиред. Ман медонам, он ба шумо имкон медиҳад, ки дар бораи аҳамияти аҷоиби Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо тасаввуроти калон пайдо кунед.

Ин китобро бошад, мехоҳам бо ду ояти Китоби Муқаддас, ки асосан мазмуни ин бобро хулоса мекунанд, анҷом диҳам.

> *Ӯро, ки бо қуввате ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад, — Ӯро дар Калисо ва дар Исои Масеҳ аз насл ба насл то абад ҷалол бод, омин.*
>
> – Эфсӯсиён 3:20, 21

Шумо ҳеҷ гоҳ чизеро, ки дар бораш фикр накардаед, талаб карда наметавонед. Дар айни замон ман ду ҳавопаймо дорам: яке ҳавопаймои хурд, ки бо он барои фароғат парвоз мекунам, ва як ҳавопаймои бизнес-ҷет, ки бо он ба гӯшаи дилхоҳи дунё сафар

мекунам. Вақте ки ман зарурияти харидани ҳавопайморо дида мебаромадам, нархаш маро ба ҳайрат овард. Ҳавопаймоҳо фароғати арзон нестанд. Ман ақибнишинӣ карда, ба фикр фурӯ рафтам: "Ман бе бизнес-ҷет ҳам зиндагӣ карда метавонам". Аммо ман ҳар ҳафта бо ширкатҳои ҳавопаймоии тиҷоратӣ парвоз мекардам, ва дар яке аз моҳҳо бисту се парвоз анҷом додам. Ин хеле хастакунанда буд. Бале, ман гуфта метавонам, ки таъминотам хуб буд. Тамоми парвозҳои ман пардохт шуда буданд, барои пардохтани онҳо дар масъалаи пул ягон хел мушкилӣ надоштам. Аммо сафарҳои ман оромии маро камтару камтар таъмин мекарданд. Парвозҳо лағв ё ба таъхир афтода, ба бесарусомонии воқеӣ табдил меёфтанд. Ин на он шанбее буд, ки ман ниёз доштам.

Ниҳоят, ман иқрор шудам, ки дар ин масъала Худоро маҳдуд карда истодаам. Ӯ Худои ҳиссаи дучанд аст. Бо таассуф гуфта метавонам, ки ман ва Дренда барои харидани ҳавопаймо дудила будем. Ниҳоят, Худо таваҷҷӯҳи моро ба ин ҳавопаймо ҷалб кард ва гуфт, ки Ӯ ин ҳавопайморо дар давоми ду сол додан мехост! Мо тавба кардем ва тасмим гирифтем. Мо маҳз ба ҳамон бизнес-ҷет, ки мехостем ва барояш эҳтиёҷ доштем, тухмӣ кишт кардем, ва пас аз ду моҳ онро гирифтем. Дар ин муддат Худо ба ман дар баъзе муомилоти тиҷоратӣ фаросат ва барор ато кард, ва пул вақте пайдо шуд, ки он ба мо лозим буд. Бале, Худованд – ин Худои ҳиссаи дучанд. Фарқ дар чист? Хуб, дар ҳаёти ман фарқи байни парвозҳо бо ҳавопаймои шахсӣ ва парвозҳои тиҷоратӣ монанди он аст, ки савори дучарха шуда, ба вохӯрие меравӣ, ки 50 мил дуртар аз хона таъин шудааст. Ҷиддӣ! Ва Худо дар давоми ду сол кӯшиш мекард инро ба ман бирасонад, дар ҳоле ки ман бо шиками сер танҳо чашм меандохтам, вале нисбат ба ҳиссаи дучанд, ки Худо ба ман аллакай дода буд, кӯр будам. Ман танҳо онро бояд медидам.

Эҳтимол, шумо мошинеро меронед, ки он қадар ба таъмир мӯҳтоҷ аст, ки саҳарӣ, базӯр чашм кушода, дуо мекунед, ки он ба кор дарояд. Ба суратҳисоби холии бонкӣ нигоҳ карда, дар бораи зиндамонӣ қарор қабул карданро бас кунед. Ба ҷои ин ба Худои

ҳиссаи дучанд иҷозат диҳед, ки пораҳо, чизҳои махфиеро, ки барои озод будан ва аз сулҳу оромии шанбе лаззат бурдан дар бораашон мо бояд донем, нишон диҳад. Ӯ ба шумо нақша медиҳад ва нишон медиҳад, ки чӣ тавр онро амалӣ кардан мумкин аст. Фақат талаб кунед. Чуноне ки Исо гуфтааст: "Ҳеҷ чиз талаф нашавад!" Ҳиссаи дучанд аллакай барои шумо пешбинӣ карда шудааст!

> *Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад. Зеро, касе ки ба оромии Ӯ дохил шудааст, худаш низ аз корҳои худ ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ.*
>
> – Ибриён 4:9, 10

Ман боварӣ дорам, ки ин китоб барои шумо ва роҳравии шумо бо Худованд Исои Масеҳ баракат шуд. Тавре ки ман аллакай гуфтам, ин китоби дуюм аст аз силсилаи “Инқилоби молиявии ту”. Онҳо ҳамагӣ панҷто мешаванд, аз ин рӯ нашри китоби навбатиро дар сайти мо пайгирӣ кунед. Ҳамчунин дар бораи он андеша кунед, ки узви Team Revolution – барномаи шогирдсозии мо шавед. Шумо инчунин метавонед маълумоти бештарро оиди Team Revolution дар сайтҳои мо пайдо кунед.

Гэри ва Дренда Киси соҳибон ва идоракунандагони гурӯҳи молиявии Forward Financial Group дар Ню-Олбани, иёлати Оҳайо, мебошанд,

1-(800)-815-0818.

Гэри ва Дренда Киси шубонҳои калисои “Ҳаёт бо имон” дар Ню-Олбани, иёлати Оҳайо, мебошанд.

Маводҳои дигари Гэри ва Дренда Киси дар сайтҳои FaithLifeNow.com, GaryKeesee.com ё Drenda.com дастрас мебошанд.

**Китобҳои Гэри Киси аз силсилаи**
**«Инқилоби молиявии ту»**

Қуввати ризоият

Қуввати стратегия

Қуввати таъминот

Қуввати саховатмандӣ

Барои зеркашии таълимоти

бештари ройгон ба забони худ,

ҳатман ба вебсайти мо

**FLNFree.com** ташриф оред!

Манбаъҳои бештари омӯзиширо РОЙГОН ба забони худ мехоҳед?
Ба **FLNFree.com** ташриф оред.

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ
## Қуввати оромӣ

**Шумо хаста шудед?**

**Аз давиданҳои калламушмонанд хаста шудед?**
**Аз эҳсоси рукуд хаста шудед?**
**Аз ташвиш хаста шудед?**
**Аз набудани хушбахтӣ хаста шудед?**

**Шумо дигар набояд ин тавр зиндагӣ кунед.**

Ба Гэри Киси дар ин саёҳати аҷиб, ки пур аз кушоишҳо аст, ҳамроҳ шавед ва ДАР БОРАИ СИСТЕМАИ НАВ ОМӮЗЕД – системае, ки ҳаёти шуморо пурра тағйир медиҳад, чуноне ки пас аз нӯҳ соли тӯлонии хастагӣ ва мубориза барои зиндамонӣ ҳангоми нафаси охирин дар соҳаи молия, ҷисмонӣ ва эмотсионалӣ ҳаёти ӯро тағйир дод.

Бидонед:

- Чӣ тавр вазъ барои Гэри тағйир ёфт – чӣ тавр ӯ роҳи пур аз ноумедии молиявӣ ва ҷисмониро то ҳаёти солим ва мақсаднок тай кард. Акнун ӯ барои мошинҳо бо пули нақд пардохт мекунад, қарздор нашуда, хонаи худро месозад, чандин ширкатҳо таъсис медиҳад ва ба садҳо ҳазор одамон дар тамоми дунё оиди ҳаёт дар Подшоҳӣ таълим медиҳад... оиди ҳаёт дар оромӣ.
- Чӣ тавр вазъ метавонад, ки барои ШУМО низ тағйир ёбад – чӣ тавр ШУМО метавонед дар оромии комил зиндагӣ кунед.

Ҳатто агар ҳамаи он касоне, ки шумо мешиносед, аз хастагӣ ва беқувватӣ азоб мекашанд ва аз по меафтанд, то ки нӯг ба нӯг зиндагӣ кунанд, шумо набояд ҳамин тавр зиндагӣ кунед.

Принсипҳои калидии шанберо омӯхта, шумо дар ҳаёти худ натиҷаҳои воқеиро дида метавонед. Шумо метавонед дар ҷое зиндагӣ кунед, ки эҳтиёҷоти шумо қонеъ гардонида мешаванд. Шумо аз такопӯйҳои калламушмонанд озод мешавед, озодона рисолат ва шавқи худро пайдо мекунед ва некӯаҳвол мешавед. Бо он принсипҳо шумо муваффақ мешавед, на ин ки танҳо барои зиндамонӣ мубориза мебаред, ва ба ҷаҳон натиҷаҳоеро намоиш медиҳед, ки дигарон дидани онҳоро орзу мекунанд.

Карахт нашавед. Асири хастагӣ нашавед.

Барои худ ҳаёти навро кашф кунед!



Гэри Киси – муаллиф, сухангӯ, соҳибкор, мутахассиси соҳаи молия ва шубон, ки ба одамон барои ғалаба кардан дар ҳаёт, махсусан дар соҳаи имон, оила ва молия кӯмак мекунад. Гэри ва ҳамсари ӯ Дренда – таъсисдиҳандагони якчанд ширкатҳо ва асосгузорони хидматгузории "Ҳаёт бо имон", ки ду барномаи телевизионӣ ("Ҳалли масъалаҳои пулӣ" ва "Дренда") намоиш медиҳад, дар саросари ҷаҳон анҷуманҳо доир мекунад ва маводҳои амалӣ фароҳам меорад. Зану шавҳар Кисиҳо – шубонҳои калисои "Ҳаёт бо имон" мебошанд, ки дар наздикии шаҳри Колумбус, иёлоти Оҳайо, ҷойгир шудааст.

GKM GARY KEESEE MINISTRIES

garykeesee.com